ISSN 2075 – 9584

МАРКАЗИ ТАДҚИҚОТИ СТРАТЕГИИ
НАЗДИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

# ТОҶИКИСТОН
# ВА ҶАҲОНИ ИМРӮЗ

ЦЕНТР СТРАТЕГИЧЕСКИХ ИССЛЕДОВАНИЙ
ПРИ ПРЕЗИДЕНТЕ РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН

# ТАДЖИКИСТАН
# И СОВРЕМЕННЫЙ МИР

CENTER FOR STRATEGIC RESEARCH UNDER THE
PRESIDENT OF THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN

# TAJIKISTAN
# AND CONTEMPORARY WORLD

№2 (94) 2026

Душанбе – 2026

**Муассис:** Маркази тадқиқоти стратегии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. Маҷалла соли 2003 таъсис ёфтааст. Дар як сол чор шумора нашр мешавад.

**САРМУҲАРРИР:**

**Усмонзода Хайриддин Усмон**–доктори илмҳои фалсафа, профессор, узви вобастаи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон

**МУОВИНИ САРМУҲАРРИР:**

**Муртазозода Ораз**–номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент

**ҲАЙАТИ ТАҲРИРИЯ:**

**Раҳимзода Шариф Махсум –** доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор
**Мирсаидов Аброр Бобоевич –** доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор
**Пиризода Ҷалил Сафар –** доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор
**Саидмуродов Лутфулло Ҳабибуллоевич**–доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор, узви вобастаи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон
**Қудратов Рустам Раҳматович –** доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор
**Давлатзода Қудрат Қамбар –** доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор
**Муҳаммадзода Парвиз Абдураҳмон –** доктори илмҳои сиёсӣ, профессор
**Муъмин Назар Абдуҷалол –** доктори илмҳои фалсафа
**Шарифзода Саидҳомид Сафар –**номзади илмҳои таърих
**Давлатов Рамазонӣ –** номзади имлҳои фалсафа

**КОТИБИ МАСЪУЛ:**

**Ҳамдамов Бахтиёр -** сардори Раёсати таъминоти иттилоотии Маркази тадқиқоти стратегии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон

**ТАРҶУМА ВА ТАҲРИРИ МАТНҲОИ ТОҶИКӢ, РУСӢ ВА АНГЛИСӢ:**

**Қиёмиддин Сатторӣ**
**Мансур Суруш**
**Абдуллозода Абдулло**
**Содатқадамова Мадина**

*Маҷаллаи **“Тоҷикистон ва ҷаҳони имрӯз”** ба феҳристи маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 02 декабри соли 2024 таҳти №460/м ва Комиссияи олии аттестатсионии Вазорати маориф ва илмӣ Федерасияи Русия ворид карда шудааст. Инчунин, маҷалла дар Индекси маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи Русия (РИНЦ) пайваста дохил карда мешавад. Маҷаллаи мазкур дар Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти № 436/МҶ - 97 аз 07 октябри соли 2025 ба қайд гирифта шудааст.*

**ТАМОС:**

**Нишонӣ:** 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, кӯчаи Шоҳтемур 27;
тел: (992 37) 221-11-00, 221-32-36; e-mail: vestnik@mts.tj

**Учредитель:** Центр стратегических исследований при Президенте Республики Таджикистан. Журнал основан в 2003 году. Периодичность издания 4 раза в год.

**ГЛАВНЫЙ РЕДАКТОР:**
**Усмонзода Хайриддин Усмон** – доктор философских наук, профессор, член-корреспондент Национальной академии наук Таджикистана

**ЗАМЕСТИТЕЛЬ ГЛАВНОГО РЕДАКТОРА:**
**Муртазозода Ораз** – кандидат экономических наук, дотцент

**РЕДАКЦИОННАЯ КОЛЛЕГИЯ:**
**Рахимзода Шариф Махсум** – доктор экономических наук, профессор
**Мирсаидов Аброр Бобоевич** – доктор экономических наук, профессор
**Пиризода Джалил Сафар** – доктор экономических наук, профессор
**Саидмуродов Лутфулло Хабибуллоевич** – доктор экономических наук, профессор, член–корреспондент Национальной академии наук Таджикистана
**Кудратов Рустам Рахматович** – доктор экономических наук, профессор
**Давлатзода Кудрат Камбар** – доктор экономических наук, профессор
**Мухаммадзода Парвиз Абдурахмон** – доктор политических наук, профессор
**Муъмин Назар Абдуджалол** – доктор философских наук,
**Шарифзода Саидхомид Сафар** – кандидат исторических наук
**Давлатов Рамазони** – кандидат философских наук

**ОТВЕТСТВЕННЫЙ СЕКРЕТАРЬ:**
**Хамдамов Бахтиёр -** начальник Управления информационного обеспечения Центра стратегических исследований при Президенте Республики Таджикистан

**ПЕРЕВОД И РЕДАКТИРОВАНИЕ ТАДЖИКСКИХ, РУССКИХ И АНГЛИЙСКИХ ТЕКСТОВ:**
**Киёмиддин Саттори**
**Мансур Суруш**
**Абдуллозода Абдулло**
**Содаткадамова Мадина**

*Журнал* ***«Таджикистан и современный мир»*** *включен в перечень ведущих рецензируемых журналов и изданий Высшей Аттестационной Комиссии при Президенте Республики Таджикистан от 02 декабря 2024 года за №460/м и Высшей Аттестационной Комиссии (ВАК) Министерства образования и науки Российской Федерации. А также журнал входит в Индекс рецензируемых научных журналов России (РИНЦ). Зарегистрирован в Министерстве культуры Республики Таджикистан. Свидетельство о регистрации (№ 436/МҶ - 97 от 07 октября 2025 года).*

**КОНТАКТЫ:**
**Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, город Душанбе, улица Шотемура 27;
тел: (992 37) 221-11-00, 221-32-36; e-mail: vestnik@mts.tj

**Founder:** Center for Strategic Research under the President of the Republic of Tajikistan. The journal was founded in 2003. The journal is published four times per year.

**CHIEF EDITOR:**

**Usmonzoda Khayriddin Usmon** – Doctor of Philosophy Sciences, Professor, Corresponding Member of the National Academy of Sciences of Tajikistan

**DEPUTY CHIEF EDITOR:**

**Murtazozoda Oraz** – Candidate of Economic Sciences, Docent

**EDITORIAL BOARD:**

**Rahimzoda Sharif Makhsum** – Doctor of Economic Sciences, Professor
**Mirsaidov Abror Boboevich** – Doctor of Economic Sciences, Professor
**Pirizoda Jalil Safa**r – Doctor of Economic Sciences, Professor
**Saidmurodov Lutfullo Habibulloevich** – Doctor of Economic Sciences, Professor, Corresponding Member of the National Academy of Sciences of Tajikistan
**Qudratov Rustam Rahmatovich** – Doctor of Economic Sciences, Professor
**Davlatzoda Qudrat Qambar** – Doctor of Economic Sciences, Professor
**Muhammadzoda Parviz Abdurahmon** – Doctor of Political Sciences, Professor
**Mumin Nazar Abdujalol** – Doctor of Philosophy Sciences,
**Sharifzoda Saidhomid Safar** – Candidate of Historical Sciences
**Davlatov Ramazoni** - Candidate of Philosophy Sciences

**EXECUTIVE SECRETARY:**

**Hamdamov Bakhtiyor** – Head of the Department of Information Support of the Center for Strategic Research under the President of the Republic of Tajikistan

**TRANSLATION AND EDITING OF TAJIK, RUSSIAN AND ENGLISH TEXTS:**

**Qiyomiddin Sattori**
**Mansur Surush**
**Abdullozoda Abdullo**
**Sodatqadamova Madina**

The journal **"Tajikistan and contemporary World"** has been included in the list of leading peer-reviewed journals and publications by the Higher Attestation Commission under the President of the Republic of Tajikistan as of December 02, 2024, No.460/м, and by the Higher Attestation Commission (HAC) of the Ministry of Education and Science of the Russian Federation. Additionally, the journal is indexed in the Russian Science Citation Index (RSCI). It is registered with the Ministry of Culture of the Republic of Tajikistan. The registration certificate (No. 436/MJ-97) was issued on October 7, 2025.

**CONTACTS:**

**Address** of the founder: 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe city, Shotemur street 27.
Tel: (992 37) 221-11-00, 221-32-36; e-mail: vestnik@mts.tj

## МУНДАРИҶА

### СИЁСАТШИНОСӢ

*ЭМОМАЛӢ РАҲМОН ВА МУЗОКИРОТИ СИЁСӢ*
**РАҶАБОВ САИТУМБАР АДИНАЕВИЧ,**
**МАҲМАДОВА ФАРЗОНА АБДУРАҲМОНОВНА..................................11**

*РАВАНДИ ТАШАККУЛ ВА РУШДИ ДИГАРГУНИҲОИ СИЁСӢ-ҲУҚУҚӢ ДАР ҲАЁТИ СИЁСИИ ТОҶИКИСТОН*
**ШАРИФЗОДА ЛОҲУТӢ ШАРИФ**
**МУМИНОВ ФИРДАВС.........................................................................27**

*РАВАНДҲОИ СИЁСӢ: МОҲИЯТИ ҶАНБАҲОИ НАЗАРИЯВӢ ВА ХУСУСИЯТҲОИ СОХТОРИЮ ФУНКСИОНАЛӢ*
**АБДУСАЛОМЗОДА АНЗУРАТ..................................................................40**

*ТАНОСУБИ АРЗИШҲОИ СИЁСӢ ВА АХЛОҚӢ ДАР ДАВРАИ СОҲИБИСТИҚЛОЛИИ ТОҶИКИСТОН*
**ЗУВАЙДУЛЛОЗОДА МУҲИБУЛЛО ҲАБИБУЛЛО..............................50**

### ИҚТИСОДИЁТ

*ИДОРАКУНИИ СОҲАИ ИҶТИМОӢ: МОҲИЯТ, ХУСУСИЯТ ВА МЕТОДҲОИ ОН ДАР ЗАМОНИ МУОСИР*
**МИРСАИДОВ АБРОР БОБОЕВИЧ**
**ЮСУФӢ ШАМСУЛЛО НЕМАТУЛЛО....................................................59**

*РУШДИ ИНФРАСОХТОРИ АМАЛИЁТҲОИ ҒАЙРИНАҚДӢ ДАР ЗАМИНАИ ГУЗАРИШ БА ИҚТИСОДИ РАҚАМӢ*
**ШАМСЗОДА ИЛЁСҶОН САФАР..............................................................73**

*РОБИТАИ БАЙНИ МУЗДИ МЕҲНАТ ВА ҲОСИЛНОКИИ МЕҲНАТ ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ДАР РАВАНДИ РУШДИ ШУҒЛИ ПУРМАҲСУЛ*
**ҶӮРАХОНЗОДАИ САОДАТИ ЧУРАХОН,**
**НАСРИДДИНОВ ФИРДАВС ИНОЯТОВИЧ............................................84**

*МУНОСИБАТҲОИ МОЛИКИЯТИ ЗЕҲНӢ ДАР ШАРОИТИ ИҚТИСОДИЁТИ РАҚАМӢ*
**ГУЛОВ ШЕРАЛИ МАҲМАДСАИДОВИЧ,**
**ҶОНАЛОЕВ МУСТАФО САЙФУЛЛОЕВИЧ..........................................93**

*ЗЕҲНИ СУНЪӢ ҲАМЧУН ОМИЛИ ТАҲРИКДИҲАНДАИ НОБАРОБАРИИ ИҶТИМОӢ*
**ДОВГЯЛЛО ЯНА ПАВЛОВНА,**
**МАЛИНОВИЧ ЕВГЕНИЯ ВИКТОРОВНА..............................................105**

*ТАМСИЛАҲОИ МУОСИРИ ШАРИКИИ ИҶТИМОИИ СУБЪЕКТҲОИ БАХШИ ҒАЙРИДАВЛАТИИ ИҚТИСОДИЁТ*
**ШОҲИЁН АБДУРАҲИМ МАҲМАДУЛЛО............................................117**

*ТАҶРИБАИ ҶАҲОНИИ ТАЪМИНИ РУШДИ ИҶТИМОӢ-ИҚТИСОДИИ МИНТАҚАҲО*
**КЕНЖАЕВ ИКРОМ УМАРКУЛОВИЧ....................................................131**

## ҶОМЕАШИНОСӢ

*АҲАМИЯТИ МЕТОДОЛОГИИ ПРИНСИПҲОИ СИНЕРГЕТИКАИ ИҶТИМОӢ ДАР ТАҲЛИЛИ РАВАНДҲОИ ҶОМЕА*
**САИДОВ АБДУЛМОН САТОРОВИЧ**
**ҶОННАЗАРОВА ДИЛШОДА ХУДОЙНАЗАРОВНА.............................147**

*ТАҲЛИЛИ БАЪЗЕ НИШОНДИҲАНДАҲОИ СОҲАИ ТАНДУРУСТӢ ВА ДУРНАМОИ ОН*
**НАЗИРОВА МАРҲАМАТ НАЗАРОВНА,**
**БОБОХОНОВА НИЛУФАР ЗИЁРАТШОЕВНА....................................157**

*ТАШХИСИ ИҶТИМОӢ ҲАМЧУН УСУЛИ ПЕШГИРИИ ДЕВИАТСИЯИ ИҶТИМОӢ*
**КОМИЛЗОДА МАВҶУДА ДАВЛАТҶОН..............................................172**

## СОДЕРЖАНИЕ

### ПОЛИТОЛОГИЯ

*ЭМОМАЛИ РАХМОН И ПОЛИТИЧЕСКИЕ ПЕРЕГОВОРЫ*
**РАДЖАБОВ САИТУМБАР АДИНАЕВИЧ,**
**МАХМАДОВА ФАРЗОНА АБДУРАХМОНОВНА..................................11**

*ЭВОЛЮЦИЯ ПОЛИТИЧЕСКИХ ПРОЦЕССОВ – ВАЖНЫЙ ФАКТОР В РАЗВИТИИ ПОЛИТИКО-ПРАВОВЫХ ИЗМЕНЕНИЙ В ПОЛИТИЧЕСКОМ ПРОСТРАНСТВЕ ТАДЖИКИСТАНА*
**ШАРИФЗОДА ЛОХУТИ ШАРИФ**
**МУМИНОВ Ф ФИРДАВС.......................................................................27**

*ПОЛИТИЧЕСКИЕ ПРОЦЕССЫ: СУЩНОСТЬ ТЕОРЕТИЧЕСКИХ АСПЕКТОВ И СТРУКТУРНО-ФУНКЦИОНАЛЬНЫЕ ОСОБЕННОСТИ*
**АБДУСАЛОМЗОДА АНЗУРАТ..................................................................40**

*СООТНОШЕНИЕ ПОЛИТИЧЕСКИХ И МОРАЛЬНЫХ ЦЕННОСТЕЙ В ПЕРИОД НЕЗАВИСИМОСТИ ТАДЖИКИСТАНА*
**ЗУВАЙДУЛЛОЗОДА МУХИБУЛЛО ХАБИБУЛЛО...............................50**

### ЭКОНОМИКА

*УПРАВЛЕНИЕ СОЦИАЛЬНЫМ СЕКТОРОМ: ЕГО СУЩНОСТЬ, ХАРАКТЕРИСТИКИ И МЕТОДЫ В СОВРЕМЕННУЮ ЭПОХУ*
**МИРСАИДОВ АБРОР БОБОЕВИЧ**
**ЮСУФИ ШАМСУЛЛО НЕМАТУЛЛО....................................................59**

*РАЗВИТИЕ ИНФРАСТРУКТУРЫ БЕЗНАЛИЧНЫХ ТРАНЗАКЦИЙ В КОНТЕКСТЕ ПЕРЕХОДА К ЦИФРОВОЙ ЭКОНОМИКЕ*
**ШАМСЗОДА ИЛЁСДЖОН САФАР.........................................................73**

*ВЗАИМОСВЯЗЬ ЗАРАБОТНОЙ ПЛАТЫ И ПРОИЗВОДИТЕЛЬНОСТИ ТРУДА В РЕСПУБЛИКЕ ТАДЖИКИСТАНЕ В ПРОЦЕССЕ РАЗВИТИЯ ПРОДУКТИВНОЙ ЗАНЯТОСТИ*
**ДЖУРАХОНЗОДА САОДАТ ДЖУРАХОН**
**НАСРИДДИНОВ ФИРДАВС ИНОЯТОВИЧ...........................................84**

*ВЗАИМООТНОШЕНИЯ В ОБЛАСТИ ИНТЕЛЛЕКТУАЛЬНОЙ СОБСТВЕННОСТИ В ЦИФРОВОЙ ЭКОНОМИКЕ*
**ГУЛОВ ШЕРАЛИ МАХМАДСАИДОВИЧ**
**ДЖОНАЛОЕВ МУСТАФО САЙФУЛЛОЕВИЧ......................................93**

*ИСКУССТВЕННЫЙ ИНТЕЛЛЕКТ КАК ФАКТОР СТИМУЛИРОВАНИЯ СОЦИАЛЬНОГО НЕРАВЕНСТВА*
**ДОВГЯЛЛО ЯНА ПАВЛОВНА**
**МАЛИНОВИЧ ЕВГЕНИЯ ВИКТОРОВНА............................................105**

*СОВРЕМЕННЫЕ ПРЕДСТАВЛЕНИЯ О СОЦИАЛЬНОМ ПАРТНЕРСТВЕ СУБЪЕКТОВ НЕГОСУДАРСТВЕННОГО ЭКОНОМИЧЕСКОГО СЕКТОРА*
**ШОХИЁН АБДУРАХИМ МАХМАДУЛЛО...........................................117**

*МИРОВОЙ ОПЫТ ПО ОБЕСПЕЧЕНИЮ СОЦИАЛЬНО-ЭКОНОМИЧЕСКОГО РАЗВИТИЯ РЕГИОНОВ*
**КЕНЖАЕВ ИКРОМ УМАРКУЛОВИЧ................................................131**

## СОЦИОЛОГИЯ

*МЕТОДОЛОГИЧЕСКОЕ ЗНАЧЕНИЕ ПРИНЦИПОВ СОЦИАЛЬНОЙ СИНЕРГЕТИКИ В АНАЛИЗЕ ОБЩЕСТВЕННЫХ ПРОЦЕССОВ*
**САИДОВ АБДУЛМАНОН САТОРОВИЧ**
**ДЖОННАЗАРОВА ДИЛШОДА ХУДОЙНАЗАРОВНА.........................147**

*АНАЛИЗ НЕКОТОРЫХ ПОКОЗАТЕЛЕЙ СФЕРЫ ЗДРАВООХРАНЕНИЯ И ЕГО ПЕРСПЕКТИВЫ*
**НАЗИРОВА МАРХАМАТ НАЗАРОВНА**
**БОБОХОНОВА НИЛУФАР ЗИЁРАТШОЕВНА....................................157**

*СОЦИАЛЬНАЯ ДИАГНОСТИКА КАК МЕТОД ПРОФИЛАКТИКИ СОЦИАЛЬНОЙ ДЕВИАЦИИ*
**КОМИЛЗОДА МАВДЖУДА ДАВЛАТДЖОН........................................172**

# CONTENT

## POLITICAL SCIENCE

*EMOMALI RAHMON AND POLITICAL NEGOTIATIONS*
**RAJABOV SAITUMBAR ADINAEVICH,**
**MAKHMADOVA FARZONA ABDURAHMONOVNA..............................11**

*THE EVOLUTION OF POLITICAL PROCESSES AS AN IMPORTANT FACTOR IN THE DEVELOPMENT OF POLITICAL AND LEGAL CHANGES IN THE POLITICAL SPACE OF TAJIKISTAN*
**SHARIFZODA LOHUTI SHARIF**
**MUMINOV FIRDAVS.........................................................................27**

*POLITICAL PROCESSES: THE NATURE OF THEORETICAL ASPECTS AND STRUCTURAL–FUNCTIONAL FEATURES*
**ABDUSALOMZODA ANZURAT..................................................................40**

*THE RELATIONSHIP BETWEEN POLITICAL AND MORAL VALUES DURING THE PERIOD OF INDEPENDENCE OF TAJIKISTAN*
**ZUVAIDULLOZODA MUHIBULLO HABIBULLO...................................50**

## ECONOMY

*SOCIAL SECTOR MANAGEMENT: ITS ESSENCE, CHARACTERISTICS, AND METHODS IN THE MODERN ERA*
**MIRSAIDOV ABROR BOBOEVICH**
**YUSUFI SHAMSULLO NEMATULLO.......................................................59**

*DEVELOPMENT OF NON-CASH TRANSACTIONS INFRASTRUCTURE IN THE CONTEXT OF TRANSITION TO THE DIGITAL ECONOMY*
**SHAMSZODA ILYASJON SAFAR..............................................................73**

*THE RELATIONSHIP BETWEEN WAGES AND LABOR PRODUCTIVITY IN THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN IN THE PROCESS OF DEVELOPING PRODUCTIVE EMPLOYMENT*
**JURAKHONZODA SAODAT JURAKHON**
**NASRIDDINOV FIRDAVS INOYTOVICH.................................................84**

*INTELLECTUAL PROPERTY RELATIONS IN THE DIGITAL ECONOMY*
**GULOV SHERALI MAHMADSAIDOVICH**
**JONALOEV MUSTAFO SAIFULLOEVICH..............................................93**

*ARTIFICIAL INTELLIGENCE AS A FACTOR OF STIMULATING SOCIAL INEQUALITY*
**DOVGYALLO YANA PAVLOVNA**
**MALINOVICH EVGENIYA VIKTOROVNA............................................105**

*CONTEMPORARY CONCEPTS OF SOCIAL PARTNERSHIP OF ENTITIES IN THE NON-STATE ECONOMIC SECTOR*
**SHOHIYON ABDURAHIM MAHMADULLO...........................................117**

*WORLD EXPERIENCE IN ENSURING SOCIAL AND ECONOMIC DEVELOPMENT OF REGIONS*
**KENZHAEV IKROM UMARKULOVICH.................................................131**

**SOCIOLOGY**

*THE METHODOLOGICAL SIGNIFICANCE OF SOCIAL SYNERGETICS PRINCIPLES IN THE ANALYSIS OF SOCIAL PROCESSES*
**SAIDOV ABDULMANON SATOROVICH**
**DZHONNAZAROVA DILSHODA KHUDOYNAZAROVNA...................147**

*ANALYSIS OF SOME INDICATORS OF THE HEALTHCARE SPHERE AND ITS PROSPECTS*
**NAZIROVA MARHAMAT NAZAROVNA**
**BOBOKHONOVA NILUFAR ZIYORATSHOEVNA................................157**

*SOCIAL DIAGNOSTICS AS A METHOD OF PREVENTING SOCIAL DEVIATION*
**KOMILZODA MAVJUDA DAVLATJON.................................................172**

**УДК: 321.7:327.56(575.3)**

## ЭМОМАЛӢ РАҲМОН ВА МУЗОКИРОТИ СИЁСӢ

**РАҶАБОВ САИТУМБАР АДИНАЕВИЧ,**
доктори илмҳои ҳуқуқ, профессор, мудири шуъбаи ҳуқуқи байналмилалии Институти давлат ва ҳуқуқи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон
734025, Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 19;
тел.:981-03-16-78; e-mail: saidumar1951@mail.ru

**МАҲМАДОВА ФАРЗОНА АБДУРАҲМОНОВНА,**
унвонҷӯйи шуъбаи масоили сиёсии муносибатҳои байналмилалии Институти фалсафа ва сиёсатшиносии ба номи А. Баҳоваддинови Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон
734018, Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 33;
тел.: 900-62-62-29; e-mail: fmakhmadova@list.ru

*Муаллифон дар мақолаи мазкур нақши Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмонро дар раванди музокироти сиёсӣ мавриди баррасӣ қарор додаанд. Онҳо кӯшиш намудаанд, ки баъзе ҷанбаҳои раванди музокироти сиёсиро дар танзими ҳалли низоъҳои маҳаллӣ дар Осиёи Марказиро баҳогузорӣ намоянд. Дар мақола мақоми Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмонро ҳамчун сарвари сиёӣ ва музокиркунандаи муваффақ таҳлил намуда, дастовардҳои он касро дар замони соҳибистиқлолӣ дар бобати ҳалли масъалаҳои байнисарҳад нишон дода тавонистаанд.*

*Ба андешаи муаллифон, нақши Эмомалӣ Раҳмон ҳамчун сарвари сиёсӣ дар раванди музокироти сиёсии байни тоҷикон хусусияти амалӣ дошта, таъсири он натанҳо барои кишвари мо, балки барои кишварҳои Осиёи Марказӣ низ аҳаммияти хосса дорад. Муаллифон асоснок намудаанд, ки масъалаи хотима бахшидани баҳсҳои байнисарҳадӣ, пеш аз ҳама, ба Пешвои миллат вобастагиии зич дорад.*

***Калидвожаҳо:*** *музокироти сиёсӣ, музокироти мустақим, Эмомалӣ Раҳмон, низоъ, раванди низоъ, танзими низоъ, Осиёи Марказӣ, Тоҷикистон, Қирғзистон, Ӯзбекистон, миёнарав, музокиракунанда, Эъломияи Хуҷанд, сулҳ, амният.*

Дар раванди музокироти сиёсӣ мақоми омили инсонӣ хеле таъсири зиёд дошта, музокиркунандаи ботаҷриба ва муваффақ хатарҳои сиёсиро бо табдил додани муқовимат ба муколамаи созанда коҳиш медиҳанд.

Ба андешаи мо, Пешвои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон аз ҷумлаи чунин музокиркунандаи ботаҷриба ва муваффақ ба ҳисоб меравананд.

Яке аз омилҳои калидии рафъи бuҳрон ва оғози раванди барқарорсозии давлат шахсияти раҳбари сиёсӣ Эмомалӣ Раҳмон буд.

Бояд махсусан зикр намоем, ки нақши Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ҳамчун музокиракунандаи муваффақ дар таърихи муосири Тоҷикистон, бахусус, дар бобати рафъи ҷанги шаҳрвандӣ (1992–1997) ва ба даст овардани оштии миллӣ, хеле барҷаста мебошад.

Давра ба давра собит шуд, ки Пешвои миллат аз зумраи он сарвароне мебошанд, ки сулҳро асоси пешрафти тамоми соҳаҳо, зиндагии осудаи аҳолӣ ва суботу амнияти тамоми башарият медонанд. Он кас зимни суханронии нахустини хеш ҳамчун Сарвари давлат иброз намуда буданд: “Ман кори худро аз сулҳ оғоз хоҳам кард” [9].

Эмомалӣ Раҳмон натанҳо рамзи сулҳу субот, балки омили муттаҳидшавии ҷомеа низ гардид. Дар шароити низоъҳои шадид он кас ҳамчун миёнарав, кафил ва меъмори системаи сиёсии оянда хидмат карданд. Ӯ бо кӯшишҳои шахсии худ ва иштирок дар музокироти байнитоҷикон ва барқарор кардани эътимод байни ҷонибҳои даргирро оғоз намуданд.

Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар як лаҳзаи муҳимми тақдирсоз ба мақоми сарвари давлат расида, дар муқоиса ба ҳалли низомии низоъ, муколамаи осоиштаро ҳамчун авлавияти фаъолияти худ қарор доданд. Ӯ шахсан дар даврҳои музокирот иштирок намуда, аз ҷумла бо мухолифини тоҷик мулоқотҳо доир намуда, сабр ва омодагии худро барои созиш нишон доданд. Сарфи назар аз таҳдидҳои амниятӣ, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ҳамчун музокиракунандаи муваффақ соли 1995 барои нахустин мулоқоти рӯ ба рӯ бо раҳбарони мухолифин ба Афғонистон сафар карданд ва як нуқтаи муҳим дар равандид музокирот гардид, ки ин аз шуҷоати баланди Сарвари сиёсии Тоҷикистон далолат мекунад.

Эмомалӣ Раҳмон барои пешбурди музокирот аз миёнаравии кишварҳои ҷаҳон (Русия, Эрон, Қазоқистон, Ӯзбекистон, Туркманистон, Қирғизистон, Покистон ва ғайра) ва созмонҳои бонуфузи байналмилалӣ, аз ҷумла СММ бо муваффақият истифода намуданд.

Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ҳамчун музокиракунандаи муваффақ ташаббуси бозгашти бехатари садҳо ҳазор паноҳандаи тоҷик аз Афғонистон ва кишварҳои ИДМ-ро ба миён гузошт, ки ин шарти асосии ба эътидол овардани вазъ буд.

Муваффақияти Эмомалӣ Раҳмон ҳамчун музокиракунандаи муваффақ дар табдил додани низоъҳои мусаллаҳонаи фаъол ба муколамаи сиёсӣ аст, ки ба он кас имкон дод, ки дар як давраи ҳассос якпорчагии давлатро ҳифз намоянд. Барои ин дастовардҳо ба муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон унвони расмии "Асосгузори сулҳ ва ваҳдати миллӣ–Пешвои миллат"-ро сазовор донистанд.

Бояд қайд кард, ки Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар раванди музокирот нақши муҳим бозида, бо имзои "Созишномаи умумии истиқрори сулҳ ва ризояти миллӣ дар Тоҷикистон" ба ҷанги таҳмилии шаҳрвандӣ дар Тоҷикистон хотима бахшиданд. Кӯшишҳои он кас барои ноил шудан ба ваҳдати миллӣ, муколамаи сиёсӣ ва сиёсати муваффақонаи хориҷӣ истиқлоли кишварро тақвият ва нуфузи онро афзун карданд.

Раванди музокирот эътибори муҳтарам Эмомалӣ Раҳмонро ҳамчун як Пешвои миллӣ, ки қодир ба муттаҳид кардани кишвар аст, тақвият бахшид. Илова бар ин, дар раванди музокироти кишварҳои Осиёи Марказӣ нақши омили шахсият, махсусан, эътибору обрӯйи муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ҳамчун музокиракунандаи муваффақ дар давраи музокироти Тоҷикистон ва Қирғизистон хеле боло рафт.

Ҳангоми баррасии ҳалли низоъ миёни Тоҷикистон ва Қирғизистон тавассути гуфтушунид, як қатор муҳаққиқон ба таҳлили хусусиятҳои шахсияти Эмомалӣ Раҳмон ва Садир Ҷапаров пардохтанд. Инчунин, таваҷҷуҳ ба он равандҳои музокироти сиёсии миёни кишварҳои Осиёи Марказӣ низ афзоиш меёбад, ки хусусиятҳои рафтории музокиракунандагони дигари мушаххасро тавсиф мекунанд.

Нақши шахсият дар музокироти сиёсӣ дар Осиёи Марказӣ аз сабаби хусусияти шахсии ҳокимимияти сиёсӣ, ки дар он президентҳо қудрати олиро соҳибанд, муҳим аст. Роҳбарон шахсан рӯзномаи маҷлисро таҳия мекунанд, самти ҳамкориҳои минтақавиро муайян менамояд ва барои таъмини устувории ҳокимият мувозинат байни бозигарони берунаро нигоҳ медоранд. Яъне, роҳбарони давлатҳо шахсан қарорҳои калидӣ қабул мекунанд ва сиёсати хориҷиро муайян намуда, самаранокии музокирот мустақиман аз фаҳмиш ва санъати роҳбар вобастагӣ дордад.

Масалан, дар музокироти сиёсӣ аксар вақт манфиатҳои давлат ва нухбагони (элитаи) сиёсии он ба назар гирифта мешаванд, ки ин ба қабули қарорҳо, бахусус, дар раванди музокироти миёни Тоҷикистон ва Қирғизистон таъсир расонид.

Президенти Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ҳамеша ҳамчун ташаббускори равандҳои минтақавӣ (масоили об, амният ва ғайра) баромад мекунанд ва тасвири як неруи созандаро эҷод менамоянд, ки боиси ифтихоранд.

Ба шарофати сиёсати хирадмандона ва дурандешонаи Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамеша сулҳҷӯёна ва беғаразона мебошад. Бо эълони сиёсати "дарҳои боз” Тоҷикистон бори дигар садоқати худро ба эҳтироми мутақобила, баробарҳуқуқӣ ва ҳамкории судманд бо ҳамаи кишварҳои наздику дур тасдиқ намуданд. Осиёи Марказӣ дар сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон афзалият дорад. Тоҷикистон ҳамкорӣ бо кишварҳои минтақаро

ҳамчун механизми муҳимми рушди муштарак ва таъмини сулҳу субот мешуморад.

Тоҷикистон ягона роҳи ҳалли ҳама гуна масъалаҳои минтақавиро танҳо тавассути музокироти осоишта мебинад. Тавре ки рӯйдодҳои ахир дар соли 2025 миёни Тоҷикистон ва Қирғизистон нишон доданд, танҳо музокирот тавонист, ки мушкилоти байнисарҳадиро ҳаллу фасл намояд.

Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамеша аз ташаббусҳои минтақавӣ ва байналмилалӣ, ки ба рушд ва шукуфоии Осиёи Марказӣ нигаронида шудаанд, пуштибонӣ мекунад. Татбиқи амалии бисёр тарҳҳо танҳо бо мавҷуд будани сулҳу субот дар минтақа ва атрофи он имконпазир аст. Дар ин робита ҳалли мушкилот, хатарҳо ва таҳдидҳое, ки минтақа бо онҳо мувоҷҳ мегардад, зарур аст.

Метавон гуфт, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон саҳми муносиби худро дар таҳкими амнияти минтақавӣ мегузорад. Қолаби нави ҳамокрие, ки дар сатҳи байналмилалӣ бо номи "Раванди Душанбе" маъруф аст, роҳандозӣ шуда, таваҷҷуҳи ҷомеаҳои минтақавӣ ва ҷаҳониро ба худ ҷалб кардааст. Илова бар ин, суханрониҳои Президенти Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, дар ҳамоишҳои байналмилалӣ ва минтақавӣ ҳамеша бо пешниҳод ва ташаббусҳои созанда садо медиҳанд, ки пеш аз ҳама, ба таъмини амният ва рушди устувори муштарак, тақвияти ҳамкорӣ ва пайвастагии байни давлатҳо ва беҳтар кардани некуаҳволии мардуми минтақаи Осиёи Марказӣ нигаронида шудаанд [7].

Омили шахсӣ шароити хуби кориро дар раванди музокирот фароҳам меорад, аммо метавонанд мушкилотеро низ ба вуҷуд оранд. Вобаста ба ин масъала, таҳлили равандҳои асосии гуфтушунид дар ҷаҳон барои солҳои 2025–2026 нишон медиҳад, ки чунин ҳолат низ ба назар мерасад. Масалан, оғози моҳи феврали соли 2026 шиддат гирифтани якчанд раванди муҳимми гуфтушуниди байналмилалӣ буд, ки ба ҳалли низоъҳои тулонӣ ва ҳалли масъалаҳои дигар дар сатҳи ҷаҳонӣ нигаронида шудаанд. Кӯшишҳои дипломатӣ байни ИМА ва Эрон, Русия ва Украина дар сафи пеш қарор доштанд. Вале раванди муътадили музокироте, ки миёни ИМА ва Эрон идома дошт, бо дарназардошти таъсири омили инсонӣ ва қарори қабулнамудаи шахсиятҳои кишварҳои мавриди назар раванди музокиротро дағалона вайрон карда, ҳамла намуданд.

Дар робита ба масъалаи мазкур, вазири корҳои хориҷии Ҷумҳурии Исломии Эрон Аббос Ароқчӣ рӯзи 4 марти 2026 чунин изҳор намуд: “Вақте ки музокироти мураккаби ҳастаӣ мисли муомилоти амволи ғайриманқул баррасӣ мешавад ва дурӯғҳои бузург воқеиятро хира мекунанд, интизориҳои ғайривоқеӣ амалӣ намешаванд. Натиҷа чӣ хоҳад шуд, мушакборон кардани мизи музокирот аз рӯйи кина ва қаҳр. Ҷаноби Доналд Трамп ба дипломатия ва амрикоиҳое, ки ӯро интихоб кардаанд, хиёнат

кардааст" [1].

Таъсири омили инсонӣ ва амали халалдорсозии раванди музокироти миёни ин кишварҳо, инчунин, ҳамла ба Эронро дигар кишварҳо низ мавриди таҳлилу баррасӣ қарор дода, танқиди шадид намуданд. Масалан, вазири корҳои хориҷии Ҷумҳурии Мардумии Чин Ван И ба он далел таваҷҷуҳ кард, ки ИМА ва Исроил ҳангоми идомаи музокирот ҳамлаҳои муштарак ба Эронро анҷом доданд ва ин ҳамлаҳоро «вайронкунии қонунҳои байналмилалӣ ва меъёрҳои асосии муносибатҳои байналмилалӣ» номид. Ӯ инчунин, зарурати муқовимати муштарак ба амалҳои якҷонибаро таъкид кард: "Ҳамлаҳо ба кишварҳои соҳибихтиёр бидуни тасдиқи Шурои амнияти СММ пояҳои сулҳи пас аз Ҷанги дуюми ҷаҳониро халалдор мекунанд. Ҷомеаи ҷаҳонӣ бояд овози равшан ва қатъиро алайҳи бозгашт ба қонуни ҷангал садо диҳад" [2]. Вале баръакси чунин амалҳо ва таъсири манфии қарорҳои қабулнамудаи як шахсият дар музокироти болозикр, дар раванди музокироти кишварҳои Осиёи Марказӣ нақши омили шахсият ва қарорҳои қабулнамудаи онҳо ба куллӣ фарқ дошт. Масалан, шахсияти роҳбарони сиёсии Тоҷикистон ва Қирғизистон дар сатҳи дуҷониба, инчунин, миёни президентҳои Тоҷикистон, Қирғизистон ва Узбекистон дар сатҳи бисёрҷониба тавонистанд, ки ба раванди музокироти сиёсӣ шахсан таъсири ҷиддӣ расонида, қарори сиёсӣ қабул карданд ва дар як муҳлати кӯтоҳи таърихӣ мушкилоти байнидавлатиро ҳал намуданд.

Дастоварди президентҳои кишварҳои Тоҷикистон, Қирғизистон ва Узбекистон яке аз намунаҳои беназири байни кишварҳо ба шумор рафта, ба рушди ҳамкориҳои минтақавӣ кумак менамояд. Зеро имзо шудани "Шартнома байни Тоҷикистон, Узбекистон ва Қирғизистон дар бораи нуқтаи пайвастшавии сарҳадҳои давлатии се кишвар" ва "Эъломияи Хуҷанд" доир ба дӯстии абадӣ, ба баҳсҳои бисёрсолаи сарҳадии давлатҳо, ки ба низоъ оварда мерасонид, хотима бахшид. Президентҳои се кишвар бо имзои санадҳои мавриди назар сарҳади ин минтақаро ба сарҳади дӯстӣ, сулҳу субот ва ҳамкорӣ табдил доданд. Махсусан, дар Тоҷикистон имзо шудани **"**Эъломияи дӯстии абадӣ" ба он далолат мекунад, ки кишвари мо ҳамчун маркази муттаҳидии кишварҳои минтақа ва дӯстӣ миёни онҳо ба шумор рафта, ҷиҳати пойдории сулҳу амният ва рушди устувори минтақа нақши меҳварӣ дорад.

Бояд тазаккур дод, ки анъанаҳои давлатдорӣ, сиёсати хориҷӣ, дипломатия, ниҳоди миёнаравӣ ва сулҳҷӯйӣ ҳамеша қисми мероси таърихии мардуми тоҷик буданд. Аммо рушди пурраи сиёсати хориҷӣ ҳамчун афзори пайгирии манфиатҳои миллӣ танҳо бо касби истиқлоли давлатӣ имконпазир гардид. Таъсиси хадамоти дипломатӣ, ҳамчун ифодаи истиқлоли давлатӣ, як қадами муҳим дар роҳи тақвияти мавқеи байналмилалии Ҷумҳурии Тоҷикистон буд.

Муваффақиятҳои дипломатияи тоҷик мустақиман бо дурандешӣ ва хиради роҳбари он, дарки амиқи равандҳои байналмилалӣ, манфиатҳои миллӣ ва эҳтиром ба арзишҳои анъанавӣ алоқаманданд. Маҳз ба шарофати ин хислатҳо ва равиши стратегии Эмомалӣ Раҳмон, Ҷумҳурии Тоҷикистон худро дар арсаи байналмилалӣ ҳамчун як ҷонибдори доимии сулҳу субот, ҳамкорӣ ва ҳамсоягии нек муаррифӣ кардааст. Аз санаи 31 декабри соли 2002 сиёсати хориҷии ҷумҳурӣ расман ҳамчун "сиёсати дарҳои боз" муайян карда шуд. Бар хилофи "сиёсати дарҳои баста", ки дар замонҳои гуногун аз ҷониби Чин ва Ҷопон пеш гирифта шуда буд, Тоҷикистон барои ҷаҳони беруна кушода буданро интихоб кардааст, ки арзишҳои таърихӣ ва фарҳангии онро инъикос менамояд” [9].

Тайи 35 соли аз замони эълони Истиқлоли давлатӣ таҳти роҳбарии хирадмандонаи Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, Тоҷикистон бо итминон ба сӯйи пешрафтҳои нав ба нав ҳаракат кардааст. Имрӯз вақте дар паҳнои дастовардҳо, рушду пешрафт, оромию ободӣ нахустин суханони Сарвари давлат дар айёми тағйирпазириҳо “Ман ба шумо сулҳ меорам”-ро ба ёд меорем, мебинем, ки он пурра ҷомаи амал пӯшида, сулҳу ваҳдати мо дар партави ин сиёсати сулҳгароёна рӯз то рӯз пойдору абадӣ мегардад. Дар ин росто, раванди тезу тунди ҷаҳонишавӣ, қудратталабӣ, то рафт зиёд шудани гурӯҳҳо ва амалҳои террористию экстремистӣ дар ҷаҳони пуртазодди муосир, сулҳу ваҳдат, арзиши бузурге касб мекунад. Дар китоби «Мактаби давлатдории Эмомалӣ Раҳмон: масъалаҳои ташаккул ва рушд» таъкид гардидааст, ки «ба шарофат ва ҷидду ҷаҳду талошҳои фарзанди фарзонаи миллати тоҷик Эмомалӣ Раҳмон дар як муддати кӯтоҳи таърихӣ сулҳу оромӣ дар сартосари кишвар таъмин гардида, барои зиндагии орому осоишта ва фаъолияти созандаи сокинони мамлакат шароити мусоид фароҳам омад. Ҳамагон бояд дарк намоем, ки ҳаракат ба сӯйи Ваҳдати миллӣ ҳамчун ҳадафи асосии сиёсати пешгирифта ва шиори зиндагӣ барои Эмомалӣ Раҳмон бесабаб набуд. Агар чунин тасмим гирифта намешуд, бадбиниву таҳдид ва душманҷӯйиву сангаргирӣ бештар доман паҳн мекард» [3, 52]. Имрӯз ҳодисаҳои пурдаҳшат ва низоъҳои давомдори минтақаи Ховари Миёна ҳушдор медиҳанд, ки набудани сулҳу ҳамдилӣ ва ваҳдати комил боиси сар задани ҷангу кушторҳои зиёд хоҳад гардид.

Суханрониҳои Президенти Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон “дар минбарҳои байналмилалӣ ва минтақавӣ ҳамеша бо пешниҳоду ташаббусҳои асосноку созанда, пеш аз ҳама, ба таъмини амният ва рушди муштараки устувор, таҳкими ҳамкорӣ ва робитаи байни давлатҳо, инчунин, баланд бардоштани дараҷаи некуаҳволии халкҳои минтақа равона гардидаанд. Ташаббус ва таклифҳои мубрами байналмилалие, ки Тоҷикистон пешниҳод намудааст, бо дарназардошти вазифаҳои муштараки мамлакатҳои минтақа дар рафъи чолишҳо ва таҳдидҳои муосири

бавуҷудомада саривақтӣ ва воқеӣ мебошанд” [7].

Дар баробари дигар ташаббусҳои ҷаҳонӣ, ташаббуси навбатии Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон вобаста таҳкиму ҳифзи сулҳи сартосарии ҷаҳон, бори дигар тамоми кишварҳои ҷаҳон, созмонҳо ва ниҳодҳои оламро ҳушдор дод, ки дар ҳифзи сулҳ ва пешгирии низоъҳое, ки хатари ҷиддӣ ба ҳаёти инсоният дар рӯйи замин доранд, бетараф набошанд. Ин аст, ки 24 сентябри соли 2024 Президенти кишвар муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ҳангоми суханронӣ дар мубоҳисаҳои 79-уми умумии Маҷмаи умумии Созмони Милали Муттаҳид дар бобати раванди пуртазодди ҷаҳонишавӣ, низоъҳои мусаллаҳона ва дигар оқибатҳои ногувори барои инсоният хатарнокро махсус таъкид намуда, дар ин замина, ҷомеаи ҷаҳониро ба муттаҳидӣ ва ҳифзи амнияту субот дар ҷаҳон даъват намуд. Пешвои миллат сулҳу оромӣ ва созиши байни сокинони ҷаҳонро яке аз роҳҳои таъмини ҳаёти осоишта ва рушди устувор маънидод намуда, пешниҳод намудаанд, ки тавассути қатъномаи махсуси Созмони Милали Муттаҳҳид – “Даҳсолаи таҳкими сулҳ ба хотири наслҳои оянда” қабул карда шавад.

Бояд гуфт, ки масъалаи сулҳу субот ваҳдату ҳамдигарфаҳмӣ ҳамеша таҳти таваҷҷуҳи Президенти мамлакат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон қарор дошта, ҷиҳати таҳкиму ҳифз ва нигоҳ доштани ин неъмати бебаҳо, ки барои мардуми тоҷик ба осонӣ ба даст наомада аст, даъват менамояд. Масалан, 12 декабри соли 2025 Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар шаҳри Ашқободи Туркманистон дар “Форуми байналмилалии сулҳ ва эътимод”, ки дар доираи “Соли байналмилалии сулҳ ва эътимод, 2025” баргузор гардид, иштирок ва суханронӣ намуданд. Пешвои миллат изҳор доштанд, ки “Тоҷикистон аз ҳамаи ташаббусҳо доир ба таҳкими сулҳу амонӣ дар ҷаҳон пайваста пуштибонӣ менамояд”. Дар хулосаи суханронӣ Сарвари давлати Тоҷикистон “тантанаи сулҳ”-ро “гарави таъмини адолат, баробарӣ, эҳтироми ҳуқуқ ва озодиҳои инсон” номида, изҳор доштанд, ки “ҷомеаи ҷаҳонӣ ба ин арзиши воло бояд бо такя ба эътимод, гуфтугӯ ва ҳамкорӣ муносибати эҳтиёткорона дошта бошад” [11].

Дар китоби “Мактаби давлатдории Эмомалӣ Раҳмон: масъалаҳои ташаккул ва рушд” таъкид шудааст, ки “... миллати соҳибназари тоҷик ва тоҷикистониён бо ифтихор гуфта метавонанд, ки муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон шахсияте мебошанд, ки бақои миллати тоҷикро дар мушкилтарин лаҳзаҳои давлатдорӣ таъмин намуда, дар таҳкими Истиқлоли давлатӣ, таъмини сулҳу субот нақши тақдирсоз доранд” [4, 57].

Метавон гуфт, ки маҳз бо усули пешбурди музокироти фаъоли Эмомалӣ Раҳмон кишвари мо ҳамчун иштирокчии фаъол дар ҷомеаи ҷаҳонӣ дар ҳалли масъалаҳои минтақавӣ шинохта шудааст.

Музокироти фаъоли Пешвои миллт бо роҳбарони дигар кишварҳо, ки ба таъмини амнияти минтақавӣ ва мубориза бо терроризм ва экстремизм нигаронида шудаанд, тасдиқи ин гуфтаҳо мебошад.

Фаъолиятҳои сулҳҷӯёнаи Эмомалӣ Раҳмон эътирофи байналмилалӣ касб намуда, бо ҷоизаҳои баланд қадрдонӣ шудааст.

Ба шарофати ҳамкории фаъоли байналмилалӣ ва ба таври возеҳ ва саривақтӣ ба миён гузоштани масъалаҳои муҳим дар арсаи байналмилалӣ, Ҷумҳурии Тоҷикистон имрӯз ҳамчун яке аз давлатҳои фаъолтарин ва созандатарин дар Осиёи Марказӣ эътироф шудааст. Аз ин рӯ, мардуми Тоҷикистон ба таври воқеӣ аз як роҳбари хирадманд ва фидокор, марде, ки тавонист миллатро муттаҳид намояд ва онро ба сӯйи сулҳу шукуфоӣ роҳнамоӣ кунад, миннатпазиранд.

Шахсияти Эмомалӣ Раҳмон омили калидии субот ва рушд боқӣ мемонад, ки аҳаммияти роҳбарӣ дар ташаккули давлатдории муассирро тасдиқ мекунад.

Бояд тазаккур дод, ки Сарвари давлати мо шахсияте мебошанд, ки қобилияти муттаҳид намудан ва роҳбарии ҳаракатҳои гурӯҳи муайяни одамон, ҳизбҳо ва ташкилотро доранд. Муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар замони соҳибистиқлолӣ барои идоракунии давлат, муҳимтар аз ҳама, сиёсати касбӣ эҷод карда тавонистанд. Пешвои миллат тавонистанд зиддияти гуногунеро, ки дар дохили ҷомеаи мо вуҷуд дошт, аз байн баранд.

Президенти Тоҷикистон дар баробари хизматҳои шоён ба миллату давлати навини тоҷикон боз танзимгари ташаббусҳои нави ҷаҳонӣ низ мебошанд. Баланд гаштани эътибор ва машҳур гардидани Президенти давлати мо, пеш аз ҳама, аз муваффақияти касбӣ, хидматҳои бесобиқа, фикру андешаҳо арзишманд дар бораи созандагию бунёдкорӣ ва сатҳи маҳбубияташон дар байни одамон бармеояд.

Бояд таъкид кард, ки обрӯю эътибори муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон аз амалҳои сиёсии сулҳпарварона, гирифтани пеши роҳи ҷанги шаҳрвандӣ, содиқ будан ба Ватану миллат ва ҷонфидоиҳо барои таҳкими давлатдории навини миллӣ баланду боло гардидааст. Президенти мамлакат ба мо сулҳу салоҳ ва ҳамдигарфаҳмӣ оварданд, бинобар ин, мардуми Тоҷикистон аз ҳамон замон он касро ҳамчун Сарвари сиёсии муваффақ эътироф карда, ҳурмату эҳтиром менамоянд.

Ҳамин тариқ, сарварӣ парвардаи вазъи сиёсӣ, муносибатҳои байниҳамдигарии иштирокчиён ва сифатҳои шахсӣ буда, имкон медиҳад роҳбар масъулиятро ба дӯши худ гирад. Сарвар ба оммаи мардум роҳбарӣ намуда, ҷомеаро ба пеш мебарад ва дар навбати худ, онҳо низ вазифадор анд, ки сарварашонро аз назари сиёсӣ ҳамаҷониба дастгирӣ намоянд. Мақому манзалати Эмомалӣ Раҳмон ҳамчун падида рамзи ғояи сиёсии

муайян собит месозад, ки он кас ҳамчун роҳбари сиёсӣ тавонистанд шавқу ҳаваси сиёсии умумимиллиро дастгирӣ ва тарафдорӣ намоянд.

Муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон чун сарвари сиёсӣ дар тасаввуроти аксари аҳолӣ ба мисли шахсияте шинохта мешаванд, ки мардум ба он кас чун ба фарзанди барӯманди миллат эҳтирому ифтихори самимӣ доранд. «Чунин боварӣ ба Президенти мамлакат ҳамчун сарвари сиёсии муваффақ ба он асос меёбад, ки он кас ба ҷанги таҳмилии шаҳрвандӣ дар Тоҷикистон хотима бахшида, мамлакатро аз нобудшавӣ наҷот дода тавонистанд ва кишварамонро ба шоҳроҳи нави пешрафту тараққиёт ва муваффақияту шухрат роҳнамоӣ намуданд. Албатта, афкори ҷамъиятӣ дар чунин ҳолат нақши асосӣ мебозад. Маҳз афкори умум дар ҳолатҳои муайян ба сарвари сиёсӣ таъсир мерасонад. Сарвари сиёсии мо ҳамеша ба усулҳои сиёсии танзимнамоӣ такя намуда, бо дарназардошти баҳисобгирии манфиатҳо, эътиқодмандӣ, муколама, намунаи шахсиро мавриди истифода қарор додан, ҳамеша ташаббускор ва дар сафи пеш мебошанд. Ҳатто ҳамон шиори Президенти мамлакат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон – "Тоҷикистон, ба пеш" нишонаи ин гуфтаҳо ва сармашқи андешаҳои созандагию бунёдкории мардуми тоҷик гардидааст" [6].

Барои саҳми беназирашон дар таъмини сулҳу субот дар Тоҷикистон ва таҳкими амнияти минтақавӣ, инчунин, дигар дастовардҳои барҷастааш дар густариши муносибатҳои дӯстона ва ҳамкории байни халқҳо, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо унвон ва ҷоизаҳои баланд аз ҷониби давлатҳо ва созмонҳои гуногуни байналмилалӣ сарфароз гардонида шудаанд.

Эмомалӣ Раҳмон ҳамчун музокиракунандаи прагматикӣ, ки ба манфиатҳои миллӣ, субот ва рушд нигаронида шудаанд, маъруф аст, ки ин дар анҷоми бомуваффақияти ҷанги шаҳрвандӣ ва пешрафти фаъоли Тоҷикистон дар саҳнаи байналмилалӣ зоҳир мегардад. Сабки музокироти ӯ принсипнокӣ, истодагарӣ, хоҳиши шарикии мутақобилан судманд (хусусан дар соҳаи энергияи "сабз") ва ҳифзи соҳибихтиёриро муттаҳид мекунад.

Хислат ва хусусиятҳои калидии музокирот дар сабки Эмомалӣ Раҳмон чунин аст:

Яке аз хусусиятҳои асосии музокирот дар сабки Эмомалӣ Раҳмон тафаккури стратегӣ ва прагматизм мебошад, дар доираи он Пешвои миллат аз идоракунии буҳрон ба банақшагирии стратегӣ гузашта, ба лоиҳаҳои дарозмуддати иқтисодӣ (барои гидроэнергетика) тамаркуз кардаанд.

Усули хосси музокиротии Эмомалӣ Раҳмон принсипнокӣ ва ҳифзи соҳибихтиёрӣ мебошад. Масалан, дар муносибатҳои байналмилалӣ Эмомалӣ Раҳмон, сарфи назар аз мавқегирии кишварҳои абарқудрат, аз манфиатҳои Тоҷикистон қотеъона ҳимоят мекунад ва ба баробарӣ ва эҳтиром исрор меварзанд.

Сабки махсуси музокиротии Эмомалӣ Раҳмон пешоҳангӣ ва созандагӣ мебошад. Эмомалӣ Раҳмон ташаббусҳои ҷаҳониро, ба монанди масъалаҳои об ва тағйирёбии иқлим, фаъолона таблиғ мекунанд ва Тоҷикистонро ба як иштирокчии эътирофшудаи муколама табдил медиҳанд.

Яке аз ҳадафҳои усули музокироти Эмомалӣ Раҳмон ҷустуҷӯйи созиш мебошад. Дар ин замина қобилияти муттаҳид кардани одамон ва пайдо кардани заминаи муштарак, ки ба ягонагии миллӣ мусоидат кардааст. Усули махсуси музокироти Эмомалӣ Раҳмон муқовимат ба фишори беруна мебошад. Пешвои миллат дар раванди музокирот бо дарназардошти нигоҳ доштани сиёсати мустақил, қобилияти муколама бо қудратҳои бузургро дорад.

Яке аз хусусиятҳои калидии музокирот дар сабки Эмомалӣ Раҳмон самаранокӣ мебошад. Музокирот таҳти роҳбарии ӯ аксар вақт бо имзои созишномаҳои мушаххаси ҳамкорӣ миёни иштирокчиёни он анҷом меёбанд.

Дарвоқеъ, ташаббус ва талошҳои Президенти мамлакат барои ҳамгирой, муттаҳидшавӣ ва умуман, наздикшавии мамлакатҳои Осиёи Марказӣ аз тарафи мамлакатҳои ҳамсоя муҳим, саривақтӣ ва мусбат пазируфта мешаванд. Зеро ҳама ташаббус ва талошҳои Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба хотири сулҳу амният, рушди устувор ваояндаи дурахшони минтақаи Осиёи Марказӣ нигаронида шуда, мамлакатҳои минтақа, махсусан, президентҳои ин кишварҳо ба ин фаъолияти созандаи муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон баҳои баланд дода, ба он кас эҳтиром ва эътирофи хосса зоҳир менамоянд.

Дар бораи мақом ва эътирофи муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ҳамчун Сарвари сиёсии пуртаҷриба дар сиёсати байналмилалӣ, гуфтаҳои сарварони сатҳи баланди ҷаҳонӣ низ хеле зиёд аст. Масалан, Президенти Ҷумҳурии Узбекистон Шавкат Мирзиёев дар бораи шахсияти муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон чунин суханони нек гуфтаанд: “Мо Шуморо ҳамчун арбоби барҷастаи давлатии Тоҷикистони муосир, фарзанди фарзонаи халқи худ ва пешвои ҳақиқӣ мешиносем, ки ба хотири сулҳу оромӣ ва шукуфоии давлататон бо суботкории зиёд заҳмат мекашед” [10]. Аз ҷумла, барои тақвияти ин гуфтаҳо суханони Раиси Ҷумҳурии Мардумии Чин Си Ҷинпинро дар Саммити якуми сарони кишварҳои «Чин–Осиёи Марказӣ» ба хотир меорем, ки чунин ибрози андеша намудааст: «Шумо, Ҷаноби Президент, миёни мо, сарони давлатҳо, аз ҳама сиёсатмадори пуртаҷриба ба шумор меравед, ки дар саргаҳи таъсиси Созмони ҳамкории Шанхай истода будед. Шумо хеле сиёсатмадори хирадманд, пуртаҷриба ва дурбин ҳастед ва дар рушди муносибатҳои дуҷониба нақши муҳим мебозед. Пешниҳод ва андешаҳои Шумо барои мо ниҳоят муҳим мебошанд».

Воқеан ҳам, эътирофи сарвари сиёсии давлати мо дар чунин сатҳ ин эҳтирому эътирофи миллату давлат ва соҳибистиқлолии Тоҷикистони азиз мебошад. Муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон сарвари сиёсии муваффақ, обрӯю эътибори миллат ва кафили ҳифзи манфиатҳои миллӣ мебошанд, ки мо бояд тамоми дастоварду муваффақияти замони соҳибистиқлолиро ба он кас вобаста ва тавъам бидонем” [6].

Роҳбарони кишварҳои абарқудрати ҷаҳонӣ ва инчунин, роҳбарони давлатҳои минтақа дар суханрониҳои худ доир ба таҷрибаи ғании роҳбариву сарварии сиёсии муваффақ ва сиёсатмадори барҷастаи сатҳи ҷаҳонӣ будани Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмонро махсус зикр намуда, ӯро борҳо бо мукофотҳои олӣ ҳамчун нишони арҷгузорӣ ва қадрдонӣ сарфароз гардонидаанд. Махсусан, “нақши калидӣ ва саҳми арзандаи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмонро дар тақвияти дӯстӣ, бунёди намунаи олии ҳамкорӣ байни мамлакатҳои минтақа ва тавсеаи ҳамкории судманду созанда дар байни Тоҷикистон ва дигар мамлакатҳои Осиёи Марказӣ ба инобат гирифта, президентҳои Қазоқистон, Туркманистон ва Узбекистон Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмонро бо мукофотҳои олии давлатҳои худ ҳамчун нишони арҷгузорӣ ва қадрдонӣ сарфароз гардонидаанд” [8].

Далели ин гуфтаҳо дар он зоҳир мегардад, ки 6 августи соли 2021 дар асоси Қарори муштараки сарони давлатҳои Осиёи Марказӣ дар шаҳри Туркманбошии Туркманистон Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон зимни Вохӯрии машваратии сарони давлатҳои Осиёи Марказӣ ба нахустин мукофоти олӣ – «Нишони фахрии сарони давлатҳои Осиёи Марказӣ» барои хидматҳои шоиста дар рушди муносибатҳои дӯстӣ, ҳамсоягии нек, ҳамдигарфаҳмӣ ва ҳамкории давлатҳои Осиёи Марказӣ, таҳкими сулҳу амният дар минтақа, пешбурди манфиат ва ташаббусҳои муштараки кишварҳои минтақа дар арсаи байналмилалӣ сарфароз гардонида шуданд, ки аҳаммияти хеле бузург дорад.

Қарори муштараки сарварони давлатҳои Осиёи Марказӣ дар бораи ба Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон сазовор донистани ин мукофоти олӣ нишони арҷгузорӣ ва қадрдонии беандоза аз хидматҳои шоистаи ин сиёсатмадори барҷастаи сатҳи ҷаҳонӣ, ки дар ҳалли масъалаҳои муҳимми минтақавӣ ва ҷаҳонӣ талош меварзанд, ба ҳисоб меравад.

Дар ин ҷо метавон саҳми шахсии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар раванди музокироти Тоҷикистону Қирғизистон нишон дод, ки иборат аз пешбурди пайвастаи принсипҳои некҳамсоягӣ, муколамаи мустақим дар сатҳи олӣ ва оғоз кардани механизмҳои осоиштаи делимитатсияи сарҳад мебошад. Эмомалӣ Раҳмон ба пешгирии низоъҳо, таҳкими эътимод ва рушди ҳамкории фаромарзӣ диққати махсус медиҳад.

Дар робита ба масъали болозикр метавон саҳмҳои калидии Эмомалӣ Раҳмонро нишон дод, ки чунинанд:

Яке аз чунин саҳмҳои асосии Эмомалӣ Раҳмон ин ташаббуси музокироти мустақим мебошад. Ӯ ҷонибдори ҳалли баҳсҳо танҳо тавассути роҳҳои осоишта, тавассути музокирот аст, ки ба пешрафти назаррас дар муайян ва демаркатсияи сарҳади давлатӣ оварда расонидааст.

Саҳми дигари Эмомалӣ Раҳмон дар таҳкии амният мебошад. Кӯшишҳои пайвастаи он кас барои таъмини субот дар минтақаҳои марзӣ ва пешгирии низоъҳои марзӣ равон гардидааст.

Фарҳанги сулҳофарӣ яке аз саҳмҳои дигари калидии муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон мебошад. Пешбурди консепсияе, ки бар асоси принсипҳои эҳтироми мутақобила, дӯстӣ ва ҳамсоягии нек байни мардуми тоҷик ва қирғиз асос ёфтааст, маҳз дар заминаи фарҳанги сулҳофарии муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба миён омадааст.

Муколамаи шахсӣ ҳамчун саҳми дигари калидии муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон мебошад. Ӯ доимо талош меварзанд, ки мулоқоти мунтазам бо роҳбарияти қирғизро барои ҳалли масъалаҳои муҳим роҳандозӣ намоянд.

Бо ташаббуси бевоситаи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон 31 марти соли 2025 дар шаҳри Хуҷанд дар доираи нишасти сарони кишварҳои Тоҷикистон, Қирғизистон ва Ӯзбекистон Созишномаи таърихӣ дар хусуси сарҳадҳои се давлат ва “Эъломияи Хуҷанд” доир ба дӯстии абадӣ ба имзо расида, масъалаҳои сарҳадии миёни се давлати ҳамсоя ҳалли ниҳоии худро пайдо намуданд. Ин рӯйдодҳои таърихӣ ба таъмини амну субот, рушди устувор ва болоравии нуфузу эътибори байналмилалии минтақаи Осиёи Марказӣ ҳамаҷониба мусоидат намуд.  Санаи 21 декабр дар толори Консерваторияи давлатии Санкт-Петербург ба номи Римский-Корсаков маросими супоридани Ҷоизаи байналмилалии сулҳи ба номи Лев Толстой ба роҳбарони давлатҳои Тоҷикистон, Узбекистон ва Қирғизистон баргузор гардид [5].

Дар вазъияти тантанавӣ ба Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон Ҷоизаи байналмилалии сулҳи ба номи Лев Толстой  супорида шуд. Метавон гуфт, ки Роҳбари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо ин ҷоизаи фахрӣ дар соли 2025 барои саҳми бузург дар таҳкими сулҳу амният дар минтақаи Осиёи Марказӣ сарфароз гардиданд.

Дар суханронии табрикотии худ, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, ки ба ифтихори ҷашни байналмилалии Наврӯз дар шаҳри Хуҷанд баргузор гардид ва сарони давлатҳои Қирғизистону Узбекистон дар ин чорабинии бошукуҳ иштирок доштаанд, қайд намудаанд, ки «... мо бори дигар қатъиян эълон намудем, ки аз арзишҳои сулҳ ва усулҳои ҳалли ҳамаи масъалаҳои мавҷуда аз роҳи муколама, дар руҳияи ҳусни ҳамҷаворӣ,

ҳамдигарфаҳмӣ, самимият, эҳтиром ва эътимоди ҳамдигар пуштибонӣ мекунем» [12].

Хулоса метавон гуфт, ки саҳми Тоҷикистон таҳти роҳбарии муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ҳамчун музокиракунандаи муваффақ ва ботаҷриба дар раванди музокироти сиёсӣ ҷиҳати пойдории субот, рушди ҳамкорӣ, инчунин, тавсеаи ҳамгироии созанда дар минтақа эътироф гардидааст. Нақши муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ҳамчун Сарвари сиёсӣ дар раванди музокироти сиёсии байнитоҷикон хусусияти амалӣ дошта, таъсири он натанҳо барои кишвари мо, балки барои кишварҳои Осиёи Марказӣ низ арзишу аҳамияти хосса дорад.

Эмомалӣ Раҳмон ҳамчун Сарвари сиёсӣ ва музокиракунандаи муваффақ дар танзими музокироти сиёсӣ дар арсаи байналмилалӣ шинохта мешавад. Ӯ барои таъмини амният дар минтақа фаъолона талош меварзад, ки мустақиман ба таҳкими муносибатҳои дӯстона мусоидат менамояд.

Пешвои миллат ҳамкории фарогири минтақавиро ҳамчун муҳимтарин василаи ҳалли масъалаҳои сиёсию амниятӣ, тиҷоратию иқтисодӣ, экологӣ ва таъмини амнияту субот дар Осиёи Марказӣ дониста, ҷонибдори сулҳу субот, рушди устувори минтақа, ҳамзистии осоишта ва дӯстонаи мардумони минтақа мебошанд. Маҳз ҳамин талошҳо сабаб шуданд, ки имрӯз дар минтақаи мо фазои ҳамгироӣ ва дарки умумияти тақдиру сарнавишти давлатҳо ва мардумони онҳо торафт тавсеа меёбанд.

**Адабиёт**


1. Глава МИД Ирана обвинил Д. Трампа в предательстве дипломатии//https://russian.people.com.cn/n3/2026/0305/c31519-20431685. html. Агентство Синьхуа. 05.03.2026 (Санаи муроҷиат: 15.01.2026)
2. Глава МИД КНР призвал к совместным шагам в ответ на односторонние действия против Ирана// https://russian.news.cn /20260302/05f6918030114a329104b39d50848c79/c.html (Санаи муроҷиат: 02.03.2026)
3. Мактаби давлатдории Эмомалӣ Раҳмон масъалаҳои ташаккул ва рушд. Ҷилди I. – Душанбе: ФАСЛ- 4, 2021. – 392 с.
4. Мактаби давлатдории Эмомалӣ Раҳмон ва масъалаҳои ташаккул ва рушд. Ҷилди IV. – Душанбе: ФАСЛ- 4, 2023. – 552 с.
5. Маросими сарфарозгардонӣ бо Ҷоизаи байналмилалии сулҳи ба номи Лев Толстой [Захираи электронӣ]. URL: // https://www.president.tj/event/news/54303, 21.12.2025 (Санаи муроҷиат: 24.01.2026).
6. Муҳаммад А.Н. Эмомалӣ Раҳмон – сарвари сиёсии муваффақ. Президенти Тоҷикистон танзимгари ташаббусҳои нави ҷаҳонӣ низ мебошанд. [Захираи электронӣ]. URL:https://khovar.tj/2023 /06/emomal-ra-

mon-sarvari-siyosii-muvaffa-prezidenti-to-ikiston-tanzimgari-tashabbus-oi-navi-a-on-niz-meboshand/ 1.06.2023 (Санаи муроҷиат: 14.01.2026).

7. Муҳаммадзода П.А. Инициативы Республики Таджикистан как фактор развития и укрепления политики добрососедства в Центральной Азии в современных условиях международных отношениях // Международные отношения и безопасность. 2023. №1 (5). –С. 17-23.

8. Муҳаммадзода П.А. Эмомали Рахмон – выдающийся политик мирового уровня// Международные отношения и безопасность. 2023. № 3 (83). –С. 24-32.

9. Саидзода З.Ш. Возрождение государственности в современном Таджикистане: личность Эмомали Рахмона как ключевой фактор лидерства [Захираи электронӣ]. URL: //https://amit.tj/ru/vozrozhdenie-gosudarstvennosti-v-sovremennom-tadzhikistane-lichnost-emomali-rakhmona -kak-klyuchevoy 11.11.2025 (Санаи муроҷиат: 28.02.2026).

10. Шавкат Мирзиёев поздравил Эмомали Рахмона с 70-летием [Электроный ресурс]. URL://https://www.xabar.uz/ru/siyosat/shavkat-mirziyoyev-emomali-rahmonni-tabrikladi. 05.10.2022 (Дата обращения: 11.02.2026).

11. Эмомалӣ Раҳмон. Иштирок ва суханронӣ дар Форуми байналмилалии сулҳ ва эътимод дар Ашқобод [Захираи электронӣ]. URL: // https://prezident.tj/event/news/54161 12.12.2025 (Санаи муроҷиат: 24.01.2026).

12. Эмомалӣ Раҳмон. Суханронӣ дар Барномаи фарҳангӣ ба ифтихори ҷашни байналмилалии Наврӯз [Захираи электронӣ]. URL: https://prezident.tj/event/news/50336 31.03.2025 (Санаи муроҷиат: 22.12.2026).

# ЭМОМАЛИ РАХМОН И ПОЛИТИЧЕСКИЕ ПЕРЕГОВОРЫ

**РАДЖАБОВ САИТУМБАР АДИНАЕВИЧ,**

доктор юридических наук, профессор, заведующий отделом международного права Института государства и права Национальной академии наук Таджикистана

734025, Таджикистан, город Душанбе, пр. Рудаки 19;

тел.: 981-03-16-78; e-mail: saidumar1951@mail.ru

**МАХМАДОВА ФАРЗОНА АБДУРАХМОНОВНА**

соискатель отдела проблем международных отношений Института философии и политологии имени А. Баховаддинова Национальной академии наук Таджикистана

734018, Таджикистан, город Душанбе, пр. Рудаки 33;

тел.: 900-62-62-29; e-mail: fmakhmadova@list.ru

*В данной статье авторы анализируют роль Президента Республики Таджикистан уважаемого Эмомали Рахмона в процессе политических переговоров. Они стремились оценить отдельные аспекты процесса политических переговоров в контексте урегулирования локальных конфликтов в Центральной Азии. В статье анализируется позиция Эмомали Рахмона как политического лидера и успешного переговорщика, а также освещаются его достижения в период независимости в сфере урегулирования пограничных споров.*

*По мнению авторов, роль Эмомали Рахмона как политического лидера в процессе межтаджикских политических переговоров носила прагматический характер, и ее влияние имеет особое значение не только для нашей страны, но и для стран Центральной Азии. Авторы утверждают, что вопрос успешного урегулирования пограничных споров связан прежде всего, с вкладом Лидера таджикской нации.*

***Ключевые слова:*** *политические переговоры, прямые переговоры, Эмомали Рахмон, конфликт, конфликтный процесс, урегулирование конфликтов, Центральная Азия, Таджикистан, Кыргызстан, Узбекистан, посредник, переговорщик, Худжандская декларация, мир, безопасность.*

## EMOMALI RAHMON AND POLITICAL NEGOTIATIONS

**RAJABOV SAITUMBAR ADINAEVICH,**
Doctor of Legal Sciences, Professor, Head of the Department of International Law, Institute of State and Law, National Academy of Sciences of Tajikistan
734025, Tajikistan, Dushanbe city, Rudaki ave. 19;
phone.: 981-03-16-78; e-mail: saidumar1951@mail.ru

**MAKHMADOVA FARZONA ABDURAHMONOVNA,**
Researcher at the Department of International Relations, A. Bakhovaddinov Institute of Philosophy and Political Science, National Academy of Sciences of Tajikistan
734018, Tajikistan, Dushanbe city, Rudaki ave. 33;
phone.: 900-62-62-29; e-mail: fmakhmadova@list.ru

*In this article, the authors analyze the role of the President of the Republic of Tajikistan, His Excellency Emomali Rahmon, in the political negotiation process. They have sought to assess certain aspects of the political negotiation process in the context of resolving local conflicts in Central Asia. The article analyzes Emomali Rahmon's position as a political leader and successful negotiator, and highlights his achievements during the period of independence in the field of border dispute resolution.*

*According to the authors, Emomali Rahmon's role as a political leader in the process of inter-Tajik political negotiations was pragmatic, and its impact is of particular significance not only for our country but also for the countries of Central Asia. The authors argue that the issue of resolving border disputes depends on and is linked, primarily, to the Leader of the Nation.*

***Keywords:*** *political negotiations, direct negotiations, Emomali Rahmon, conflict, conflict process, conflict resolution, Central Asia, Tajikistan, Kyrgyzstan, Uzbekistan, mediator, negotiator, Khujand Declaration, peace, security.*

УДК: 321(575.3):342

# РАВАНДИ ТАШАККУЛ ВА РУШДИ ДИГАРГУНИҲОИ СИЁСИЮ ҲУҚУҚӢ ДАР ҲАЁТИ СИЁСИИ ТОҶИКИСТОН

**ШАРИФЗОДА ЛОҲУТӢ ШАРИФ,**
доктори илмҳои сиёсӣ, дотсент, муовини директори Маркази тадқиқоти стратегии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон
734025, Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, кӯчаи Шоҳтемур 27;
тел: (+992) 987-49-10-69; e-mail: Slohuti@mail.ru

**МУМИНОВ ФИРДАВС,**
унвонҷӯйи кафедраи сиёсатшиносии Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Рӯдакӣ
735360, Тоҷикистон, шаҳри Кӯлоб, маҳаллаи Якуми май;
тел.: (+992) 919-89-65-69

*Дар мақолаи мазкур хусусиятҳои муҳимми тағйироти сиёсию ҳуқуқӣ дар ҳаёти сиёсии ҷомеаи Тоҷикистон мавриди таҳлил ва арзёбӣ қарор дода шудааст. Тавре муайян гардид, дар натиҷаи барҳам хӯрдани Иттиҳоди Шуравӣ, дар радифи дигар кишварҳои Осиёи Марказӣ дар ҳаёти сиёсии Ҷумҳурии Тоҷикистон дигаргуниҳои муҳимми сиёсию ҳуқуқӣ рӯй доданд, ки заминаи муҳимро дар ташаккул ва рушди низоми сиёсии ҷомеа устувор сохтанд. Дар натиҷа, дар низоми давлатдории Тоҷикистон бисёр дигаргуниҳое ба миён омаданд, ки ба рушди низоми сиёсии ҷомеа ва дар шаклгирии демократикунонии ҷомеа мусоидат намуданд.*

***Калидвожаҳо:*** *ИҶШС, Иттиҳоди Шуравӣ, Ҷумҳурии Тоҷикистон, соҳибихтиёрӣ, кишварҳои пасошуравӣ, равандҳои сиёсӣ, тағйироти сиёсӣ, демократикунонии ҷомеа.*

Дар натиҷаи фурӯпошии ИҶШС ва таъсиси давлатҳои нави мустақил, оғози тағйироти ҷаҳонӣ дар раванди сиёсии ҷаҳон гардид. Солҳои аввали соҳибихтиёрӣ дар фазои кишварҳои пасошуравӣ давраи муҳимми рушди ислоҳоти демократӣ, хусусан, қабули конститутсияҳо, санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, рамзҳои давлатӣ, ташаккули ниҳодҳои давлатӣ ва ғайридавлатӣ тавсиф мешавад. Аммо раванди навсозии демократии ҷомеаҳо дар кишварҳои Осиёи Марказӣ бо монеаҳои ҷиддӣ мувоҷеҳ шуд, хусусан, пош хӯрдани Иттиҳоди Шуравӣ боиси парокандагӣ ва баҳрони сиёсии кишварҳои Осиёи Марказӣ гардид [1, 4].

Тавре муайян гардид, охири асри бисти милодӣ раванди тағйироти сиёсӣ, гузариш аз як сохт ба сохти дигар, махсусан, иваз гардидани низомҳои сиёсии авторитарӣ бо низомҳои сиёсии демократӣ тавсиф мешавад. Дар айни замон равандҳои демократикунонӣ дар ҷомеаҳои пас аз

сохти сотсиалистӣ, ҳамчун асоси консептуалии ислоҳот, заминаи муҳимро дар шаклгирии раванди демократикунонии ҷомеа ба миён овард [1, 4].

Дар робита ба масъалаи мазкур назари муҳаққиқ К.Штин чунин аст: «Тавре муайян гардид, баъди барҳамхурии Иттиҳоди Шуравӣ ва ба вуҷуд омадани давлатҳои нави соҳибистиқлол дар фазои пасошуравӣ нуктаи ибтидоии марҳалаи нави ташаккули таърихи муосир ва шаклгирии низоми давлатдориаашонро оғоз намуданд. Аксари онҳо бо захираҳои гуногун, иқтидори демографӣ, иқтисодӣ ба таъсиси давлатҳои миллӣ шурӯъ карданд, ки бо як қатор мушкилоти объективӣ гирифтор шуданд, хусусан мавҷуд набудани анъанаҳои таърихии давлатдории миллӣ, надоштани таҷрибаи сиёии эҳёи давлатдории миллӣ алоқаманд буд» [2, 7].

Аз гуфтаҳои баррасигардида маълум гардид, ки баъди барҳам хӯрдани ин давлати абарқудрат, мушкилот дар самти бунёди низоми давлатдорӣ, низоми сиёсии ҷомеа мушкил гардид. Дар ин вазъият раванди ҷомеаро бухрони сиёсиву конститутсионӣ фаро гирифта, монеаро дар раванди ташаккул ва рушди асосҳои сохтори конститутсионӣ мушкил намуд.

Дар охири солҳои 80-ум ва аввали солҳои 90-уми асри XX вазъи сиёсии Ҷумҳурии Тоҷикистон хеле мураккаб гардид. Вазъи сиёсии бамиёномада таҷассумгари воқеияти рушди кишвар, инкишофи ақлонию фарҳангии ҷомеа буд. Давраи бозсозӣ, ҳамчун давраи мушаххаси таърихӣ, мутаассифона, натавонист, ки мушкилоти ҷомеаро аз байн барад, баръакс, равандҳои номатлуби иҷтимоию иқтисодӣ боз ҳам шиддатноктар гаштанд. Ҳаёти сиёсии ҷомеа ва инчунин, рӯйовариҳои фарҳангӣ бештар хусусияти либералиро ба худ касб намуд [3, 20].

Аз нигоҳи муҳаққиқи тоҷик Иброҳим Усмон: “Дар нимаи дуюми солҳои 80-ум, дар замони бозсозии Михаил Горбачёв, дар низоми давлатдории Шуравӣ тағйироти бунёдӣ ба вуҷуд омад. Онҳое, ки дар сари ҳокимият буданд, пеш аз ҳама, коммунистҳо ва рузноманигороне, ки бо онҳо ҳамкорӣ мекарданд, ба ду лагери муқобил тақсим шуданд: лагери аввал–тарафдорони давраи рукуди брежневӣ буданд ва лагери дуюм–неруҳои нав, ки бо шиорҳои демократия роҳи иҷтимоии нав меҷустанд. Нуктаи муҳим ин аст, ки ҳукумати коммунистии аввали соли 1991 ҳанӯз ҳам давлати Иттиҳоди Шуравӣ буд, на чизи дигаре. Танҳо бозсозӣ дошт, бозсозие, ки Михаил Горбачёв шиорашро ба миён оварда буд” [4].

Муҳақиқ Махфират Хидирзода асоси ҳама мушкилиҳои сиёсии дар солҳои аввали соҳибистиқлолӣ баамаломадаро ба идоракунии сиёсӣ хос дониста, навиштааст: «Ислоҳоте, ки дар солҳои 90-уми асри гузашта гузаронида шуданд, бори дигар собит намуданд, ки аз идоракунии босамар дилхоҳ низом вобастагии калон дорад, аз ҷумла низоми сиёсии ҷомеа. Дигаргуниҳои сиёсии ибтидои солҳои 90-уми асри бист, агар аз як тараф,

барои кишварҳои собиқ Шуравӣ мустақилият ҳадя намуда бошанд, аз тарафи дигар, онҳо ба як қатор мушкилот дучор гардиданд ва ҳатто дар баъзеи онҳо буҳрони сахти сиёсию иқтисодӣ ба вуҷуд омад” [5, 48].

Марҳалаи аввали соҳибистиқлолӣ, сар задани ҷанги шаҳрвандӣ, давраи ҷанг, марҳалаи ҳалли низоъ ва барқарорсозии баъди низоъ аз диди сиёсӣ бо махсусиятҳои худ фарқ намуда, ҳар кадоми онҳо шакли муайяни иштироки сиёсиро дар бар мегирифт. Муҳаққиқи рус А. Кузин дар ин бобат чунин ибрози андеша намудааст: “Устуворгардии демократия ва дар заминаи он ба даст овардани суботи сиёсӣ вазифаи марказӣ ва дарозмуддати маҷмуи дигаргунсозиҳои системаҳои сиёсии мамлакатҳои собиқ Шуравӣ маҳсуб меёбад. Дар иҷрои ин вазифа ҷалби шаҳрвандон ба раванди сиёсии демократӣ дар асоси институтсионализатсияи иштироки сиёсии онҳо аҳаммияти калон дорад, ки он, ҳамзамон, нишондиҳандаи муваффақияти демократия ба шумор меравад” [6].

Қайд кардан бамаврид аст, ки дар натиҷаи фурӯпошии Иттиҳоди Шуравӣ аввали солҳои 90-ум ба пайдоиши давлатҳои нави соҳибхтиёр дар фазои сиёсии ин кишварҳо замина гузошт. Ғайр аз ин, дар ин вазъи мураккаби сиёсӣ, ноустуворӣ, пешгӯйинашаванда, аз масъалаҳои муҳимми ҳалталаб арзёбӣ гардида буданд. Дар чунин шароит давлатҳои навтаъсис бо бартарф кардани мушкилоти мавҷудаи худ оғоз карданд, ки заминаи устуворро дар ташаккул ва рушди низоми давлатдориашон замина гузошт. Аз оғози фурӯпошии ИҶШС ин кишварҳо, новобаста аз мушкилоти ба бамиёномада тавонистанд роҳи муносиби давлатдории худро дар асоси принисипҳои муайншудаи конститутсионӣ интихоб карда, низоми давлатдории худро бунёд намоянд [7, 10].

Дар ин давра дар тамоми қаламрави Иттиҳоди Шуравӣ ҷунбише барои дигаргунии сиёсӣ ба вуҷуд омад, моҳи декабри соли 1990 Анҷумани чоруми Шуроҳо дар бораи 17 марти соли 1991 гузаронидани Раъйпурсии умумииттифоқӣ қарор қабул кард. Дар натиҷа 71,3 дарсади аҳолӣ тарафдори нигоҳ доштани ИҶШС раъй доданд. Санаи 19 августи соли 1991 дар шаҳри Маскав Кумитаи давлатии фавқулода таъсис ёфт. Аз 20-уми август сар карда, кишварҳои Эстония, Украина, Беларус, Озарбойҷон, Ӯзбекистон соҳибистиқлолии худро эълон карданд. Ин маънои амалан аз байн рафтани Иттиҳоди Шуравиро дошт. Дар натиҷа давлати абарқудрати Иттиҳоди Шуравӣ аз байн рафт.

Дар Тоҷикистон, новобаста аз мушкилоти ба амаломада вазъи сиёсӣ муташанниҷ гашт. Аз нахустин рӯзҳои касби истиқлоли худ дар раванди барқарорсозӣ ва ташаккули пояҳои давлату давлатдории нав, таъмини амнияту оромии ҷомеа, суботи сиёсиву иҷтимоии кишвар, роҳро ба сӯйи бунёди давлатдорӣ оғоз карданд [8].

Таърих гувоҳ аст, ки дар аввали солҳои 90-уми асри XX раванди ноил гаштан ба соҳибихтиёрӣ ва бунёди заминаҳои давлатдории миллӣ барҳам хӯрдани давлати абарқудрати Иттиҳоди Шуравӣ ва аз ҷониби собиқ ҷумҳуриҳои он паси ҳамдигар эълон намудани Истиқлоли давлатӣ маънидод мешавад. Дар ҳошияи фурӯравии давлати Шуравӣ ва бархӯрди манфиатҳои динию сиёсӣ халқи тоҷик низ Истиқлоли давлатии худро эълон дошт, ки он минбаъд бо муаммоҳо рӯбарӯ шуд [9].

Дар баробари дигар ҷумҳуриҳои собиқи Шуравӣ баъди пош хӯрдани Иттифоқи Ҷумҳуриҳои Шуравии Сотсиалистӣ (ИҶШС), Ҷумҳурии Тоҷикистон 9-уми сентябри соли 1991 Истиқлоли давлатии худро эълон намуда, ба давлати мустақил табдил гардид. Гузашта аз ин, яке аз масъалаҳои муҳимме, ки соҳибихтиёрии пурра ва воқеии Тоҷикистонро бояд қонунӣ мегардонд, қабули Конститутсияи нави Ҷумҳурии Тоҷикистон буд. Шурои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон 24-уми августи соли 1990 дар сессияи дуюм, даъвати дувоздаҳум "Эъломияи истиқлоли Ҷумҳурии Шуравии Сотсиалистии (ҶШС) Тоҷикистон"-ро қабул намуд. Ҳангоми қабул намудани ин санади муҳим Тоҷикистон ба ҳайати ИҶШС дохил мешуд. Эъломияи Истиқлоли ҶШС Тоҷикистон заминаи устувори ҳуқуқии истиқлолии давлатӣ ва қадами аввалин доир ба таҳия намудани лоиҳаи нави Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳисоб меравад [10].

Ба мураккабшавии вазъи сиёсӣ, ҳуқуқӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ, кандашавии робитаҳои байнидавлатӣ ва шартномавӣ, беқурбшавии пул, набудан ва норасоии воситаҳо, нокомилӣ ва мухолифати дохилии қонунҳои қабулкардашуда ва ғайра сабаб мешуд. Аз ин лиҳоз, дар назди давлати навбунёд ва ҷавони тоҷик дар қатори масъалаҳои ҳалталаби сиёсӣ ва иҷтимоию иқтисодӣ барпо намудани механизми ҳуқуқии баамалбарории онҳо меистод, зеро ба даст овардани Истиқлоли давлатӣ ва воридшавии Тоҷикистон ба фазои иқтисодӣ ва сиёсии озод бидуни мавҷудияти қонунгузории мукаммал, босифат ва самараноке, ки ба асосҳои конститутсионии демократия ва санадҳои байналмилалии Ҷумҳурии Тоҷикистон эътирофнамуда такя менамояд, номумкин буд [11].

Тавре муҳаққиқон иброз медоранд, бо барҳам хӯрдани Иттиҳоди Шуравӣ, ки он аз сӯйи кишварҳои абарқудрат ҷараён гирифт ва барои пош хӯрдани он садҳо миллион доллар масраф гардид, яке аз омилҳои ба вуқуъ омадани ҷанги шаҳрвандӣ дар Тоҷикистон гардид. Дар натиҷа ҳар қувваи сиёсӣ барои ба даст овардани ҳокимияти сиёсӣ дар асоси мақсад ва ҳадафҳои худ ба мубориза бар хостанд. Ба ҳамин монанд ҳодисаҳое, ки дар ҷумҳуриҳои собиқ Шуравӣ, махсусан Озарбойҷон, Арманистон, Қазоқистон ва Ӯзбекистон ба амал омада буданд, далели гуфтаҳост ва дар Тоҷикистон, ки руҳияи мардум мутаммарказ буд ва дар идораи давлати миллӣ ҷасорату иродаи сиёсӣ надоштан, сабаб шуд, ки иддае аз кишварҳои

абарқудрат ва минтақа аз вазъи ноустувор ва холигии сиёсӣ истифода бурда, оташи ҷанги шаҳрвандиро дар кишварамон аланга занониданд [12].

Лозим ба таъкид аст, ки яке аз масъалаҳои мураккаби сиёсӣ омӯзиши рушди иҷтимоию сиёсӣ, солҳои 80-90-уми асри гузашта ба ҳисоб рафта, ин давра бо либерализатсияи низоми сиёсии Шуравӣ, буҳрони идеологияи коммунистӣ, фурӯпошии ИҶШС ташаккули давлатҳои нави мустақил дар фазои сиёсии ин кишварҳо тавсиф мешавад. Дар ин раванд Ҷумҳурии Тоҷикистон ба буҳрони сиёсӣ гирифтор шуда, мушкилоту монеаҳо дар роҳи бунёди давлатдорӣ мушкил монеагиро ба миён оварданд. Доир ба муҳимтарин масъалаҳои иҷтимоию иқтисодӣ, сиёсию ҳуқуқӣ, ки барои суботи сиёсӣ, рушди сиёсати дохилию хориҷии кишвар муҳим арзёбӣ гардида буданд, тағйироти назаррас ба миён омаданд.

Дар бораи масъалаи баррасигардида назари муҳаққиқи рус О. Харитонова чунин аст: "Бояд хотирнишон сохт, ки охири асри бист бо мавҷи ҷаҳонии демократикунонӣ баҳогузорӣ карда мешавад, хусусан, ба шикаст хӯрдани режими коммунистӣ равона гардида буд. Равандҳое, ки дар кишварҳои Осиёи Марказӣ, баъди барҳам хӯрдани Иттиҳоди Шуравӣ ба вуҷуд омаданд, таваҷҷуҳи наздики доираҳои сиёсии байналмилалӣ ва ҷомеаи илмиро ба худ ҷалб карда буд. Дар ин давра неруҳо ва гурӯҳҳои иҷтимоию сиёсӣ, ки барои ҳокимияти сиёсӣ мубориза мебурданд, пайдо шуда, самтҳои идеологии худро тақвият доданд. Дар ин миён ҳар гурӯҳи сиёсӣ мехост, дар асоси барномаи таҳиякардаи худ самту равиш ва фаъолияти худро устувор карда, ба сифати неруи пешбаранди сиёсӣ ҷойгоҳи сазовори худро пайдо намояд" [13, 11].

Бояд тазаккур дод, ки солҳои 80-90-уми асри гузашта бо тағйироти бузурги таърихӣ, пур аз дигаргуниҳои куллӣ дар низоми сиёсӣ, иҷтимоии кишварҳои сотсиалистӣ арзёбӣ мегардад. Маҳз дар ҳамин солҳо пояҳои моддӣ, сиёсӣ, иҷтимоӣ, иқтисодӣ, фарҳангии кишварҳои ИДМ дар сатҳи ноустувор қарор доштанд. Дар натиҷаи таҳаввулоти ба амаломадаи соли 1991 дар ҳаёти сиёсии ин кишварҳо ҳамчун марҳалаи муҳимми таърихӣ, фурӯпошии ИҶШС оғози бунёди давлатҳои мустақил дар фазои сиёсии ин кишварҳо арзёбӣ мегардад. Дар натиҷаи аз байн рафтани ИҶШС, Ҷумҳурии Тоҷикистон, мисли дигар ҷумҳуриҳои собиқ Иттиҳоди Шуравӣ, ба роҳи бунёди низоми нави давлатдории худ, ҳамчун давлати демократӣ, ҳуқуқбунёд, дунявӣ ва ягона ворид гашт. Ин як дастоварди муҳим дар роҳи рушду ояндаи кишвар арзёбӣ гардид.

Тавре муайян гардид, дар натиҷаи барҳам хӯрдани Иттиҳоди Шуравӣ, дар қатори дигар кишварҳои мазкур дар ҳаёти сиёсии Ҷумҳурии Тоҷикистон дигаргуниҳои муҳимми сиёсию ҳуқуқӣ ба миён омаданд, ки заминаи муҳимро дар ташаккул ва рушди низоми сиёсии ҷомеа устувор намуд. Дар натиҷа дар низоми давлатдории Тоҷикистон бисёр

дигаргуниҳое ба миён омаданд, ки дар ташаккул ва рушди низоми сиёсии ҷомеа ва дар шаклгирии демократикунонии ҷомеа мусоидат намуд.

Аз нигоҳи муҳаққиқ Н.Кунтувдий: «Пас аз барҳам хӯрдани Иттиҳоди Шуравӣ ҳамчун марҳалаи муҳимми рушди сиёсии кишварҳои Осиёи Марказӣ арзёбӣ гардида, тағйироти назарраси сиёсӣ, ҳуқуқиро ба миён овард. Баъди ба амал омадани чунин дигаргуниҳои муҳимми сиёсӣ, дар ҳаёти сиёсии ин кишварҳо дигагуниҳои муҳимми сиёсӣ ба миён омаданд, ки дар шаклгирии низоми давлатдорӣ мусоидат намуданд» [14, 8].

Дар ин марҳалаи муҳим махсусан барои давлатҳои пасошуравӣ, ки тағйироти куллии муносибатҳои иҷтимоиро аз сар гузаронидаанд ва боиси тағйирот дар низоми сиёсии ҷомеа шудаанд. Ин вазъ ногувор масъалаи татбиқи кафолатҳои конститутсионии ҳуқуқ ва озодиҳои шаҳрвандонро ба миён гузошт, ки ҳалли он яке аз вазифаҳои муҳимтарини ин давлатҳо дар марҳилаи кунунии рушд ба ҳисоб меравад. Гузариши ҷумҳуриҳои собиқи Шуравӣ ба сатҳи нави рушд, аз он иборат аст, ки ташаккули ҷомеаи шаҳрвандии демократӣ ва волояти қонун зарурати навсозии институтҳои демократӣ ва ташаккули институтҳои нави ҳуқуқии давлатиро муайян сохт [15,].

Тавре муайян гардид, дар натиҷаи ба амал омадани ислоҳоти сиёсӣ, иқтисодӣ ва ба инобат гирифтани манфиати табақаҳои гуногуни аҳолӣ, дигаргуниҳое ба миён омаданд, ки дар ташаккул ва рушди ҷанбаҳои гуногуни ҳаёти ҷомеа таҳаввулоти назаррасро ба миён овард. Мундариҷаи сиёсии ин тағйиротҳоро пеш аз ҳама, дигаргуниҳое ташкил медоданд, ки заминаи устуворро дар ташаккул ва рушди низоми сиёсии ҷомеа асос гузошт.

Дар натиҷаи ба амал омадни тағйиротҳои назарраси сиёсӣ, метавон онҳоро дар ҳаёти сиёсии ҷомеа, чунин натиҷагирӣ кард:

–тавре муайян гардид, баъди ба амал омадани тағйиротҳои назаррасӣ сиёсӣ заминаи муҳимро дар ташаккул ва рушди низоми сиёсии ҷомеа ба вуҷуд овард;

–дар натиҷаи ба амал омадани чунин дигаргуниҳои назарраси сиёсиву ҳуқуқӣ, заминаи устуворро дар шаклгирии ниҳодҳои сиёсии ҷомеа ба миён гузошт;

–дар натиҷа қабул гардидани санадҳои меъёрии ҳуқуқии зиёд дар тамоми бахшҳои ҳаёти ҷомеа, аз омилҳои муҳимми ташаккул ва рушди ҳаёти сиёсии ҷомеа гардиданд;

–хусусан, барои ба эътидол омадани вазъ якчанд санади меъёрии ҳуқуқӣ қабул гардиданд, ки дар ҷанбаҳои гуногуни ҳаёти ҷомеа мусоидат намуданд, хусусан мустаҳкам гардидани принсипи қонунят, асосҳои сохтори конститутсионӣ, мустаҳкам гардид, тамоми сохторҳои давлатӣ, дар маҷмуъ дар ташаккул ва рушди ҳокимияти сиёсӣ нақши муҳим гузошта

шуд;

– дар ин марҳалаи муҳим ҷомеа ва давлати Тоҷикистон ба марҳалаи сифатан нави таърихи инкишофи худ ворид шуданд ва дар кишвар давраи дигаргуниҳои куллӣ дар ҳамаи соҳаҳои ҳаёти ҷомеа оғоз гардид;

–дар заминаи меъёрҳои конститутсионӣ ҳадафҳо, мазмун ва самтҳои сиёсати иҷтимоии давлати Тоҷикистон муайян шудаанд, миқдори зарурии қонуну барномаҳо қабул шуда, дигар чорабиниҳои дахлдори давлати амалӣ шуд.

Аз нигоҳи муҳаққиқ Б.Жумакаева: «Баъди барҳам хӯрдани Иттиҳоди Шуравӣ, кишварҳои Осиёи Марказӣ роҳи муносиби низоми сиёсии худро бунёд карда, таҳаввулоти назаррасро дар рушди низоми сиёсиашон ба вуҷуд оварданд. Солҳои 90-ум, сарфи назар аз набудани чаҳорчӯбаи вақти зарурӣ барои таҳқиқоти таърихӣ ва сиёсӣ, на танҳо барои сиёсатшиносон, файласуфон, иқтисоддонҳо ва ҳуқуқшиносон, балки барои таърихшиносоне, ки раванди сиёсиро меомӯзанд, таваҷҷӯҳи зиёд дорад, ки бидуни он пешгӯии сарнавишти ислоҳоти дар кишвар татбиқшаванда хеле душвор аст. Тағйироти сиёсӣ, аз сатҳи муайян кардани намунаҳои мушаххаси модернизатсияи сиёсӣ, ки қисми ҷудонашавандаи рушди ҷомеа мебошанд, муҳим аст» [16, 6].

Баъди ба амал омадани чунин тағйироти сиёсӣ, дар ҳаёти сиёсии кишварҳои Осиёи Марказӣ, махсусан Тоҷикистон, таҳаввулоти назаррас ба миён омад, ки дар ташаккул ва рушди низоми сиёсӣ, ниҳодҳои сиёсӣ ҷомеа ва шаклгирии низоми давлатдорӣ тағйироти назарраси сиёсии ҳуқуқӣ ба миён омад. Дар даҳсолаи охир Ҷумҳурии Тоҷикистон тағйироти куллӣ ва фарогирро дар ҳама соҳаҳои ҳаёти ҷамъиятӣ аз сар гузаронидааст, ки зарурати тағйирот дар низоми қонунгузории миллиро ба миён овардааст.

Баъди пош хӯрдани Иттиҳоди Шуравӣ, давлатҳои узви он ба ҳар тараф барои ҷустуҷӯйи роҳи хеш рафтанд ва ҳамагон зери фишорҳои геополитикӣ монданд. Муборизаи ду система ва ҷанги сард анҷом ёфта, ба ҷойи он бозингарони зиёде ба саҳнаи муборизаҳои геополитикӣ қадам гузоштанд, ки муборизаи миёни онҳо равандҳои асосии ҷаҳони муосирро муайян месозанд. Чунин тағйироту дигаргунӣ дар низоми нави ҷаҳонӣ аз пайи худ дастоварду арзишҳои навро низ овард [17].

Қобили тазаккур аст, ки солҳои аввали соҳибистиқлолии Тоҷикистон давраи пурфоҷеа, солҳои ҳалли масъалаи будан ё набудани давлати Тоҷикистон, таъмини сулҳу субот, ризоят ва ваҳдати миллӣ, марҳалаи омодасозии заминаҳои гузариш аз як низоми сиёсиву иқтисодӣ ва иҷтимоию фарҳангӣ ба низоми комилан нав ва гузоштани таҳкурсии давлати соҳибистиқлол буданд. Бо вуҷуди ин ҳама мушкилоти сахту сангини ин давра роҳбарияти олии сиёсии Тоҷикистон тавонист пайванди ҷомеаи худро бо ҷаҳони мутамаддини муосир, ки ҷавҳар ва асли онро

низоми демократӣ, ҳуқуқбунёд, дунявӣ ва иҷтимоӣ ташкил медиҳад,таъмин намояд .

Бояд хотирнишон сохт, ки истиқлолияти давлатӣ ҳамчун воқеаи фараҳбахши таърихӣ ва ҳодисаи муҳиму сарнавиштсоз ба тоҷикон озодиву соҳибихтиёриро ҳадя намуда, боис гардид, ки дар харитаи сиёсии ҷаҳон давлати нав бо номи Тоҷикистон бо тамоми унсурҳои давлатдории миллӣ арзи ҳастӣ намояд ва ҳамчун узви комилҳуқуқи ҷомеаи ҷаҳонӣ аз ҷониби давлатҳо ва созмону ташкилотҳои бонуфузи байналмилалӣ расман шинохта шавад. Гузашта аз ин, ин санади сарнавиштсози таърихӣ барои бунёду эъмори давлатдории миллӣ, интихоби шакли сохти давлатӣ, идоракунии давлатӣ, режими сиёсӣ ва мустақилона ба роҳ мондани сиёсати дохиливу хориҷии кишвар заминаҳои муносиби ҳуқуқӣ ва ташкилиро фароҳам овард [18].

Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паёми шодбошиашон ба муносибати Рӯзи Ваҳдати миллӣ иброз доштаанд: «Таъмин намудани сулҳу оромӣ, суботи сиёсӣ ва ваҳдати миллӣ, ки аз Иҷлосияи XVI Шурои Олии мамлакат сарчашма мегирад, барои қатъи мухолифати мусаллаҳона ва ҷангу хунрезӣ, сарҷамъии миллати тоҷик, ба Ватан баргардонидани гурезаҳо, бунёди давлати демократӣ, ҳуқуқбунёду дунявӣ ва таъсиси низоми ҳуқуқии адолатпеша асоси мустаҳкам гузошт».

Бояд хотирнишон намуд, ки Истиқлоли давлатӣ ба он мусоидат кард, ки рушди босубот дар кишвар таъмин гардад, сатҳи некуаҳволии аҳли ҷомеа беҳтар шавад ва натиҷаҳои бузург дар ҳаёти сиёсӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангӣ ба даст оварда шаванд. Бар роҳ мондан ва татбиқи се ҳадафи стратегӣ дар даврони истиқлол барои кишвар имкон фароҳам овард, ки вазъи иҷтимоӣ ва иқтисодӣ дар кишвар рушд ёбад ва такони ҷиддие дар сатҳи некуаҳволии ҷомеа ба амал ояд [19]. Таъсиси ҳокимияти давлатӣ, шохаҳои асосии ҳокимияти сиёсӣ ва рукнҳои идоракунии давлат дар роҳи таҳкими истиқлолият ва бунёди давлати муосири тоҷикон яке аз роҳу василаи муҳим ва калидӣ ба ҳисоб мерафт.

Ҷиҳати фароҳам овардани заминаҳои меъёрии ҳуқуқии соҳа якчанд қонуну қарорҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, барномаҳои давлатӣ ва созишномаҳои байнидавлатию ҳукуматӣ бо кишварҳои хориҷӣ таҳия ва қабул гардиданд, ки заминаи муҳимро дар ташаккул ва рушди низоми сиёсии ҷомеа, ва дар шаклгирии ниҳодҳои сиёсии ҷомеа мусоидат карданд. Хусусан, баъд аз қабули Конститутсияи кишвар дар амалӣ намудани моҳияти демократии давлати Тоҷикистон қадамҳои устувор гузошта шуда, ба меъёрдарории муносибатҳо дар доираи санадҳои қонунгузорӣ мустаҳкам карда шуд. Аз ҷониби дигар, густариши сиёсати ҳуқуқӣ бо дарназардошти унсурҳои давлати демокративу ҳуқуқбунёд тақвият ёфта, ба сифати

баланди қонунҳо, ки таъмини волоияти қонун аз он сарчашма мегирад, таваҷҷуҳи махсус зоҳир карда шуд [20].

Қабули Конститутсияи мамлакат, қонунҳо ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, инчунин, такмили мунтазами онҳо, ҳамзамон, мутобиқ намудани қонунгузорӣ ба санадҳои ҳуқуқии байналмилалӣ шаҳодати рушду такомули устувори низоми ҳуқуқии миллӣ маҳсуб меёбад. Ин раванд ҳанӯз ҳам идома дошта, ҳамчун омили муҳимми таҳкими давлатдории миллӣ ва ҷомеаи ҳуқуқбунёд хизмат менамояд. Дар ин раванд тавонистем, ки ҳама гуна пастию баландиҳо, бухрону мушкилот ва ниёзмандиҳоро пушти сар намуда, Тоҷикистонро ба як кишвари орому осуда, орӣ аз нобасомонию ҷангу ҷидол ва фитнаю тавтеаҳо табдил дода, фазои сулҳу суботро таъмин намоем.

Ин тағйироти муҳимми ба амал омада, барои ноил шудан ба дастовардҳои муҳим дар ҳаёти сиёсиву иқтисодӣ, иҷтимоиву фарҳангӣ ва маънавии ҳаёти ҷомеа, ба ташаккули сиёсати давлатӣ дар соҳаҳои гуногуни иқтисоди миллӣ (хоҷагии халқ) тадриҷан фароҳам овардани имкониятҳои васеъи рушду такомули онҳо дар шароити мураккаби тағйирёбии сохториву ҷамъиятӣ мусоидат намуд.

Дар ин самт қабул шудани Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон соли 1994 ва тағйирот ба он (1999, 2003, 2016) ва дар ин самт инъикос ёфтани ҳадафҳои пешрафти давлат барои раҳоӣ ёфтани мардум аз парокандагӣ такони пурзӯре гардид. Асоси анъанавии инкишофи давлатдорӣ эътироф шудани гуногунандешӣ (плюрализм), бисёрҳизбӣ, озодии сухан, эътиқоду мазҳаб, имкони вуҷуд доштани мафкураҳои гуногун дар ҷомеа дар Конститутсия сабт шуданд. Аз як тараф, дар ин ҳуҷҷати муҳимми сиёсиву ҳуқуқӣ арзишмандтарин афкору ақидаҳои инсондӯстонаву демократӣ ва меъёрҳои эътирофшудаи ҳуқуқи умумибашарӣ, аз сӯйи дигар, хусусиятҳои ҷомеаи тоҷикон ва фарҳангу анъанаҳои он ба эътибор гирифта шуданд. Моддаи аввали Конститутсия Тоҷикистонро давлати ҳуқуқбунёду демократӣ, дунявӣ ва ягона ва банди дигари ин модда давлати иҷтимоӣ эълон кардааст [21].

Ин дигаргуниҳо ва тағйироти муҳимми ба миён омадаро дар ташаккул ва рушди ҳаёти сиёсии ҷомеа, метавон чунин натиҷагирӣ кард:

–ба ҳамагон маълум аст, ки баъди барҳам хӯрдани ин давлати абарқудрат мушкилоте дар раванди сиёсии ҷомеа ба миён омаданд, ки дар раванди ташаккул ва рушди низоми сиёсии ҷомеа монеа гузоштанд;

–дар натиҷаи оғоз гардидани ислоҳоти сиёсии ҳуқуқӣ дар ҳаёти сиёсии ҷомеа дигаргуниҳои куллӣ ба миён омаданд, ки дар ташаккул ва рушди ҳаёти ҷомеа таҳаввулоти назаррасро ба миён оварданд;

– тавре муайян гардид, аксари ин тағйирот ба устувор гардидани низоми сиёсии кишвар равона гардида буданд.

Бояд хотирнишон сохт, ки дар натиҷаи устувор гардидани тартиботи конститутсионӣ, дар раванди сиёсии ҷомеа чунин тағйироти назарраси сиёсӣ ба миён омаданд:

–дар натиҷаи ин дигаргуниҳои баамаломада дар ҳаёти сиёсии ҷомеа дигаргуниҳое ба миён омаданд, ки дар рушди сиёсаи иқтисодиву иҷтимоӣ, фарҳангӣ таҳаввулоти назаррасро ба миён оварданд;

–ба фаъолият оғоз кардани ниҳодҳои муҳимми сиёсӣ аз муффақтарин дастоварди сиёсӣ дар таҳким ва рушди демократия арзёбӣ мегардад;

–ташаккул ёфтани ҳуқуқи интихобот низоми интихобот, заминаи муҳимро дар ташаккул ва рушди низоми сиёсии ҷомеа, дар шаклгирии низоми бисёрҳизбӣ мусоидат карданд. Хусусан, фаъолияти ҳизбҳои сиёсӣ ба ҳайси унсури муҳимми ҷомеа демократӣ ба фаъолият оғоз кард;

– яъне, мустаҳкам намудани заминаҳои моддӣ ва маънавӣ, сиёсию иҷтимоӣ ва иқтисодию ҳуқуқии он равона гардид.

### Адабиёт

1.Ташибвл М. Особенности развития политическом системы Кыргызской Республики в контексте процесса стабилизации межэтнических отношений [Текст]: автореф. дис. … канд. полит. наук / М.З. Ташибвл. – М., 2013. – С. 4.

2.Штин К. Конституционно-политический кризис в России: 1990-1993 гг. [Текст]: автореф. дис. ... канд. юрид. наук. / К.Н. Штин.– М., 2004. – С. 7.

3.Қаландаров К. Раванди ташаккули системаи сиёсӣ дар шароити тағйирпазирии ҷомеа (дар мисоли Тоҷикистон) [Матн]: автореферати диссертатсияи дараҷаи номзади илмҳои сиёсӣ / К. Қаландаров. – Душанбе, 2021. – С. 20.

4.Отахон Латифӣ намехост давлат исломӣ шавад ва то охири умр коммунист боқӣ монд! [Захираи электронӣ] https://asiaplus.news/tg/2026/03/18/otahon-latifi-namehost-davlat-islomi-shavad-va-to-ohiri-umr-kommunist-boqi-mond (санаи муроҷиат:21.01.2026).

5.Хидирова М. Институт лидерства в контексте трасформационного общества [Текст] / М. Хидирова. – Душанбе, 2008. – С. 48.

6.Кузин А. Демократия и политическое вовлечение граждан [Электронный ресурс] / А. Кузин. – (Режим доступа): https://cyberleninka.ru/ (Дата обращения: 10.04.26).

7.Айбазова Ф. Становление и развитие Содружества Независимых Государств в 90-е годы XX века: опыт, уроки, проблемы [Текст]: автореф. дис… д-р. ист. наук / Ф. Айбазова. – М., 2008. – С. 10.

8.Истиқлолият–шарафи миллати озодандеш ва соҳибэҳтиром [Захираи электронӣ] https://khovar.tj/2014/09/isti-1179-loliyat-sharafi-millati-ozodandesh-va-so-1203-ibe-1203-tirom (Санаи муроҷиат: 21.01.2026).

9. Ваҳдати миллӣ асоси бунёди давлатдории навини тоҷикон [Захираи электронӣ] https:// khovar.tj/ 2017/06/va-dati-mill-asosi-bunyodi-davlatdorii-navini-to-ikon (Санаи муроҷиат: 21.01.2026).

10.Истиқлолияти давлатӣ–замина ва дастовардҳои муҳимми он [Захираи электронӣ] https: // sadoimardum.tj/ma-lisi-ol/90394/ (Санаи муроҷиат: 2.01.2026).

11.Забиров М. Инкишофи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар замони Истиқлолият / М.Забиров // "Садои мардум", 5. сент. 2016.

12. Расидан ба сулҳ осон набуд [Захираи электронӣ] https://khovar.tj/2012/06/rasidan-ba-sul-1203-oson-nabud (Санаи муроҷиат: 21.01.2026).

13. Харитонова О. Трансформация политической системы СССР [Текст]: автореф. дис... канд. полит. наук / О. Г. Харитонова. – М., 1994. – С. 11.

14. Кунтувдый Н. Распад политической системы СССР и тенденции дальнейших социально-политических изменений: идеол. аспект [Текст]: автореф. дис... канд. полит. наук / Н.А. Кунтувдый. – М., 1999. – С. 8.

15.Зокиров Г., Шарифзода Л. Избирательное право как неотъемлемый атрибут демократического государство [Текст] / Г. Зокиров Л. Шарифзода // Вестник Таджикского национального университета. Серия социально-экономических и общественных наук. – 2021. – №7. –С. 239. ISSN: 2413-5151; EDN: PEUNEI.

16. Жумакаева Б.Д. Исторический опыт политической модернизации России и Казахстана в 90-е годы XX века [Текст]: автореф. дис… канд. ист. наук / Б.Д. Жумакаева. – М., 2003. – С. 6.

17.Давлатдории миллӣ ва таҳкими он дар 25 соли Истиқлолияти давлатӣ [Захираи электронӣ] khovar.tj/2019/09/nemate-buzurg-is ti-loli yat-to-i kistonro-bo-a-on-va-a-onro-bo-to-i kiston-nazdiku-arin-gardonid/ (Санаи муроҷиат: 2.01.2026).

18.Маҳмудов И. Саҳифаҳои дурахшони ҳаёти ҳуқуқии кишвар дар масири 30 соли Истиқлоли давлатӣ / И. Маҳмудов // Минбари ҳуқуқшинос. - №13-14 (155-56). 8 сентябри соли 2021.

19.Ба 27-солагии Истиқлоли давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон бахшида мешавад [Захираи электронӣ] https://khovar.tj/2018/09/da-dastovardi-benazir-ba-27-solagii-isti-loliyati-davlatii-um-urii-to-ikiston-bahshida-meshavad (Санаи муроҷиат: 2.01.2026).

20.Саҳми Пешвои миллат дар густариши сиёсати ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон [Захираи электронӣ] https://khovar.tj/2018/09/da-dastovardi-benazir-ba-27-solagii-isti-loliyati-davlatii-um-urii-to-ikiston-bahshida-meshavad (Санаи муроҷиат: 2.01.2026).

21."Созишномаи умумии истиқрори сулҳ ва ризояти миллӣ дар Тоҷикистон"–санади нодири ҳуқуқӣ [Захираи электронӣ]

https://khovar.tj/2023/06/sozishnomai-isti-rori-sul-va-rizoiyati-mill-sanadi-nodiri-u-u (Санаи муроҷиат: 2.01.2026).

# ЭВОЛЮЦИЯ ПОЛИТИЧЕСКИХ ПРОЦЕССОВ – ВАЖНЫЙ ФАКТОР В РАЗВИТИИ ПОЛИТИКО-ПРАВОВЫХ ИЗМЕНЕНИЙ В ПОЛИТИЧЕСКОМ ПРОСТРАНСТВЕ ТАДЖИКИСТАНА

**ШАРИФЗОДА ЛОХУТИ ШАРИФ,**
доктор политических наук, доцент, замиститель директора Центра стратегических исследований при Президенте Республики Таджикистон
734025, Таджикистан, город Душанбе, улица Шохтемур 27;
тел: (+992) 987-49-10-69; e-mail: Slohuti@mail.ru

**МУМИНОВ Ф ФИРДАВС,**
соискатель кафедры политологии Кулябский государственного университета им. А. Рудаки
735360, Таджикистан, город Куляб, махалля 1 Мая;
тел. 919-89-65-69

*В данной статье анализируются и оцениваются основные особенности политико-правовых изменений в политической жизни таджикского общества. Как было установлено, в результате распада Советского Союза, как и в других странах Центральной Азии, в политической жизни Республики Таджикистан произошли важные политико-правовые изменения, заложившие важную основу для формирования и развития политической системы общества. В результате произошли многочисленные изменения в государственной системе Таджикистана, способствовавшие развитию политической системы общества и формированию демократизации общества.*

***Ключевые слова:*** *СССР, Советский Союз, Республика Таджикистан, суверенитет, постсоветские страны, политические процессы, политические изменения, демократизация общества.*

# THE EVOLUTION OF POLITICAL PROCESSES AS AN IMPORTANT FACTOR IN THE DEVELOPMENT OF POLITICAL AND LEGAL CHANGES IN THE POLITICAL SPACE OF TAJIKISTAN

**SHARIFZODA LOHUTI SHARIF,**
Doctor of Political Sciences, Associate Professor, Deputy Director of the Center for Strategic Research Under the President of the Republic of Tajikistan,

734025, Tajikistan, Dushanbe city, Shohtemur str. 27;
phone.: (+992) 987-49-10-69; e-mail: Slohuti@mail.ru

**MUMINOV FIRDAVS,**
PhD Candidate at the Department of Political Science at Kulob State University named after A. Rudaki
735360, Tajikistan, Kulob city, mahalla 1-May;
phone.: 919-89-65-69

*This article analyzes and evaluates the important features of political and legal changes in the political life of Tajik society. As it was determined, following the collapse of the Soviet Union, significant political and legal transformations emerged in the political life of the Republic of Tajikistan, alongside other Central Asian countries. These changes created an important foundation for the formation and development of the political system of society. As a result, many transformations occurred in the state system of Tajikistan, which contributed to the development of the political system of society and to the process of democratization.*

***Keywords**: USSR, Soviet Union, Republic of Tajikistan, sovereignty, post-Soviet countries, political processes, political changes, democratization of society.*

УДК: 321.01

# РАВАНДҲОИ СИЁСӢ : МОҲИЯТИ ҶАНБАҲОИ НАЗАРИЯВӢ ВА ХУСУСИЯТҲОИ СОХТОРИЮ ФУНКСИОНАЛӢ

**АБДУСАЛОМЗОДА АНЗУРАТ,**
муовини Раиси вилояти Хатлон, унвонҷӯйи кафедраи
сиёсатшиносии Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав
735140, Тоҷикистон, шаҳри Бохтар, кӯчаи Ҳувайдуллоев 1;
тел.: 884-44-30-38; e-mail: a.abdusalomzoda@mail.ru

*Мақола ба таҳлили ҷанбаҳои назариявӣ ва хусусиятҳои сохторию функсионалии раванди сиёсӣ ҳамчун зуҳуроти ҷамъиятию сиёсӣ бахшида шудааст. Муаллиф қайд мекунад, ки раванди сиёсӣ мафҳуми гуногунҷанба буда, онро олимон аз паҳлуҳои гуногун арзёбӣ мекунанд. Равандҳои сиёсӣ ҳаракат, ҷараёни инкишоф, эволютсияи системаи сиёсӣ, тағйирёбии ҳолатҳои онро дар замон ва макон нишон медиҳанд. Ниҳодҳои сиёсӣ, аз қабили давлат, ҷомеаи шаҳрвандӣ, ҳизбҳои сиёсӣ, гурӯҳҳои муташаккил ва ғайримуташаккили одамон ҳамчун субъектҳои асосии раванди сиёсӣ баромад мекунанд ва ҳамзамон, унсурҳои таркибии системаи сиёсӣ маҳсуб меёбанд. Равандҳои сиёсиро технологияи дар амал татбиқ намудани ҳокимият низ меноманд.*

***Калидвожаҳо:*** *раванди сиёсӣ, системаи сиёсӣ, ниҳодҳои сиёсӣ, гурӯҳои сиёсӣ, ҷомеа, давлат, ҳокимият, субъекти ҳокимият, вазъи сиёсӣ, марҳалаҳои раванди сиёсӣ, дигаргунии сиёсӣ, таҳаввули сиёсӣ, мубориза сиёсӣ.*

Дар замони муосир дар низоми донишҳои сиёсӣ масъалаи равандҳои сиёсӣ яке аз ҷойҳои муҳимро ишғол мекунад. Тавассути он арзёбии сатҳи рушди ҷомеаҳо сурат гирифта, мазмун ва шакли онҳо ба вазъи умумии сиёсию иҷтимоии ҷомеа таъсиррасон буда метавонад. Вобаста ба ин, дар фаҳмиши рӯзмарраи илмии ин падида мураккабӣ ва гуногунфаҳмӣ ҷой дорад.

Таҷрибаи сиёсии муосир нишон медиҳад, ки дигаргунӣ ва тағйироте, ки дар ҳаёти ҷомеаҳо рӯй медиҳад, аслан бо мафҳуми «раванди сиёсӣ» маънидод карда мешавад, ба монанди «раванди демократикунонӣ», «раванди идоракунии давлатӣ», «раванди фаъолияти системаи сиёсӣ», «раванди рушди муносибатҳои ҷамъиятӣ», «раванди интихоботӣ», «раванди ташаккули худшиносӣ» ва ғайра.

Дар ибтидо мафҳуми «раванди сиёсӣ» ба маънои «рушд» ва «тағйирот» истифода мешуд. Раванд пешравист, ки барои ифодаи ҳаракати муайян, марҳалаҳои таҳаввул ва маҷмуи амалҳои пайдарпай барои ноил шудан ба натиҷаи мушаххас истифода мешавад. Дар аввалин ақидаҳои

сиёсӣ раванди сиёсиро ҳамчун ҳаёти сиёсии кулли ҷомеа, ки воқеаҳои сиёсӣ, фаъолияти ниҳодҳо ва иштирокчиёни ин воқеаҳоро фаро гирифтааст, баррасӣ мекарданд.

Бояд тазаккур дод, ки "равандҳои сиёсӣ" таҷассумгари инкишофи ҳодисаю падидаҳои сиёсӣ, маҷмуи фаъолияти субъектҳои сиёсӣ дар масъалаи воқеӣ гаштани нақш ва вазифаҳои онҳо дар муносибат ба ҳокимият мебошад, ки ташаккул, инкишоф ва амали системаи сиёсиро дар фазою вақт инъикос менамояд. Равандҳои сиёсӣ, ки дар низоми муносибатҳои иҷтимоӣ мақоми махсус доранд, таркиби мураккабро соҳиб аст. Унсурони зиёде даъвои қисмҳои таркибии раванди сиёсиро менамоянд. Бояд гуфт, ки саромади таснифоти таркиби равандҳои сиёсиро принсипи "аҳаммияти шакли махсуси танзимнамоии сиёсии муносибатҳои ҷомеа" ташкил медиҳад.

Махсусан, бояд таъкид намуд, ки масъалаи равандҳои сиёсӣ дар луғати калимаҳои хориҷӣ чунин шарҳ дода шудааст.

–рафти ин ё он ҳодиса, пай дар пай тағйир ёфтани ин ё он ҳолат ва марҳалаҳои инкишоф;

–маҷмуи амалҳои пайдарпай, ки ба ноил шудан ба натиҷаи муайян нигаронида шудаанд [5, 417]. Дар асоси ин тафсир аломати хосси равандро муайян кардан мумкин аст, ки он "ҳаракат" мебошад. Дар ин маврид ҳаракат маънои аз як ҳолат ба ҳолати дигар гузаштани зуҳурот ва ё падидаи муайян ва ё пайдарпайии амалҳо барои расидан ба мақсади мушаххасро дорад. Бояд қайд кард, ки дар асоси мавҷудияти навъҳои гуногуни ҳаракат гурӯҳбандии равандҳо амалӣ карда мешавад.

Моҳияти амалӣ ва сохтории мафҳуми раванди сиёсиро шарҳ дода, олими рус А.Мелвил таъкид менамояд, ки "равандҳои сиёсӣ, пеш аз ҳама, тағйироти пайгирона ва доимии ҳолати низоми сиёсӣ ё унсурҳои алоҳидаи он мебошад, ки таҳти таъсири омилҳои берунӣ ва дохилӣ сурат мегирад" [1,582]. Дар ин ҷо сухан сари ҷузъҳои таркибии системаи сиёсии давлат меравад, ки зери таъсири омилҳои гуногун ҷиҳати иҷрои амали хоссе таҳрик дода мешаванд. Аз диди сохторӣ ҷузъҳои зикргардида функсияи ба амал баровардани дигаргуниҳои муайянро иҷро мекунанд. Ҳамзамон, ба сифати субъектҳои раванди сиёсӣ баромад менамояд.

Ҳар як марҳалаи рушди ҷомеаҳо вобаста ба эҳтиёҷоти пайдошаванда ва манфиатҳои субъектони сиёсат таъсири худро ба мазмуни равандҳои сиёсӣ мерасонад. Дар фазои кунунии номуайянии ҷаҳонӣ, коршиносони сершумори байналмилалӣ кӯшиш мекунанд, ки тамоюлҳои навро дар рушди равандҳои сиёсӣ мавриди таҳқиқ қарор диҳанд.

Бояд гуфт, ки ҳар чи қадаре ки муносибатҳои сиёсӣ ва ҳаёти сиёсӣ инкишоф ёбад, ҳамон андоза талаботи сиёсии одамон барҷастатар аз худ

дарак медиҳанд. Бештар дар шакли ҳимояи ҳуқуқу озодии шахс, молу мулк ва эътибори он пайдо мегардад. Зарурати пайдо намудани тарзи қонеъ гардонидани талабот ба миён меояд. Тадриҷан ҳамин тавр дар инсон манфиатҳо ташаккул меёбанд.

Ҳаёти сиёсӣ дар асоси фаъолияти одамон, гурӯҳҳои алоҳида, ниҳодҳои сиёсӣ ташаккул меёбад, ки бо татбиқи манфиатҳо ва эҳтиёҷоти қудратӣ алоқамандanд ва дар доираи амалӣ намудани манфиатҳои онҳо ин субъектҳо бо дигар иштирокчиён ҳамкорӣ мекунанд. Ҳолати мазкурро метавон «раванди ташаккули муносибатҳои ҷамъиятӣ» номгузорӣ намуд. Дар робита ба ин масъал, олими рус Е.Мелешкина қайд мекунад, ки "дар баъзе мавридҳо ҳамкории иштирокчиёни ҳаёти сиёсӣ ба таври тасодуфӣ ва дар баъзе ҳолатҳои дигар аз рӯйи хусусият ва навъашон дар доираи қолабҳои муайян ба амал омада метавонанд. Дар натиҷаи чунин амалҳо робитаҳои устувор пайдо мешаванд. Муносибати мутақобилаи иштирокчиёни ҳаёти сиёсӣ дар вақт ва фазо сурат мегирад, ки дар натиҷа пайдарпайии амалҳо ва таъсири мутақобилае ба вуҷуд меояд, ки маънои муайян доранд. Маҳз ҳамин пайдарпайӣ бо истилоҳи «равандҳои сиёсӣ» ифода мешавад" [2,6]. Воқеан ҳам, чунин аст, зеро ташаккули муносибатҳои ҷамъиятӣ ҳам ба сифати раванди сиёсӣ маънидод мешавад, ки мутобиқи тарҳи муайяни ташаккули ҳамкориҳои сиёсию иҷтимоӣ дар заминаи шинохти манфиатҳои муайян амалӣ карда мешавад.

Ба ақидаи мо, ба мазмуну хусусияти раванди сиёсӣ муҳити сиёсӣ ва вазъи иҷтимоӣ таъсир мерасонад. Раванди сиёсӣ дар ин маврид ба ҳаёти иқтисодӣ, сиёсӣ, фарҳангӣ, иҷтимоӣ ва таносуби неруҳои сиёсӣ дар ҷомеа вобаста аст.

Дар илмҳои сиёсӣ якчанд равиш ва мавқеъҳои назариявию консептуалӣ барои муайян кардани моҳият ва мазмуни равандҳои сиёсӣ ташаккул ёфтаанд. Меъёри асосии ташаккули ин равишҳо хусусияти раванди сиёсӣ ва воҳиди муваққатии ченкунии раванди сиёсӣ мебошад. Барои баррасии мазмун ва моҳияти раванди сиёсӣ танҳо се равиши асосӣ мебошанд:

–равиши ниҳодӣ, ки раванди сиёсиро табдили ниҳодҳои асосии ҳокимият мешуморад. Ба эътиқоди ҷонибдорони ин равиш, маҳз ниҳодҳои сиёсӣ субъектҳои асосии раванди сиёсӣ мебошанд;

–шахсони алоҳида ё гурӯҳҳои одамон субъектҳои раванди сиёсӣ дар равиши рафторӣ мебошанд. Раванди сиёсӣ «вектори натиҷавии» рафтор, ниёзҳо, манфиатҳо ва иродаи сиёсии ин субъектҳо мебошад. Андозаи муваққатӣ дар ин равиш ҳаёти ҳаррӯза аст;

–муносибати сохторию функсионалӣ ба хусусиятҳои дохилии сохторию функсионалии низоми сиёсӣ ва муҳити атроф, ки хусусияти амал ва таъсири мутақобилаи субъектҳои гуногунро муайян мекунад. Дар ин

муносибат субъектҳо натанҳо шахсони алоҳида, балки сохторҳои бузурги системаи сиёсӣ низ мебошанд [2,8].

Таҳлили равишҳои зикргардида нишон медиҳад, ки амалан равандҳои сиёсӣ аз рӯйи субъектҳои худ тасниф карда мешаванд. Ниҳодҳо, шахсони алоҳида ва гурӯҳҳои иҷтимоӣ ва сохторҳои дигари сиёсӣ, дар мисоли акторҳои ҷамъиятӣ метавонанд муайянкунандаи ҷанбаи сохтории равандҳои сиёсӣ бошанд. Аз ҷиҳати дигар бисёрсубъектӣ, ки хосси равандҳои сиёсӣ мебошад, ифодаи моҳияти мураккаби зуҳуроти зикргардида махсуб меёбад.

Дар асоси таърифи мафҳуми "раванди сиёсӣ" метавон гуфт, ки он динамикӣ ва функсионалӣ аст, бинобар ин, метавон тахмин кард, ки шаклҳои асосии раванди сиёсӣ рушди сиёсӣ ва тағйироти сиёсӣ мебошанд.

Дар сиёсатшиносии муосир таснифоти дигари равандҳои сиёсӣ мавҷуданд, ки аз рӯйи меъёрҳо, аз қабили миқёс, давомнокӣ, иштирокчиён ва хусусияти таъсири мутақобилаи субъектҳои раванди сиёсӣ ба миён гузошта шудаанд. Аммо ин маънои онро надорад, ки таснифоти равандҳои сиёсӣ бо меъёрҳои дар боло зикршуда маҳдуд бошад.

Вобаста ба миқёси равандҳои сиёсӣ чунин навъҳо, ба монанди равандҳои сиёсии ҳаррӯза, таърихӣ ва эволютсиониро метавон ҷудо кард. Раванди ҳаррӯзаи сиёсӣ бо ҳамкории бевоситаи субъектҳои инфиродӣ, гурӯҳӣ ва ниҳодӣ (институтсионалӣ) дар давраи муайян алоқаманд аст. Масалан, фаъолияти қонунгузориро дар парлумон мушаххас метавон мисол овард.

Раванди сиёсии таърихӣ бо содир шудани ҳодисаи муайяни таърихӣ алоқаманд аст. Ин навъ асосан фаъолон, аз қабили субъектҳои гурӯҳӣ ва ниҳодиро фаро мегирад. Ба унвони мисол инқилоб ё таъсиси як ниҳоди алоҳидаи сиёсӣ, ба мисли ҳизб ё ҳаракати сиёсиро метавон баён намуд.

Раванди сиёсии эволютсионӣ, ки бо иштироки ниҳодҳо ва системаҳои томи сиёсӣ тавсиф мешавад, дар марҳалаҳои нисбатан дурударози таърихӣ сурат мегиранд.

Муҳаққиқи рус А. Соловев раванди сиёсиро аз рӯйи соҳаҳои мавзуъ тасниф намуда, менависад, ки "аз нуқтаи назари барои ҷомеа аҳаммиятнок, шаклҳои алоҳидаи танзими сиёсии муносибатҳои ҷамъиятӣ равандҳои сиёсиро ба равандҳои асосӣ ва ҳошиявӣ чудо мекунанд. Равандҳои асосӣ ба тағйироти хосиятҳои системавии ҳаёти сиёсӣ, равандҳои ҳошиявӣ бошад, ба тағйирот дар андозаҳои камаҳаммият асос ёфтаанд, ки ба шаклу усулҳои ҳукмронии ҳокимият таъсири принсипиалӣ намерасонанд" [6,292]. Таснифоти мазкур вобаста ба сатҳи таъсирнокии равандҳои сиёсӣ ба рушди системаи сиёсӣ шакл гирифтааст. Воқеияти сиёӣ ҳам собит менамояд, ки ҳама гуна равандҳои сиёсӣ тавассути таъсиррасонӣ ба унсурҳои таркибии системаи сиёсӣ тағйироту дигаргуниҳоро дар ҳаёти ҷомеаҳо ба амал

мебароранд.

Ниҳодҳои сиёсӣ, аз қабили давлат, ҷомеаи шаҳрвандӣ, ҳизбҳои сиёсӣ, гурӯҳҳои муташаккил ва ғайримуташаккили одамон ҳамчун субъектҳои асосии раванди сиёсӣ баромад мекунанд ва ҳамзамон, унсурҳои таркибии системаи сиёсӣ маҳсуб меёбанд. Бояд таъкид кард, ки маҳз ниҳодҳои сиёсӣ бо мурури замон маҷмуи қоидаю меъёрҳо ва талаботи муайянеро, ки муносибатҳои сиёсиро дар ҷомеа танзим менамояд, такрор мекунанд.

Ҳамин тавр, дар сохтори раванди сиёсӣ он субъектҳое мавқеи муҳимро ишғол мекунанд, ки меъёру қоидаҳои рафторро дар ҷомеа таҷдиди назар мекунанд. Илова ба унсурҳои зикргардида, иштирокчиёни хурдтарро низ метавон фарқ кард, ба монанди гурӯҳҳои манфиатдор ва шахсони алоҳида. Бояд таъкид кард, ки шахсони алоҳида метавонанд ҳамчун субъекти раванди сиёсӣ, масалан, тавассути иштирок дар раванди овоздиҳӣ ва дар шакли стихиявӣ дар гирдиҳамоиҳои оммавӣ амал кунанд.

Ҳангоми таҳлили раванди сиёсӣ ва хусусиятҳои динамикии он падидаҳои муайяни сиёсиеро мавриди омӯзиш қарор додан зарур аст, ки онҳо аз нуктаи назари “вазъияти сиёсӣ” ва “тағийрёбии сиёсӣ” аҳаммияти хос доранд. Амали  мазкур робита ва муносибати  байни раванди сиёсӣ ва вазъияти сиёсиро, ки дар давраи муайян ба вуҷуд омадаанд, ошкор мекунад ва он фарогири давраҳои муайяни вазъияти сиёсӣ мебошанд. Аз нигоҳи муҳаққиқон ва назарияпардозони илмҳои сиёсӣ, равандҳои сиёсӣ ва таҳлили вазъиятии он фарогири марҳалаҳои  мушаххас буда, дар шакл ва давраҳои таърихии гуногун пешниҳод мегарданд. Махсусан  сиёсатшиноси рус А. Шутов марҳалаҳои  шаклгирии раванди сиёсиро дар чунин шакл мушаххас менамояд:

–сатҳи таъминоти иттилоотӣ, таҳия ва таҳлили маълумот, муайян намудани объективият ва сифати иттилоот;

–ҷамъоварии маълумот, таҳлили объективӣ, хориҷ кардани маълумоти дуюмдараҷа ва нолозим, ки барои таҳлили вазъ муҳим нестанд;

–муайян кардани сохторҳо ва унсурҳое, ки бевосита дар тағйироти сиёсӣ иштирок доранд;

–муайян  сохтани амалҳои асосии субъекти сиёсии амиқ ва объективии он;

–тавсифи ҳолат ва мазмуни амалиявӣ, инчунин, рафтори субъектҳои дигари раванди сиёсӣ;

–муайян  сохтани омилҳои беруна, ки ба раванди сиёсӣ таъсир мерасонанд;

муайян кардани сабабу омилҳо, мақсад ва  воситаҳои фаъолияти субъекти раванди сиёсӣ;

–таҳлили омилҳои субъектҳои дигар, қабули қарорҳо, дараҷаи

қабули тағйироти сиёсӣ, имкониятҳо, моҳият ва усулҳои дарки раванди сиёсӣ;

–таҳлили таъсири эҳтимолии омилҳои беруна ба ислоҳи натиҷаҳои амали субъекти раванди сиёсӣ;

–таҳлили идеологияи дигаргунсозиҳои сиёсӣ, мувофиқати он ба мақсаду вазифаҳо [9, 25].

Амалҳои зикргардида шаклҳои фаъолияте мебошанд, ки дар ташаккули равандҳои сиёсӣ аҳаммияти хос доранд. Ҳар кадоми онҳо аз диди функсионалӣ баҳри таъмини яклухтии равандҳои сиёсӣ таъсири муайян мерасонанд.

Олими рус Н.А.Шведова раванди сиёсиро ба “дарёи таърих” ташбеҳ додааст: «Дарёи таърих оби худро беист мебарад, баъзан сусттар, вале аз воқеияти нав даст намекашад» [10, 21]. Яъне, ин маънои онро дорад, ки новобаста ба тағйирёбии суръати худ равандҳо амри маъмулӣ дар ҷомеа буда, доимо сарчашмаи навгониҳо (гоҳ ба маънии мусбат ва гоҳ ба маънии манфӣ) маҳсуб меёбанд.

Дар илми сиёсатшиносии ватанӣ ҳам вобаста ба таҳқиқи ҷанбаҳои назариявӣ ва сохторию функсионалии равандҳои сиёсӣ заминаи хуби илмӣ ташаккул ёфтааст. Олимони тоҷик Муҳаммад Абдураҳмон ва Хайриддин Идиев масъалаи раванди сиёсиро дар мисоли ташаккули Ваҳдати миллӣ таҳлили илмӣ намуда, қайд мекунанд, ки «агар ба истиқрори ваҳдату сулҳ дар Тоҷикистон аз лиҳози зина ба зина ташаккул ёфтанашон назар афканем, мебинем, ки онҳо пайваста аз ду раванди ба ҳам алоқаманд иборат буданд» [3,37]. Дар ин ҷо олимони номбурда раванди асосноккунии назариявӣ ва татбиқи амалии технологияи истиқрори сулҳро дар назар доранд. Дар ин ҳолат сулҳофарӣ ҳамчун раванди сиёсӣ маънидод карда мешавад, ки дорои ҷанбаҳои назариявӣ ва амалии худ мебошад.

Ба ақидаи донишманди тоҷик А.Муҳаббатов: «Равандҳои сиёсӣ натиҷаи баҳамтаъсиррасонии гурӯҳҳои иҷтимоӣ, фаъолияти ҳукумат ва таъсирасонии он ба вазъи ҷомеа дониста мешавад. Ҳамчунин, раванди сиёсӣ яке аз воситаҳои муҳимми ташаккулёбии системаи сиёсии ҷомеа, маҷмуи фаъолиятҳои сиёсӣ ва иҷроиши вазифаҳои мушаххаси сиёсӣ мебошад, ки барои дар амал татбиқ намудани ҳокимияти сиёсӣ хизмат мерасонанд. Бинобар ин, равандҳои сиёсиро технологияи дар амал татбиқ намудани ҳокимият номидан мумкин аст» [4,7]. Бояд гуфт, ки ҳаёти сиёсӣ ба монанди дигар муносибатҳои ҷамъиятӣ гуногунпаҳлу буда, тамоми амалҳои сиёсӣ ба мақсади ба даст овардани ҳокимияти сиёсӣ ва нигоҳ доштани он иҷро карда мешавад. Аз ин лиҳоз, дар шароити имрӯза омӯзиши паҳлуҳои гуногуни равандҳои сиёсӣ дар шароити тағйирпазирии ҷомеаи муосир моҳият ва аҳаммияти махсуси илмию амалиро касб кардааст.

Донишманди тоҷик Зафар Ҳукумшоев қайд менамояд, ки “равандҳои сиёсиро метавон саҳнаи бархӯрди манфиатҳо ва ҳимояи талаботу манфиатҳо донист. Равандҳои сиёсӣ дар олами муосир хеле мураккаб гардида, бархӯрди манфиатҳо дар фазои геополитикии олам, хосатан барои кишварҳои рӯ ба инкишоф, мушкилоти ҷиддӣ ба миён овардааст. Қудратҳои бузурги ҷаҳонӣ дар низоми геополитикии худ тамоми омилҳоро баҳри расидан ба ҳадафҳои худ мавриди истифода қарор медиҳанд” [8,3]. Воқеан ҳам, равандҳои муосири сиёсӣ дорои хусусиятҳои гуногунанд, ки амалишавии он дар ҳаёти сиёсӣ аз субъектҳои гуногун, аз ҷумла субъектҳои сатҳи миллӣ ва ҷаҳонӣ, вобаста мебошанд. Равандҳои сиёсӣ хусусияти субъектҳо, робитаҳои мустақими байни онҳо ва муҳити атроф, интихоби ҳадафу воситаҳо, ҷой ва вақти татбиқи онҳо, инчунин, фаъолияти ғайрирасмии сиёсиро дар бар мегиранд. Мақсади равандҳои сиёсӣ ба даст овардани қудрат, зиёд кардани захираҳои қудрат ва ҳадди ақалл таъсиррасонӣ ба қудрат мебошад.

Донишманди тоҷик Махфират Хидирзода масъалаи раванди сиёсиро дар мисоли интихобот баррасӣ намуда, қайд мекунад, ки «хусусиятҳое, ки моҳияти «раванд»-ро ҳамчун категорияи сиёсӣ ифода мекунанд, аз қабили оғозу анҷом доштан, пайи ҳам амалӣ шудани марҳалаҳои он, мавҷудияти низом дар муносибати ҷузъҳои дохилии он, яъне, ҳар як марҳала пас аз марҳалаи дигар бояд амалӣ шавад, баҳамвобастагии ҳар як марҳала, муддати муайяни вақтро дар бар гирифтан, суръати муайянро соҳиб будани марҳалаҳо ва ғайра имкон медиҳанд, ки интихобот маҳз ҳамчун раванди сиёсӣ маънидод карда шавад. Хосияти дигари маънидодкунанда дар он аст, ки тавассути интихобот ҷомеа ба марҳалаи дигаргуниҳо (хоҳ дар сатҳи баланд бошад, хоҳ миёна) ворид мешавад» [7, 23]. Дар робита ба ин масъала, қайд кардан зарур аст, ки пажуҳишгар Махфират Хидирзода ҳам моҳияти сохторӣ ва ҳам функсионалии раванди сиёсиро дар мисоли интихобот таҳқиқу асоснок намудааст.

Мазмуни асосии равандҳои сиёсии муосир ташаккули системаи иштирок дар ниҳодҳо (институтҳо) ва амалияи танзими муносибатҳо мебошад. Даврае, ки раванди сиёсии ҷаҳонро муборизаи системаҳои иҷтимоӣ, режимҳои сиёсӣ ва ғайра муайян мекарданд, гузаштанд. Дар айни замон, муборизаи бисёрҷониба барои иштирок дар идоракунӣ ва танзими глобалӣ идома дорад.

Ҳамчунин, нақши равандҳои сиёсӣ дар низоми нави ҷаҳонӣ сертаъсир буда, амалишавии бомавриди чунин равандҳо ин заминаи ба вуҷуд омадани низоми дигари муносибатҳо мегардад. Маълум аст, ки бавуҷудоваранда ва амалинамоии равандҳои муосири сиёсӣ барои ба миён овардани ҳадафу мақсадҳо буда, он аз ҷониби субъектҳои сиёсат ва ходимони масъул роҳандозӣ мегардад. Дар ташаккули низоми нави ҷаҳонӣ

равандҳои муосири сиёсӣ тағйирпазир буда, онҳо дар шаклгирии низоми навин восита мешаванд. Масалан, акторҳои сиёсӣ баҳри татбиқи мақсадҳои худ равандҳои сиёсиро ба таври зарурӣ истифода мебаранд, зеро ки раванди сиёсӣ раванди фаъолияти субъектони сиёсат ба шумор меравад.

Ҳамин тариқ, метавон хулоса намуд, ки равандҳои сиёсӣ дар низоми донишҳои сиёсӣ мақом ва ҷойгоҳи хосси худро соҳибанд. Раванди сиёсӣ яке аз масъалаҳои муҳимтарини ҳаёти сиёсии ҷомеа маҳсуб мешавад. Инчунин, раванди сиёсиро категорияи марказии илмҳои сиёсӣ низ муаррифӣ намудан мумкин аст. Омӯзиш ва таҳлилу баррасии масъалаҳои ҷудогонаи раванди сиёсӣ барои мутахассисони соҳаи илмҳои сиёсӣ хеле муҳим мебошад. Бахусус, дар ҷомеае, ки ташаккули ниҳодҳои демократӣ ва демократикунонии ҳаёти ҷамъиятӣ ба амал меояд, омӯзиши марҳалаҳои гуногуни инкишофи равандҳои сиёсӣ зарурати хосса пайдо менамояд. Дар асл равандҳои сиёсӣ бо қабули қарорҳои роҳбарикунанда ва бо фаъолияти сиёсии субъектҳои гуногун алоқаманд буда, ҷараёни ташаккули идоракунии корҳои давлатию ҷамъиятиро дарбар мегиранд.

Мушоҳидаҳо нишон медиҳанд, ки ҳалли масъалаҳои давлатию ҷамъиятӣ аз қарорҳои сиёсии қабулшуда ва сатҳи амалишавии онҳо вобаста буда, ин омил кафили пешрафти давлатию ҷамъиятӣ мебошад.

Равандҳои сиёсӣ яке аз масъалаҳои муҳим ва гуногунпаҳлу буда, ҳамзамон, яке аз мавзуъҳои муҳимтарини илмҳои ҷомеашиносӣ, алалхусус илмҳои сиёсӣ ба ҳисоб меравад. Равандҳои сиёсӣ тағйироти системаи сиёсиро дар бар гирифта, фаъолияти субъектҳои сиёсиро дар ҷараёни мубориза барои ба даст овардани ҳокимият ва нигоҳ доштани он ташкил медиҳад.

Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки равандҳои сиёсӣ ҳаракат, ҷараёни инкишоф, эволютсияи системаи сиёсӣ, тағйирёбии ҳолатҳои онро дар замон ва макон нишон медиҳанд. Раванди сиёсӣ ифодаи амиқи набзи ҷомеа буда, самтҳои ҳаракати муносибатҳои ҷамъиятиро инъикос менамояд.

**Адабиёт**


1. Мелвилл А. Политология. [Текст]/ А. Мелвилл. –М., 2010. – 618 с.
2. Мелешкиной Е. Политический процесс: основные аспекты и методы анализа: сборник учебных материалов / Под редакцией Е. Ю. Мелешкиной. [Текст] / А. Дегтярев. –Москва: Аспект Пресс, 2001. – 304 с.
3. Муҳаммад А., Идиев Х. Ҷанбаҳои назариявию методологии ташаккули падидаи ваҳдатгароӣ дар ҷомеа (таҷрибаи Тоҷикистон) [Матн]/ А. уҳаммад, Х.Идиев// Ваҳдати миллӣ ва пешрафти ҷомеа. – Душанбе, 2017, –С.35-45.
4. Муҳаббатов А. Равандҳои сиёсӣ дар Тоҷикистон [Матн] / А. Муҳаббатов. - Душанбе, 2017. - 96с.

5. Раҳимӣ И. Луғати калимаҳои хориҷӣ. [Матн]/ И. Раҳимӣ. –М., 1989. – 972 с.
6. Соловьев А. Политология: Политическач теория, политические технологии. [Текст] / А.И. Соловьев. – М., 2000. –576 с.
7. Хидирзода М. Интихобот василаи таъмини ҳамгиройии иҷтимоӣ дар ҷомеа [Матн]/М.Хидирзода. –Душанбе, 2021, –144 с.
8. Ҳукумшоев, З. Раванди сиёсӣ [Матн] / З.Д. Ҳукумшоев. –Душанбе, 2021. – 162 с.
9. Шутов А. Политический процесс. [Текст] / Шутов А. –М., 1994. – 80 с.
10. Шведова Н. Политические партии и гендерное равенство [Текст] /А.Шведова // Женщина в российском обществе. 2016. – № 4 (81). – С.21–30.

# ПОЛИТИЧЕСКИЕ ПРОЦЕССЫ: СУЩНОСТЬ ТЕОРЕТИЧЕСКИХ АСПЕКТОВ И СТРУКТУРНО-ФУНКЦИОНАЛЬНЫЕ ОСОБЕННОСТИ

**АБДУСАЛОМЗОДА АНЗУРАТ,**
заместитель председателя Хатлонской области, соискатель кафедры политологии и международных отношений Бохтарского государственного университета имени Н. Хусрава
735140, Таджикистан, город Бохтар, ул. Хувайдуллоева 1;
тел.: 884-44-30-38; e-mail: a.abdusalomzoda@mail.ru

*Данная статья посвящена анализу теоретических аспектов и структурно-функциональных характеристик политического процесса как социально-политического феномена. Автор отмечает, что политический процесс–это многогранное понятие, которое оценивается учеными с разных точек зрения. Политические процессы демонстрируют движение, процесс развития, эволюцию политической системы, изменения ее условий во времени и пространстве. Политические институты, такие как государство, гражданское общество, политические партии, организованные и неорганизованные группы людей, выступают в качестве основных субъектов политического процесса и одновременно рассматриваются как составляющие элементы политической системы. Политические процессы также называют технологией осуществления власти на практике.*

***Ключевые слова:*** *политический процесс, политическая система, политические институты, политические группы, общество, государство, власть, субъект власти, политическая ситуация, этапы политического процесса, политические изменения, политическая эволюция, политическая*

*борьба, политическая борьба.*

**POLITICAL PROCESSES: THE NATURE OF THEORETICAL ASPECTS AND STRUCTURAL–FUNCTIONAL FEATURES**

**ABDUSALOMZODA ANZURAT,**
Deputy Chairman of the Khatlon Region, PhD Candidate of the Department of Political Science and International Relations, Bokhtar State University named after N. Khusrav
735140, Tajikistan, Bokhtar city, Khuvaydulloev St. 1;
phone.: 884-44-30-38; email: a.abdusalomzoda@mail.ru

*This article is devoted to the analysis of the theoretical aspects and structural and functional characteristics of the political process as a social and political phenomenon. The author notes that the political process is a multifaceted concept, which is evaluated by scientists from different angles. Political processes show the movement, development process, evolution of the political system, changes in its conditions in time and space. Political institutions, such as the state, civil society, political parties, organized and unorganized groups of people, act as the main subjects of the political process and are at the same time considered as constituent elements of the political system. Political processes are also called the technology of implementing power in practice.*

***Keywords:*** *political process, political system, political institutions, political groups, society, state, power, subject of power, political situation, stages of the political process, political change, political evolution, political struggle, political struggle.*

УДК: 323.1:321.01 (575.3)

# ТАНОСУБИ АРЗИШҲОИ СИЁСӢ ВА АХЛОҚӢ ДАР ДАВРАИ СОҲИБИСТИҚЛОЛИИ ТОҶИКИСТОН

**ЗУВАЙДУЛЛОЗОДА МУҲИБУЛЛО ҲАБИБУЛЛО,**
номзади илмҳои фалсафа, дотсенти кафедраи умумидонишгоҳии фалсафаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон
734025, Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 17;
тел.: (+992) 907-75-45-04; e-mail: mukhibullo@mail.ru

*Дар мақола мақоми арзишҳои ахлоқӣ ва сиёсӣ дар замони истиқлолият таҳлил карда шудаанд. Дар марҳалаи аввали давлатдории навин кишвар ба ҷанги шаҳрвандӣ кашида шуд ва гурӯҳҳои мухталифи сиёсӣ дар ибтидо вобаста ба манфиатҳои худ мехостанд тарзи мавҷудияти давлатиро муайян намуда, меъёрҳои ахлоқию сиёсиро ба таври худ тафсиру тавзеҳ диҳанд. Чунин баҳогузориҳои меъёрии ахлоқ ва сиёсат дар дигар давлатҳо низ рӯй додааст, ки сабаби риоя нагаштани адолати иҷтимоӣ дар давлатҳоро ба миён оварда аст.*

*Баъди ба даст овардани Ваҳдати миллӣ ва ворид намудани принсипҳои демократӣ дар давлат барои амалкарди арзишҳои гуногун заминаи мувофиқ таъмин карда шуд. Акнун дар давлат адолати иҷтимоӣ барқарор гашта, барои гуногунрангӣ дар ҷомеа иҷозат дода шуда, меъёрҳои сиёсӣ ва ахлоқӣ дар танзими якдигарӣ вуҷуд доранд. Дар фарҳанги тоҷик робитаи арзишҳои ахлоқӣ ва сиёсӣ ногусастанӣ буда, таъсиррасонии тарафайн мушоҳида мегашт, аммо ҳама вақт кӯшиш карда мешуд, ки сиёсат дар пояи ахлоқ ба роҳ монда шуда, то барои вуҷудияти аҳолӣ шароити мусоид муҳайё карда мешавад.*

***Калидвожаҳо:*** *арзиш, ахлоқ, сиёсат, давлат, фарҳанг, адолат, меъёрҳои ахлоқӣ, фаъолияти сиёсӣ, неруҳои сиёсӣ, субъект, миллат, ҳаёти ҷамъиятӣ, Ҷумҳурии Тоҷикистон.*

Оғози солҳои аввали касби Истиқлоли давлатӣ, дар замоне, ки тақдири кишвар ва мардуми Тоҷикистон муайян мегардид, дар саҳнаи сиёсӣ неруҳои мухталиф ба ҳамдигар бархӯрд мекарданд ва ҳар яки онҳо мехостанд тарҳи ба худ хосси рушди ҷомеа манзур намоянд. Ин талошҳо дар баробари масъалаҳои зиддиятноки сиёсӣ инчунин, як қатор масъалаҳои марбут ба ахлоқи сиёсиро низ ба миён оварда буданд, ки таҳлили онҳо аз нигоҳи имрӯза низ хеле муфид ба назар мерасад.

Сарҳади байни ин неруҳо дар баъзе маврид комилан равшан, дар дигар маврид бошад, мутобиқ ба сатҳи муттаҳидшавии онҳо бо мақсади ҳалли вазифаҳои муҳимтарин тағйирёбанда буданд. Гурӯҳе аз неруҳои сиёсӣ саъй менамуданд, то тарзи зиндагии мутобиқ ба муқаррароти дини

исломро барқарор намоянд, аз тарафи дигар бошад, амалҳои онҳо моҳиятан озодии эътиқодро рад мекарданд. Сарфи назар аз ин, вобаста ба вазъи замони онрӯза фаъолияти сиёсии субъектҳои ҳаёти ҷамъиятиро мувофиқ ба меъёрҳои ахлоқи динӣ равона карданӣ мешуданд. Дар навбати худ, дар тафовут аз онҳо неруҳое вуҷуд доштанд, ки тарафдори арзишҳои ҷомеаи дунявӣ дар ҳаёти сиёсии давлат буданд.

Дар чунин ҳолат меъёрӣ будани ахлоқ ба мадди дувум мегузарад ва онро аксари муҳаққиқон пайваста таъкид менамоянд, ки «меъёрӣ будани ахлоқ ва ду вазифаи асосии он чунин аст: нахуст, пешбарӣ ва асоснок намудани барномаи муайяни меъёрии он, ки маҳз ҳамин барномаи меъёрӣ ифодагари воқеӣ, аслӣ ва дурусти ахлоқ мебошад. Ахлоқи меъёрӣ саъй менамояд собит созад, ки арзишҳо ва усулҳои ба он шомилбуда, нисбат ба арзишҳо ва усулҳои шакли берун аз ахлоқӣ, холисона, ҳамагонӣ ва бартаридошта бошанд. Дувум, ин маънои барқарор намудани танзими мутақобилаи талаботи инфиродии ба барномаи меъёрии пешниҳодгардида шомилро ифода мекунад. Чунин танзими муштарак низоъҳои меъёриро аз байн бурда, ҳамзамон, имкон медиҳад, ки он фазоҳои фаъолияти инсонро, ки аз чорчӯбаи дарки муқаддимотӣ ва аввалаи ин барномаи меъёрӣ берун монда буданд, фаро гирад» [10, 5].

Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба хотири барқарор намудани сулҳу осоиш дар кишвар, усули демократиро муайян намуд, ки ҳамзистии одамони пайрави тарзи ҳаёти ба ҳам муқобилро фароҳам месозад. Моҳияти ин усул аз он иборат аст, ки ҳеч кас наметавонад тарзи ҳаёт, рафтор, мазҳаб, идеология, фарҳанг, забон, тарзи ҳаёти сиёсӣ ё иқтисодии худро ба касе бо зӯрӣ талқин намояд, ба ҷуз аз қонунҳои демократӣ ва арзишҳои инсонии қабулгардида [2,133].

Дар лаҳзаҳои ҳассоси таърихи давлат дар мустаҳкам намудани ин усулҳо дар ҳаёти сиёсӣ Иҷлосияи таърихии 16-уми Шурои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон нақши муҳимро иҷро намуд. Дар Иҷлосия самтҳои асосии рушди ҷамъиятӣ барои солҳои баъдӣ–ҳаракат ба сӯйи барпо намудани давлати демократӣ, дунявӣ, ҳуқуқбунёд ва ягона муайян карда шуд [8]. Иҷлосияи тақдирсоз барои фаъол ва босубот гардидани сохторҳои ҳокимияти давлатӣ мусоидат намуд.

Муҳимтарин дастоварди таърихии давлати навини тоҷикон, ки аз тарафи ҷомеаи ҷаҳонӣ эътироф гардид, дар муддати кӯтоҳ оташи ҷанги шаҳрвандиро дар Тоҷикистон хомӯш карда, ба зиндагии созанда оғоз намуд. Таҳаввулоти созанда, ки дар ҳаёти иҷтимоию сиёсии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ба амал омадад, баъд аз имзои “Созишномаи умумии истиқрори сулҳ ва ризояти милли дар Тоҷикистон”, бо дастёбӣ ба Ваҳдати миллӣ ба даст омад, ки ба давраи рушди босубот оғоз бахшид. Яъне, «Ваҳдати миллӣ сабаби асосии ҳифз намудани якпорчагии давлат гашт,

чунки дар замони ҷанги шаҳрвандӣ хатари парокандашавӣ ва ҷудошавии марзҳои мухталифи кишвар вуҷуд дошт. Яъне, ваҳдати миллӣ сабаб шуд, ки моддаи аввали Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, махсусан бахши ягонагии он таъмини амалии худро ёбад» [6, 363]. Афзалияти ваҳдати иҷтимоӣ дар равобити мутақобилаи гурӯҳҳои иҷтимоӣ, ки пас аз имзои ин созишнома ба миён омад, имкон фароҳам овард, ки тамоми неруи созандаро ба ҳалли мушкилиҳои иҷтимоӣ ва иқтисодӣ равона намоянд.

Ба мушкилоти дар роҳи ҷустуҷӯйи ҳалли ин мухолифатҳо нигоҳ накарда, ҷомеаи тоҷикистонӣ бар асоси таҷрибаи аз ҷанги шаҳрвандӣ андӯхта, дар шароити муосир таваҷҷуҳи асосӣ ба ҳифзи суботи иҷтимоӣ ва тартибот дода мешавад. Дар марҳалаи кунунӣ ташаккули хусусиятҳои демократии фарҳанги сиёсӣ ба зарурати амалияи ҳаёти иҷтимоӣ табдил ёфта аст: вуҷуд доштани сатҳи муайяни донишҳо дар бораи сиёсат ба таври умум ва самтҳои гуногуни он; мавҷудияти малакаи арзёбии мустақили падидаҳои сиёсӣ, ҳизбҳо, созмонҳои ҷамъиятӣ ва роҳбарони онҳо дар байни шаҳрвандон; қобилияти иштирок дар фаъолияти сиёсӣ, ҳимояи мавқеи шахсии сиёсӣ ҳамчун шакли муборизаи сиёсӣ ва ҳам шакли муколама ва созиши сиёсӣ; қобилияти ба ангезаву эҳсосот фирефта нагардидан дар раванди фаъолияти сиёсӣ, идора намудани рафтори сиёсӣ, холисона арзёбӣ намудани амалҳои худ ва фаъолияти мухолифон.

Сатҳи фарҳанги сиёсӣ инъикоскунандаи сатҳи демократияи ҳаёти сиёсиро нишон медиҳад, ки унсури зарурии муттаҳидсозӣ ва ҳамгироии ҷомеа мебошад. Ба таҳлили ташаккули фарҳанги сиёсӣ дар солҳои аввали Истиқлоли давлатӣ пурра ворид нагардида, танҳо таъкид менамоем, ки он дар сатҳи пойин қарор дошта, ихтилофи зиёд дошт.

Аз як ҷониб, он аз пойгоҳи зарурии иттиллоотрасонии шаҳрвандон ва иштироки фаъоли онҳо дар сиёсат маҳрум буд, аз ҷониби дигар, аксар аз вуҷуд надоштани донишҳо ва андешаҳои амиқи сиёсӣ ва робитаи заиф бо фарҳанги ҳуқуқӣ ва ахлоқии ҷомеа бо мушкилӣ мувоҷеҳ мегардид. Ин ҳолат дар вазъи фавқулодаи гузариш дар нимаи дувуми солҳои 90-уми садаи гузашта, замоне ки як қатор арзишу меъёрҳо қариб вазифаи танзимкунандаи худро аз даст дода буданд, дигар арзишҳо бошад, ҳанӯз ташаккул наёфта буданд, бахусус инъикос гардид.

Вазъи ахлоқии амалҳои сиёсии субъектҳои асосиро дар ин солҳо таҳлил намуда, қабл аз ҳама, бояд дар назар дошт, ки тағйироти иҷтимоӣ-сиёсии солҳои 90-ум баамаломада ба аҳволи ахлоқии аксари одамон таъсири манфӣ гузоштанд. Дар ин солҳо усулҳои ахлоқи анъанавӣ фаромӯш ва беэътибор гардида, дар саҳнаи иҷтимоӣ унсурҳои ҷиноятпеша равшан зуҳур намуданд. Тасаввури одамон дар бораи адолат тағйир ёфта, арзишҳои ғункунӣ ва пешравӣ, ки гӯё барои беҳтар намудани зиндагӣ зарур мебошанд, боло гирифтанд ва бояд бо ҳар роҳ ба даст оварда мешуданд.

Болоравии ин падидаҳо тадриҷан пояҳои ахлоқии ҳаёти иҷтимоиро дигаргун намуданд. Даъвати ғамхорӣ дар бораи манфиати умумӣ, ки аз тарафи намояндагони табақаҳои нав садо медоданд, дар асл ба баровардa намудани манфиатҳои шахсии онҳо равона гардида буданд. Ҳар фард саъй менамуд, ки манфиати бештар ба даст биёрад ва ин ҳолат ба азбайнравии арзишҳои зиндагии инсонӣ оварда, сатҳи камбизоатӣ, муҳтоҷӣ, бенавоӣ, ҷиноятkорӣ, фасод ва ғайраро боло мебурд.

Дар роҳи расидан ба комёбӣ на ҳамеша манфиатҳои шахсӣ бо манфиатҳои ҷамъиятӣ созгор мегардиданд, арзишҳо ва меъёрҳои ахлоқӣ бошад, на ҳамеша ченаки рафторҳо ва кирдорҳо мегардиданд.

Пас аз истиқрори сулҳ ва ризояти миллӣ дар кишвар бо мақсади роҳ надодан ба харобшавии бофтаҳои ҳаёти иҷтимоӣ таҳти таъсири падидаҳои номатлуб, аксари ходимони ҷамъиятӣ, бахусус, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон роҳи қабули чораҳои амалӣ барои ба эътидол овардани ҳаёти ҷамъиятиро пеш гирифтанд.

Роҳбарияти олии кишвар ҳоло ҳам чора меандешанд, ки арзишҳои ахлоқӣ беозор аз талабот ва майлу хоҳиши маънавии шахсӣ ба соҳаи оштии манфиатҳои шахсӣ ва ҷамъиятӣ гузашта, меъёрҳои ахлоқӣ дар ҳаёти сиёсӣ дорои аҳаммияти умумӣ пайдо намоянд. Дар ин робита таваҷҷуҳ ба он равона мегардад, ки инсон ба амали қобили қабули дигарон натанҳо бо кумаки ҳуқуқ, балки таҳти таъсири ахлоқ даст мезанад, зеро "воқеияти ниҳодҳои ҷамъиятӣ ва анъанаи робитаҳо байни афрод маҷбур месозанд талаботи умумии ахлоқӣ мушаххас карда шуда, ҳамзамон, ба маводи мустаҳкам шабоҳат доранд, ки дар маҳзари ин талабот таҷассум меёбанд. Ба таври умум метавон таъкид намуд, ки ин барои ахлоқ беҳтарин нақшаи назариявӣ мебошад. Инсон худро меҳвари ахлоқи сайёра ва маҷрои олии тақлид медонад, ки тасмими ниҳоӣ ба дӯши ӯ вогузор гардида аст. Аз вай, албатта, дарки он воқеиятҳо талаб карда мешавад, ки то ҳадди ниҳоӣ муҳтавои умумии мазмуни ахлоқ ва омода будан барои ба назар гирифтани карахтии онҳоро инъикос менамояд. Лекин, ба ин нигоҳ накарда, дар ихтиёри ӯ сатҳи зиёди озодӣ боқӣ мемонад, зеро ӯ ҳамчун ифодакунандаи сатҳи муносиб аст, ки маъмулан ба сатҳи ҳақиқӣ мутобиқ наменамояд" [10, 8].

Ҳамин тариқ, тағйироти иҷтимоию сиёсии дар ҷомеаи Тоҷикистон пас аз касби Истиқлоли давлатӣ ба амал омада, аз як тараф, ба фаъол гардидани омили инсонӣ дар ҳаёти сиёсии ҷамъиятӣ, аз тарафи дигар, ба пайдо гардидан ва густариши шаклҳои мухталифи фасоди ахлоқӣ ва рафтори зиддиҷамъиятӣ мусоидат намуданд, ки дар навбати худ заъфи шеваҳои санҷидашудаи танзими ахлоқии рафтори сиёсии субъектҳои ҳаёти ҷамъиятиро нишон медиҳад.

Барои дарки ин падидаҳо, қабл аз ҳама, мо бояд беихтиёр ба

фарҳанги аз гузаштагон меросмонда таваҷҷуҳ зоҳир намоем, зеро дар гузашта ба ахлоқ нисбат ба сиёсат афзалият медоданд. Ҳамзамон, мо бояд ба саволи он ки барои чӣ ва чаро арзишҳои ахлоқӣ мавриди таваҷҷуҳи ҳамзамонони мо бошанд ва то чӣ андоза онҳо барои худмуайянкунии ҷомеаи мо аҳаммият доранд, ҷавоб гӯем.

Ҷавобҳои эҳтимолӣ ба саволҳои гузошташуда осон нестанд, зеро қаринаи фарҳангию сиёсии ин мерос нисбат ба давраи ҳозира тафовути калон дорад. Имрӯз Ҷумҳурии Тоҷикистон дар самти навсозии ҳаёти иҷтимоӣ пеш рафта, собит месозад, ки давлати демократӣ бунёд менамояд. Ҷумҳурии Тоҷикистон имрӯз дастовардҳои муосири фарҳанги сиёсиро бо роҳи ворид намудани технологияҳои инноватсионӣ, дастгирии омилҳои маънавӣ, ки ба воқеиятҳои муосири иҷтимоию сиёсӣ ва фарҳангӣ ҷавобгӯ мебошанд, амалӣ менамояд.

Дар манзари ин пешрафтҳо рақобати байнитамаддунии афзоянда дар муқобили ҷомеаи мо вазифаи мустаҳкам намудани асосҳои маънавии фаъолияти сиёсии субъектҳои асосии ҳаёти сиёсиро ба миён мегузорад ва он бояд манфиати тамоми табақаҳои аҳолиро инъикос намояд. Албатта, на ҳама вақт арзишҳои ахлоқӣ дуруст риоя карда мешаванд ва ин тамоюли манфӣ дар сатҳи глобалӣ низ бармало мушоҳида мегардад. Агар аз мавқеъ ва миқёси ҷаҳонӣ назар намоем, пас ба осонӣ мебинем, ки пас аз оғози тағйироти ҷиддии иҷтимоию сиёсӣ дар арсаи ҷаҳонӣ, аз соли 2016 ба баъд, поймолкунии бесобиқаи арзишҳои ахлоқӣ оғоз ёфта, онҳо аз манфиатҳои куллии муайянкунандагони сиёсати ҷаҳонӣ ва корчаллонҳои дунё сарчашма мегирифтанд. Як гурӯҳ демократҳои либерал, ки шаҳди роҳбарии авторитарӣ, аз ҷумла лоббистиро чашида, озодии сухан ва матбуотро маҳдуд сохтанд, даст ба амалӣ намудани сиёсати поймол намудани ҳуқуқ зада, ба фоидаи худ аз мансаб суиистифода менамоянд.

Дар шароити ба инобат нагирифтани амалҳои қаллобии оммавӣ аз ҷониби нухбагони сиёсӣ ва ба вуҷуд овардани фазо барои рафтори ношоистаи ахлоқии худ, эҳтимоли болоравии хатар меафзояд. Чунин ҳолат, пеш аз ҳама, дар фазои сиёсии ҷомеаи амрикоӣ баъди ба сари қудрат расидани маъмурияти Доналд Трамп, ки бо ибтикори он кӯшиши аз байн бурдани Кумитаи ахлоқ дар Конгресси ИМА ба амал омад, равшан ба назар мерасад. Имрӯз шарҳу маънидодҳои нави ахлоқро метавон дар фазои сиёсии бештари ҷомеаҳои ҷаҳон мушоҳида намуд.

Дар асоси матолиби дар боло овардашуда метавон таъкид намуд, ки новобаста аз шароити мухталифи ҳаёти иҷтимоӣ-сиёсӣ, ки дар бистари онҳо мероси фарҳангии мо ташаккул ёфтааст, нақши ин мерос дар муайян кардани арзишҳои ахлоқии фаъолияти сиёсӣ ҳамеша баланд боқӣ мемонад. Имрӯз, дар замоне ки масири рушди ҷомеаи тоҷик дар руҳияи доктринаи ахлоқӣ-сиёсии ваҳдати миллӣ, ғояҳои ҳамзистии осоиштаи ҳама миллату

халқҳои сокини Тоҷикистон идома дорад, беназир мебошад, чун «дар анъанаҳои миллии тоҷикон ҳамеша дастгирии умумӣ ва амалҳои муштарак дар ҳалли ҳама гуна мушкилот мақоми хосса дорад. Шуури коллективӣ барои бақои миллат дар ҳама гуна шароити иқлимӣ ва низомҳои сиёсии қавмҳои истилогару бегона кумак намуд. Онҳо дар ин руҳия истилогарони худро тарбия намуданд, ба онҳо малакаи роҳбарии ҷомеаро омӯхтанд ва дар натиҷа, оммаҳои аҳолӣ сиёсати онҳоро дастгирӣ менамуданд. Маҳз барои ҳамин дар анъанаи тоҷикон ҷомеа пойдевори расидан ба ҳама мақсадҳо дониста мешавад» [5, 96].

Аксари пажуҳишгарони фалсафаи иҷтимоӣ дар ин мантиқи пешрафти ҷомеа барои расидан ба мақсадҳои рушд зуҳури қонуни муҳимми иҷтимоӣ, яъне, амали қонуни муттасилии иҷтимоӣ ва маънавиро мебинанд, ки дар таърихи башарият нақши асосӣ мебозад: «Агар муттасилӣ дар рушди иқтисодии ҷомеа бар асоси шароитҳои моддии объективии вуҷуддошта идома ёфта, одамон ҳатто дар аксар маврид онҳоро дарк накарда амалӣ намоянд, пас хусусияти хосси муттасилӣ дар рушди фарҳанги маънавӣ дар он ифода меёбад, ки ҳар як намояндаи он арзишҳои маънавии гузаштагони худ бавуҷудовардаро аз нуқтаи назари танқидӣ таҷдиди назар намуда, онҳоро аз лиҳози тасвири умумии ҳаёти ҷамъиятӣ ва мақоми худ дар он дарк менамоянд. Ҷанбаи фалсафии ин масъала бо дарки диалектикаи инкор алоқаманд аст» [1]. Ин қонуни фалсафаи иҷтимоӣ дар зиндагии халқи тоҷик, ки таҷрибаи ғании ҳамзистӣ байни худ ва дигар гурӯҳҳои қавмӣ дорад, равшан зуҳур гардидааст. Барои ҳамин ҳам, дарки баробарии иҷтимоию фалсафии чунин таҷриба имкон медиҳад таъкид намоем, ки дар ҳаёти сиёсии халқи тоҷик ҳамеша меъёрҳои ахлоқӣ нисбат ба дигар ҳадафҳо мақоми воло доштанд.

Илова бар ин, ба ақидаи муҳаққиқи амрикоӣ Ҷоанн Гросс: «Ин ҳақиқати бебаҳс буд, ки ҳувияти тоҷик бо ҳувияти мусулмон ягона дониста мешуд…». Дар натиҷа, тоҷикон аз чорчӯбаи ғояи қавмию миллӣ берун рафта, ғайричашмдошт ба ғояе ворид шуданд, ки онро ба ифодаи файласуфи машҳури рус Н.Бердяев ҳамчун «қавми олӣ» муайян намуд.

Дар маҷмуъ, метавон хулосагирӣ намуд, ки дар фарҳанги тоҷик робитаи арзишҳои ахлоқӣ ва сиёсӣ ногусастанӣ буда, таъсиррасонии тарафайн мушоҳида мегашт, аммо ҳама вақт кӯшиш карда мешуд, ки сиёсат дар пояи ахлоқ ба роҳ монда шавад. Чунин тамоюл на ҳама вақт риоя мешуд, лекин дар бештари мавридҳо дар мо сиёсати побарҷои ахлоқӣ амал мекард. Дар замони Истиқлоли давлатӣ низ чунин тамоюл риоя карда мешавад. Агар дар замони ҷанги шаҳрвандӣ ин таносуб вайрон карда шуд, вале баъди дастёбӣ ба сулҳу ваҳдати миллӣ чунин сиёсати инсонгароӣ ва

дар пояи ахлоқ таҳким намудани сиёсат дар меҳвари муносибатҳои иҷтимоию сиёсӣ ва ахлоқӣ қарор дорад.

**Адабиёт**


1. Абдурахманов А. Преемственность в общественном развитии и особенности ее проявления в духовной культуре (социально-философский анализ): дисс. … доктора филос. наук: 09.00.11 / Абдурахманов А. – Ташкент,1992. – 295 с.
2. Асадуллаев И. Новые категории философии и философия политики / И. Асадуллаев. – Душанбе, 2006. – 389 с.
3. Гусейнов, А. Мораль и политика [Текст] / А.Гусейнов // Этическая мысль. – М.: Ифран, 2004. – № 5. – 202 с.
4. Джураев А. Культура и нация: таджикская идентичность в её историческом и современном ракурсе / А.Джураев, С.Джонбобоев // Известия Института философии, политологии и права им. А.Баховаддинова Академии наук Республики Таджикистан.– Душанбе, 2016. – № 4. – С. 20-30.
5. Дилоев Н. Духовные традиции и национальное самосознание таджиков / Н.Дилоев. – Душанбе: Ирфон, 2016. – 161 с.
6. Захруддинов И. Нақши Ваҳдати миллӣ дар таҳкими давлатдории муосири Тоҷикистон / И. Захруддинов, З. Зубайдов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. – Душанбе, 2025. – № 10. – С. 362-368. – ISSN 2413-5151.
7. Зувайдуллозода М. Моральная регуляция политической деятельности в трансформирующихся обществах (социально-философский анализ): Монография / М. Зувайдуллозода. – Душанбе: Садои қалб, 2021. – 152 с.
8. Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 6 ноябри соли 1994 бо тағйиру иловаҳо аз 26 сентябри соли 1999, 22 июни соли 2003 ва 22 майи соли 2016 (бо забонҳои тоҷикӣ ва русӣ). –Душанбе: Ганҷ, 2016. – 136 с.
9. Медведев С. Приводит ли технократия к деморализации власти / С.Медведев // ЦентрАзия.ру. – 27.12.2016.
10. Мораль в современном мире и проблемы российской этики. Материалы конференции–«круглого стола» [Текст] // Вопросы философии. – 2017. – № 10. – С. 5-46.

# СООТНОШЕНИЕ ПОЛИТИЧЕСКИХ И МОРАЛЬНЫХ ЦЕННОСТЕЙ В ПЕРИОД НЕЗАВИСИМОСТИ ТАДЖИКИСТАНА

**ЗУВАЙДУЛЛОЗОДА МУХИБУЛЛО ХАБИБУЛЛО,**
кандидат философских наук, доцент общеуниверситетской кафедры философии Таджикского национального университета
734025, Таджикистан, город Душанбе, проспект Рудаки 17;
тел.: (+992) 907-75-45-04; e-mail: mukhibullo@mail.ru

*В статье анализируется состояние моральных и политических ценностей в период обретения независимости. На ранних этапах становления нового государства страна была охвачена гражданской войной, и различные политические группы первоначально стремились определить способ существования государства и установить моральные и политические нормы по-своему, исходя из собственных интересов. Аналогичные нормативные оценки морали и политики имели место и в других странах, что привело к отсутствию социальной справедливости в этих странах.*

*После достижения национального единства и внедрения демократических принципов в государстве была создана надлежащая основа для реализации разнообразных ценностей. Теперь в государстве восстановлена социальная справедливость, допускается плюрализм в обществе, и существуют политические и моральные нормы, которые регулируют друг друга. В таджикской культуре связь между моральными и политическими ценностями была неразрывно связана, наблюдалось взаимное влияние, но всегда предпринимались усилия, чтобы основывать политику на морали, дабы создать благоприятные условия для существования населения.*

***Ключевые слова:*** *ценность, мораль, политика, государство, культура, справедливость, моральные нормы, политическая деятельность, политические силы, субъект, нация, общественная жизнь, Республика Таджикистан.*

# THE RELATIONSHIP BETWEEN POLITICAL AND MORAL VALUES DURING THE PERIOD OF INDEPENDENCE OF TAJIKISTAN

**ZUVAIDULLOZODA MUHIBULLO HABIBULLO,**
Candidate of Philosophical Sciences, Associate Professor at the Department of Philosophy, National University of Tajikistan
734025, Tajikistan, Dushanbe city, Rudaki ave. 17;
phone: (+992) 907-75-45-04; e-mail: mukhibullo@mail.ru

*The article analyzes the state of moral and political values during the period of independence. In the early stages of the new state's formation, the country was engulfed in civil war, and various political groups initially sought to define the state's mode of existence and establish moral and political norms in their own way, based on their own interests. Similar normative assessments of morality and politics have taken place in other countries, leading to a lack of social justice in those countries.*

*After achieving national unity and introducing democratic principles in the state, a proper foundation was created for the implementation of various values. Now social justice has been restored in the state, pluralism in society is allowed, and there are political and moral norms that regulate each other. In Tajik culture, the connection between moral and political values was inextricably linked, there was mutual influence, but efforts were always made to base politics on morality in order to create favorable conditions for the existence of the population.*

***Key words:*** *value, morality, politics, state, culture, justice, moral norms, political activity, political forces, subject, nation, public life, Republic of Tajikistan.*

УДК: 35.07:364

# ИДОРАКУНИИ СОҲАИ ИҶТИМОӢ: МОҲИЯТ, ХУСУСИЯТ ВА МЕТОДҲОИ ОН ДАР ЗАМОНИ МУОСИР

**МИРСАИДОВ АБРОР БОБОЕВИЧ,**
доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор, Институти иқтисодиёт ва демографияи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон
734024, Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, кӯчаи С. Айнӣ 44;
тел.: (+992) 904-44-60-12; e-mail: chirad-58@mail.ru

**ЮСУФӢ ШАМСУЛЛО НЕМАТУЛЛО,**
номзади илмҳои иқтисодӣ, докторанти анъанавии фосилавии Институти иқтисодиёт ва демографияи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон
734024, Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, кӯчаи С.Айнӣ 44;
тел.: (+992) 888-88-01-88; e-mail: Shamsullo@mail.ru

*Дар мақола вобаста бо гузариш ба марҳалаи нави рушди кишвар, ки таъмини рушди сифатии инсон, аҳолии кишвар вазифаи бунёдии соҳаи иҷтимоӣ мебошад, ки муносибатҳои назариявӣ доир ба тавсифи моҳият, хусусият ва методҳои идоракунии ин соҳа, мавриди таҳқиқ ва арзёбӣ қарор гирифта, инчунин, пешниҳоду тавсияҳо ҷиҳати мукаммалгардонии механизмҳо ва методҳои идоракунии соҳа дар асоси истифодаи технологияҳои муосири иттилоотӣ, афзорҳои иқтисоди рақамӣ асоснок карда шудааст.*

*Вазъи муосири истифодаи муносибати менеҷменти соҳаи иҷтимоӣ, ки дар натиҷаи омезиши назария ва амалияи идоракунӣ дар муассисаҳои он инкишоф ёфтааст, арзёбӣ гардида, ҳамзамон, вазифаҳои он дар шароити рушди технологияи иҷтимоӣ тасниф шудаанд.*

*Бар замми ин, роҳҳо ва механизмҳои истифодаи технологияи иҷтимоӣ дар идоракунии муосири соҳа ва инчунин, амалигардонии ҳадафҳои бунёдии он асоснок карда шудааст. Методҳои идоракунӣ, бахусус тамоюлоти рушди методҳои маъмурӣ, иқтисодӣ ва равониву иҷтимоӣ низ тавсифу тасниф шудаанд.*

***Калидвожаҳо:*** *идоракунии соҳаи иҷтимоӣ, менеҷменти иҷтимоӣ, методҳои идоракунӣ, технологияи иҷтимоӣ, табодули рақамии соҳаҳои иҷтимоӣ, давлат, буҷети давлатӣ.*

Тибқи «Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030» дар доираи татбиқи Ҳадафҳои Рушди Устувор (ҲРУ) таваҷҷуҳи асосиро ба Консепсияи рушди устувори инсон равона месозад [10, 4]. Бинобар ин, пурра аз байн бурдани фақри шадид, ҷойгузинии моделҳои ноустувор ва инчунин, пешбурди моделҳои устувори истеъмолот

ва истеҳсолот ва ҳамзамон, ҳифз ва истифодаи оқилонаю самараноки захираҳои табиӣ бо мақсади рушди минбаъдаи иқтисодию иҷтимоӣ, вазифаҳои асосӣ ва шартҳои ҳаётан муҳимми рушди устувори инсон маҳсуб меёбанд. Ҳалли ин ҳадафҳои дар Стратегияи мазкур пешбинӣ шуда, асосан, бо инкишофи соҳаи иҷтимоии кишвар бо ҳамдигар, алоқаманд мебошанд.

Бояд тазаккур дод, ки дар иртибот бо татбиқи сенарияи рушди индустриаливу инноватсионӣ ва ҳамзамон, тағйироти сифатӣ дар ҳаёти иҷтимоию иқтисодии Тоҷикистон рӯйи кор омадааст.  Ҳамин тариқ, ин тамоюлоти сифатии устувор масъалаи мукаммалгардонии идоракунии рушди соҳаи иҷтимоиро дар пояи истифодаи васеи технологияҳои инноватсионӣ тақозо менамояд.

Бинобар он, таҳқиқи хусусиятҳои фаъолияти идоракунӣ дар соҳаи иҷтимоӣ, ки дар он муносибатҳо дар арзу тул густариш ёфта истодаанду коркарди меъёру механизмҳои мувофиқи идоракуниро тақозо доранд, мубрамият пайдо менамояд. Дар мавриди таҳқиқи ин масъала, яъне, идоракунии соҳаи иҷтимоӣ, муносибатҳо, робитаҳо ва таъсири мутақобилаи иштирокдорони муносибатҳои идоракунӣ, субъектҳои идоракунӣ–ниҳодҳои ҳокимияти сатҳи мухталиф, созмонҳои бахши давлатӣ, ниҳодҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ, ки ҳадафи асосиашон аслан беҳтар кардани сатҳи зиндагии аҳолии кишварро доранд, дар маркази пажуҳиш ва мавриди баррасӣ қарор мегиранд.

Пайваста бо рушди босуръати муносибатҳои иҷтимоиву иқтисодии мамлакат соҳаи иҷтимоӣ низ аҳаммияти муҳим ва хоссаи худро пайдо мекунад. Маҳз бо рушди ин соҳа барои инкишофи иқтидори зеҳнии аҳолӣ шароити мусоид фароҳам мегардад. Зеро рушди ин соҳа ҳаёти маънавӣ ва сармояи фарҳангию сатҳи рақобатпазирии миллат ва иқтисодиёти онро муайян менамояд [12, 129].

Бинобар ин, дар марҳалаи нави рушди кишвар таъмини рушди босуръат яке аз вазифаҳои бунёдӣ маҳсуб ёфта, ҳамзамон масъалаи таҳқиқи қобилияти идоракунии ин соҳа муҳиммият пайдо менамояд.

Дар адабиёти илмии муосир ва дар соҳаи иҷтимоӣ мафҳуми менеҷмент хело ҳам маъмул гардидааст. Аслан гирем, менеҷмент аз вожаи англисӣ гирифта шуда, маънои асосиаш идоракунӣ, ташкил, роҳбариро ифода менамояд [13, 541-543].

Ҳамин тариқ, мо дар таҳқиқи масъалаи баррасишаванда мафҳуми мазкурро ҳаммаънои мукаммали истилоҳи идоракунӣ мепазирем. Дар доираи муносибати умумӣ бошад, менеҷментро метавон натиҷаи омезиши назария ва амалияи идоракунӣ дар муассисаҳои бахши иҷтимоӣ фаҳмид [6, 45].

Истифодаи принсип ва қонуниятҳои менеҷмент барои ҳар як муассисаи соҳаи иҷтимоӣ манфиатовар мебошад. Барои тасдиқи ин гуфтаҳо як қатор далелҳои назарияи умумии идоракунӣ ё менеҷментро меорем, ки он ба созмонҳои соҳаи иҷтимоӣ бештар қобили истифода мебошанд:

–идоракунӣ–ин фаъолияти субъектҳое, ки ҳадафнокии амалро таъмин мекунад ва инчунин, муташаккилии корҳо дар ҳар гуна муассиса ба ҳисоб рафта, мақсади ниҳоиаш дар муттаҳид будан мебошад;

–ҳадафи бунёдии идоракунии ҳар гуна сохтор барои таъсис, барқароркунӣ, фаъолият ва рушди он равона мегардад;

–муносибати идоракунӣ тавассути чаҳор амал татбиқ мешавад: банақшагирӣ, ташкил, роҳбарӣ ва назорат;

–идоракуниро чунин хусусиятҳои асосӣ–мақсаднокӣ, мунтазамӣ ва давравӣ фаро мегирад.

Идоракунӣ дар мавриде муассир ва ё боз ҳам самараноктар мешавад, ки агар талаботи зеринро қонеъ созад [6, 45]:

а) коркарду интихоби механизмҳои ташкиливу иқтисодии идоракунӣ бояд ба сифати мураккабии объект ва имконияти субъекти идоракунанда мутобиқат бошад;

б) мавҷудияти таъминоти захиравии шаклҳои қабули қарорҳои идоракунӣ ва ҳоказои дигар.

в) сифати объективии меъёри интихобшуда барои арзёбии фаъолияти идоракунӣ ва натиҷаи ниҳоӣ;

г) доштани имиҷи хуби субъекти идоракунанда дар низоми инкишофёфтаи иртиботи мутақобила, иерархияи идоравӣ;

д) ба инобат гирифтани омилҳои инсонӣ ва ғайраҳои дигар.

Дар ҳар муассисаи соҳаи иҷтимоӣ вобаста ба хусусиятҳои вижагии фаъолияташон механизмҳои идоракунӣ метавонанд ба андозаи кофӣ мукаммал тарҳрезӣ шаванд ва ҳамзамон, тавсиф гарданд. Яъне, дар назар дорем мушаххасот дар вазифаи идоракунӣ, сохтори ташкилӣ, механизми муташаккил, ки имконияти татбиқшавандаи худро дошта бошад.

Аслан гирем, аз назарияи идоракунӣ маъмул аст, ки як қатор муқарраротӣ он чун универсал баррасӣ мешавад. Ҳамзамон, вобаста ба хусусияти объекти идорашаванда ва сатҳи донишҳои илмии нав, объекти мушаххас ҷудо мешавад, ки дар ташкилоти иҷтимоии мушаххас татбиқи он самарабахши ҳақиқиро имконнопазир менамояд. Дар ин самт мушаххасоти фарогири объекти идоракунӣ, тарзҳо, методология (муносибат, нуқтаи назар), қоида, талабот, технология, механизмҳо ва амсоли онҳо ташаккулу рушд меёбанд.

Самтгирии воқеъбинона сифати ҳамеша идоракунии оқилро тавсиф менамояд. Дар шароити муосир дар доираи консепсияву ғояҳои нави илмӣ

накшу манзалати идоракунии касбият дар муассисаҳои соҳаи иҷтимоӣ, ки баҳри баланд бардоштани сатҳу сифати зиндагии мардум хидмат менамоянд, рӯз то рӯз баланд шуда истодааст.

Муносибати оқилонаи субъект ва объекти идоракунӣ дар раванди идоракунӣ инъикос меёбад, яъне, мавқеи таъсиррасонии объекти нигаронидашуда бояд ба тағйироти сифатии он мусоидат намояд. Навъҳои асосии таъсиррасонӣ, ки дар боло ишора шуд, ба нақшагирӣ, ташкил, азхудкунӣ ва назорат маҳсуб ёфта, дар маҷмуъ, дар масири аз мақсадгузорӣ то ноилшавӣ, ки зарур ва кофӣ мебошад, доираи мукаммалгардии системаи идоракуниро тавсиф менамояд.

Мутобиқи парадигмаи муосир субъектҳои мухталифи соҳаҳои иҷтимоиву иқтисодӣ бидуни тахассуси дақиқ ва низоми андешидашудаи тақсимоти меҳнат амал кардани он маънӣ надорад. Идоракунии муассир ва амалигардии он бо муваффақияти ҳадафу вазифаҳои гузошташуда ва рушди субъектҳои соҳаҳои гуногуни ҷомеа, муттаҳидӣ, гурӯҳбандии навъҳои мушобеҳи корҳоро тақозо мекунад. Вобаста ба ин масъала, тарзи идоракунии илмӣ дар доираи муносибатҳои пешниҳоднамудаи асосгузорони мактаби идоракунии классикӣ, аз ҷумла таъкиди А. Файолро меорем. Ӯ чунин муносибатҳоро махсус қайд кардааст:

–тақсимоти меҳнат;

– ҳокимият ва масъулият, интизом;

– ягонагии маъмурӣ ва роҳбарӣ (ду амрро барои ин ё он амал фақат метавонад як сардор диҳад, ҳамчунин, барои иҷрои маҷмуи амалиёти як мақсадро таъқибкунанда бояд як роҳбар ва як барнома дошта бошад);

– тобеъ кардани манфиатҳои шахсӣ ба умум;

–вуҷуд доштани низоми муайяни мукофотдиҳӣ;

–мутамарказонидан ва тартиботи дараҷабандӣ (иерархӣ);

–тартибот, адолат;

– доимияти ҳайати кормандон;

– ташаббус, ягонагии кормандон [11].

Вобаста ба ғояҳои назариявии дар боло ишорашуда ба тавсифи моҳияти идоракунии иҷтимоӣ мегузарем. Идоракунии иҷтимоӣ дар назари аввал ҳамчун идоракунии ҷомеа ва ё бахши иҷтимоии он тасаввур мешавад. Аммо дар маънои васеъ идоракунии иҷтимоӣ ҳамчун падидаи ба низоми иҷтимоӣ хоссу бо масъалаҳои нигоҳдории якпорчагӣ ва хусусияти сифатӣ, инчунин, такрористеҳсолкунӣ ва рушди он алоқаманд мебошад.

Ин мафҳумҳо дар маънои маҳдуд, таъсири мақсадноку мунтазам ва муташаккилона ба муносибатҳои иҷтимоии ҷомеа, ки тавассути мукаммалгардони сохтори фаъолияти иҷтимоии таҳия ва татбиқи ҳадафҳои муқарраршуда сурат мегирад, ифода меёбад.

Ба пиндори мо, идоракунии иҷтимоиро метавон ҳамчун фаъолияти

мақсаднок, ки барои баланд бардоштани рушди соҳаи иҷтимоӣ дар маҷмуъ, нигаронида шудааст, баррасӣ намуд. Дар объекти системаи идоракунии соҳаи иҷтимоӣ маҷмуи муносибатҳои одамон дар ҷомеа, манфиатҳои мухталиф ва воситаҳои ҳамоҳангсозии онҳо, ки фаъолиятҳои иҷтимоиро ташкил медиҳанд, дохил мешавад. Бинобар ин, дар мафҳуми идоракунӣ амалҳои таъсирасон ҷиҳати муттаҳидсозии муносибатҳои иҷтимоӣ дар дохили системаи ташкил ва тақсимоти ҷамъиятии меҳнат ифода меёбад.

Дар ин раванд маҷмуи субъектҳои аз ҷиҳати ташкилӣ муайяншуда ва муносибатҳои идоракунии миёни онҳо ташаккул меёбад. Муносибатҳои идоракунии ин субъектҳо имкон медиҳад, ки таъсири идоракунӣ ба объект–аъзои ҷомеа, гурӯҳҳои иҷтимоӣ, созмонҳои ҷамъиятӣ, ниҳодҳои иҷтимоиву сиёсӣ ва иқтисодӣ сурат гирад. Системаи идоракунӣ тамоми захираҳо ва равандҳои ҷомеаро ки ҳолати онҳо барои рушди он ҳамчун як системаи иҷтимоӣ ва барои ҳаёти аҳолӣ ниҳоятан муҳим аст, дар бар мегирад, чунки маҳз ин гуна баррасӣ аз муносибати системавӣ бармеояд.

Аз нигоҳи муносибати системавӣ соҳаи иҷтимоӣ зерсистемаи ҷомеа ва системаи иқтисодиву иҷтимоӣ мебшад. Маҳз бо туфайли ин зерсистемаи ҷомеа арзишҳову анъанаҳои фарҳангии ҷомеа нигоҳ ва такрористеҳсол мешавад. Посдории ин гуна арзишҳо дар сатҳҳои мухталиф тавассути мубодилаву муошировати ҳамаи аъзои ҷомеа сурат мегирад ва аз насл ба насл интиқол дода мешавад.

Соҳаи иқтисод дар таҳияи ғояҳо барои ташаккулу рушди хусусиятҳои идоракунии иҷтимоӣ ва аз тарафи дигар ҳамчун омили муҳимми рушди иқтисодӣ хидмат менамояд [8, 56-66].

Ин масъала дар адабиёти илмӣ [9], дар доираи муносибатҳои иҷтимоӣ, ки дар бахшҳои давлатӣ (ҷамъиятӣ), тиҷоратии хусусӣ ва бахши ғайритиҷоратӣ (ғайриҳукуматӣ) сурат мегирад, муфассал баррасӣ шудааст. Дар доираи хусусиятҳои хосси ин бахшҳо, механизми мақсадноки мувофиқи идоракунии иҷтимоӣ тавассути ниҳодҳои мушаххас ва субъектҳои идоракунанда амалӣ карда мешавад. Ҳадафу вазифаҳои идоракунии иҷтимоиро дар бахши давлатӣ чунин субъектҳо, ба мисли ниҳодҳои ҳокимияти давлатӣ (ҷумҳуриявӣ, маҳаллӣ, ҷамоатҳо) амалӣ менамоянд.

Дар бахши тиҷоратӣ бошад, субъектҳои идоракуниро мақомоти идоракунии субъектҳои бахши хусусии иқтисодиёт (корхонаҳо, ширкатҳо) ва соҳибони он ташкил медиҳанд. Субъектҳои идоракуниро дар бахши сеюм–ташкилоти ғайритиҷоратӣ, ки ба онҳо мақомоти идоракунии коллегиалӣ махсуб мебошад, иттифоқҳо, ассотсиатсияҳо, фондҳои хайрия ва ғайра ташкил медиҳад.

Дар маҷмуъ, субъектҳои номбурда системаи идоракунии соҳаи иҷтимоӣ мебошанд, аммо дар ин системаи идоракунӣ давлат ва сатҳи

гуногуни ҳокимияти давлатӣ нақши афзалиятнок дорад. Бинобар муҳиммияти ин соҳа ниҳодҳои давлатӣ системаи идоракуниро таҳти идора ва назорати худ қарор медиҳад. Тавассути идоракунии давлатии соҳаи иҷтимоӣ татбиқи ҳадафҳои сиёсати иҷтимоии он сурат мегирад. Зеро дар давлати иҷтимоӣ таъмини сатҳи воқеии зиндагӣ, некуаҳволии иҷтимоӣ, шуғл ва дастгирии иҷтимоии аҳолиро дар маркази фаъолияти идоракунии он қарор мегирад.  Он ба принсипҳои зерин асос ёфтааст, ки дар расми 1. оварда шудааст:

**ПРИНСИПҲОИ ИДОРАКУНИИ СОҲАИ ИҶТИМОӢ**

- ҳузури ягона дар қабули қарорҳо ва муҳокимаи коллегиалӣ;
- ягонагии тамоми методҳои таъсиррасонии идоракунӣ бар нигоҳ доштани якпорчагии системаи иҷтимоӣ;
- ҳамоҳангии идоракунии соҳавию маҳаллӣ;
- афзалият дар ноил шудан ба ҳадафҳои стратегӣ;
- илмият дар идоракунии иҷтимоӣ, омезиши илму амал;
- ҳавасмандкунӣ ва мотиватсияи меҳнати кормандон;
- маъсулият дар натиҷагирии идоракунии соҳаи иҷтимоӣ

**Расми 1. Принсипҳои асосии идоракунии иҷтимоӣ.**

Интихоби роҳҳои ҳалли алтернативӣ мутобиқ ба ҳадафҳои муқарраршуда яке аз муносибатҳои муҳимми идоракунӣ маҳсуб мешавад. Муқаррар намудани ҳадафҳо ба дараҷабандии (иерархияи) афзалиятҳо такя менамояд, ки дар натиҷа тарҳи самтҳои дилхоҳи таъсиррасон муайян мешавад. Дар замони муосир технологияи соҳаи иҷтимоӣ механизмҳои нави идоракунии самаранокро рӯйи кор овардааст.

Технологияи иҷтимоӣ ин маҷмуи методу воситаҳо ва таъсиррасонӣ ба раванди  ба нақшагирӣ ва рушди иҷтимоӣ барои ноил шудан ба ҳадафҳо, ҳалли мушкилоти мухталифи иҷтимоӣ ва коркарду татбиқи таъсирҳои коммуникатсионӣ, ки шуури одамон, сохторҳо, системаҳо ё вазъиятҳои фарҳангӣ ва иҷтимоиро тағйир медиҳанд, истифода мешаванд [1, 80-83], [14].

Ба андешаи мо, технологияи иҷтимоӣ, ки ба  воқеияти иҷтимоии муосир табдил ёфтааст, метавон ҳамчун муошират фарогири иҷтимоӣ, ки дар он ҳар як иштирокчӣ стратегияи идоракунии худро нисбат ба дигарон муайян ва амалӣ мекунад.  Дар марҳалаҳои ибтидоӣ, ки рушди технологияи итилоотӣ маҳдуд буд, технологияҳои иҷтимоӣ танҳо дар машварати идоракунӣ истифода мешуданд. Аммо дар асри равон дар ҳама навъҳои

фаъолиятҳои марбут ба идоракунт ба кор бурда мешавад. Айни замон, технологияи мазкур ҳамчун пуле байни илм ва амалияи табдил ёфтааст ва боиси ташаккулу рушди тамсилаҳои назариявӣ дар идоракунии иҷтимоӣ гаштааст, ки онҳо ҳамчун асос барои таҳияи афзорҳои таъсиррасонии идоравӣ ба воқеияти иҷтимоӣ хидмат мекунад.

Технологиясозӣ дар соҳаи иҷтимоӣ барои таъмини захиравии идоракунии система ва ҳалли масъалаҳои рушди ташкилии он, эҷоди системаи идоракунӣ, муқаррар кардани ҳадафҳо, ба нақшагирӣ ва таҳияи стратегияи амалиётӣ алоқаманд мебошад. Истифодаи технологияҳои иҷтимоӣ барои коркарди стратегияи миёнамуҳлату дарозмуддати аз ҷиҳати илмӣ асос ёфта, ки ҳадафи татбиқи сиёсати иҷтимоӣ, маорифу фарҳангро дорад, истифода мешавад ва шароити мусоидро барои рушди босуръати соҳаи иҷтимоӣ фароҳам меорад. Вай дар системаи муосири идоракунии иҷтимоӣ, ки аз унсурҳои зиёде иборат мебошад, ҷойгоҳи махсус дорад. Дар системаи идоракунии соҳаи иҷтимоӣ дар доираи маҷмуи амалҳои муассири танзимкунанда, иқтисодӣ ва барномавӣ истифода мешавад.

Акнун дар бораи хусусиятҳои раванди идоракунии соҳаи иҷтимоӣ истода мегузарем. Соҳаи иҷтимоӣ, пеш аз ҳама, ба сифати системаи кушод, ки дорои маҷмуи муносибатҳои мураккабу гуногунҷабҳаи ҷамъиятӣ мебошад, баромад менамояд. Ин система дорои мустақилияти нисбӣ ва нақшҳои мушаххаси фаъолияту рушду тағйироти сохторӣ мебошад. Бинобар он, ин

Инкишофи соҳаи иҷтимоӣ тавассути рушди инфрасохторҳои худ, ки маҷмуи иншоот, муассисаҳо ва хизматрасониҳое (тандурустӣ, фарҳанг, дастгирии иҷтимоӣ, манзил ва хизматрасонии коммуналӣ, нақлиёт ва ғайра), ки талаботи муҳимми иҷтимоии аҳолиро қонеъ мегардонанд, сурат мегирад.




**Расми 2. Инфрасохторҳои асосии соҳаи иҷтимоӣ.**

Соҳаи иҷтимоӣ тавассути фаъолияти функсионалии инфрасохторҳои

он ба такрористеҳсоли қувваи корӣ, ташаккули рафтори солими истеъмолии субъектҳои гуногуни иҷтимоӣ (аъзоёни ҷомеа, гурӯҳҳо ва қишрҳои аҳолӣ) ва амалӣ шудани иқтидори эҷодии онҳо, худшиносии фардӣ ҳамаҷониба мусоидат мекунад.

Тавре дар боло ишора намудем, дар марҳалаи муосири рушди мамлакат самти асосии табадулоти иҷтимоию иқтисодӣ ва гузариш ба навъи рушди инноватсионӣ нигаронӣ дорад. Аз ин рӯ, идоракунии соҳаи иҷтимоӣ бояд пайваста бо омӯзиши хусусиятҳои муосири рушди соҳа сурат гирад.

Айни замон, фаъолияти сохторҳои идоракунии соҳа дар асоси принсипҳои соҳавӣ дар минтақавӣ ва ё дар қаламравашон ташкил карда шудаанд. Таърихан дар мамлакат соҳаи иҷтимоӣ бо мақомоти соҳавӣ мавриди идоракунӣ қарор мегиранд. Масалан, мақомоти зерини идоракунӣ дар сатҳи ҷумҳуриявӣ пурра ё қисман иштирок мекунанд:

–Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон;

–Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон;

– Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон;

–Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон;

–Кумитаи рушди маҳали назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон;

–Кумитаи кор бо ҷавонон ва варзиши назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон.

Дар дохили ҳар яке аз ин мақомоту сохторҳои идоракунӣ барои соҳаҳову самтҳои мушаххас таъсис дода мешаванд. Дар доираи принсипи минтақавӣ бо зарурати муносибати фарққунанда дар минтақаҳои алоҳидаи кишвар ва ҳалли мушкилоти мушаххаси иҷтимоии маҳал идоракунии минтақавии соҳаи иҷтимоӣ ташкил шудааст, ки дар дохили минтақаҳо боиси тақвияти раванди татбиқи сиёсати иҷтимоии давлат гардидааст. Масалан, дар доираи моддаи 13-и Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот» (аз 23.11.2015, №1243) ҷамоатҳо ухдадор ҳастанд, ки дар соҳаи ҳалли масъалаҳои иҷтимоӣ вазифаҳои зеринро ба иҷро расонанд:

–иштирок дар таҳия ва амалӣ намудани барномаи минтақавии мусоидат ба шуғли аҳолӣ ва андешидани чораҳо оид ба танзими раванди муҳоҷират;

–назорати танзими анъана ва ҷашну маросимҳо;

–андешидани чораҳо оид ба беҳбудии шароити манзилию маишии аҳолӣ, ҳифзи саломатӣ, муҳофизати муҳити зист;

–ҳалли масъалаҳои аҳаммияти маҳаллӣ дошта (нигоҳдорӣ ва ободонии роҳҳо, кӯчаҳо, майдонҳо, муассисаҳои фарҳангӣ, захираҳои обтаъминкунӣ, бозорҳои маҳаллӣ, инчунин, нигоҳдории қабристонҳо ва таъмини тозагии маҳал аз партовҳо) ва тасдиқи қоидаҳо доир ба амалӣ намудани онҳо [4].

Аммо бояд ба инобат гирифт, ки иштироки мақомоти соҳавии сатҳи ҷумҳуриявӣ дар идоракунии соҳаи иҷтимоӣ дар минтақаҳои алоҳида пурра истисно карда нашудааст. Ин мақомоти марказӣ тавассути як қатор методҳои мустақим ва ғайримустақим барои таъмини рушди соҳа мусоидат менамояд. Илова бар ин, мақомоти идоракунии иҷтимоии маҳаллӣ тибқи принсипи соҳавӣ сохта шудаанд, ки сифати ҳудудӣ–соҳавиро доро мебошад. Баррасии ин ҷанбаи идоракунӣ, яъне ҳудудӣ–соҳавӣ дар риштаи таҳлили методҳои идоракунӣ қарор мегирад. Дар ин ҷо метавон ду гурӯҳи асосии методҳои идоракуниро ҷудо намуд.

Гурӯҳи якум–ин методҳои маъмурӣ, ки аз маҷмуи воситаҳои таъсири мустақим ё ғайрииқтисодии субъектҳои идоракунӣ ба объектҳои дахлдор иборат мебошад. Ин метод, новобаста аз соҳаи мушаххаси ҳаёти иҷтимоӣ, тасниф карда мешаванд. Масалан, метавон як қатор қарорҳои инноватсионии маъмурии солҳои охирро дар мамлакат дар самти идоракунии иҷтимоӣ номбар намуд.

Татбиқи “Консепсияи ташаккули ҳукумати электронӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон” бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 декабри соли 2011, №643 тасдиқ шудааст, чунин натиҷаҳои мусбатро рӯйи кор овардааст:

–самаранокии фаъолияти мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатӣ ва идоракуниро бо истифода аз ТИК;

–саривақт дастрас шудани хизматрасониҳои иҷтимоӣ ва беҳтар шудани сатҳу сифати он;

–сода гардонидани қоидаҳо расонидани хизматҳои иҷтимоӣ ва коҳиш ёфтани хароҷоти маъмурӣ, ки ба расонидани ин хизматҳо вобастагӣ доранд;

–боло рафтани сатҳи шаффофияти иттилоот дар бораи фаъолияти мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатӣ;

–ташаккули системаи ягонаи табодули иттилоотӣ бо истифода аз ТИК, ки пайвастшавии доимиро ба шабакаҳо ягонаи хизматрасониҳои давлатӣ;

–баланд шудани ҳавасмандии иқтисодии истифода аз шабакаи ҷаҳонии интернет, технологияҳои муосири технологӣ ва ғайра [3].

Санади дигари воситаи идоракунии соҳаи иҷтимоӣ «Консепсияи рушди низоми хизматрасонии иҷтимоӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон” (бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз 2.07.2015, №4 тасдиқ шудааст), мебошад. Татбиқи бандҳои ин Консепсия имкон фароҳам овардааст, ки сатҳу сифати хизматрасониҳои иҷтимоӣ, тавассути стандартизатсиякунонии онҳо, ташкили низоми мустақили мониторинги сифати хизматҳо бо истифода аз механизмҳои назорати ҷамъиятӣ, «касбикунонии кори иҷтимоии касбӣ бо роҳи бунёди низоми бисёрзинагии омода кардан ва такмили ихтисоси кормандони иҷтимоӣ, ҷорӣ намудани

низоми аккредитатсияи ташкилотҳои пешниҳодкунандаи хизматҳои иҷтимоӣ» [2] ва ғайраҳои дигар нисбатан беҳтар карда шаванд.

Дуюм, гурӯҳи методҳо. Ин гурӯҳи методҳо иқтисодӣ мебошанд, ки тавассути механизмҳову афзорҳои таъсири иқтисодӣ ё ғайримустақими субъектҳои идоракунӣ ба объектҳои дахлдори идоракунӣ сурат мегиранд. Чизи асосӣ дар ин ҷо ин аст, ки субъекти идоракунанда бо ёрии механизмҳои иқтисодӣ, тавассути таъсир расонидан ба манфиатҳои моддии объектҳои идорашаванда, рафтори иштирокдорони муносибатҳои иҷтимоӣ танзиму идора мешавад ва тағйироти мусбати сифатӣ рӯйи кор меояд. Яъне, дар ин маврид воситаи идоракунӣ бидуни таъсири маъмурӣ (бар хилофи таъсири мустақими мақомоти ҳокимият) сурат мегирад. Аксар вақт воситаи ҳавасмандгардонӣ моҳияти иқтисодиро фаро мегирад (масалан, ҳавасмандгардонии моддӣ, таъмини имтиёзҳои амволӣ ва ҳоказои дигар). Ин ҷо метавон мисолҳои хеле бисёри истифодаи методи иқтисодиро овард:

–истифодаи нақшаи маблағгузории сарикасии муассисаҳои таҳсилотӣ;

–фармоишҳои давлатӣ ва маблағгузории буҷавӣ барои харидории таҷҳизоти тиббии технологияш баланд ба беморхонаҳо;

–маблағгузории буҷавӣ ва грантии лоиҳаҳои сармоягузории иҷтимоӣ ба рушди соҳаи маориф, варзиш санъат ва ғайра [9, 18].

Бояд зикр намуд, ки дар амалияи идоракунии соҳаи иҷтимоии кишварҳои олам методи иқтисодӣ паҳншудатарин усул мебошад. Тавассути маблағгузории буҷавӣ бисёр муаммоҳои иҷтимоӣ ҳалли худро меёбанд. Дар маҷмуи таъминоти молиявии рушди соҳаи иҷтимоӣ маблағгузории соҳаҳои муҳимми иҷтимоӣ, ки ба онҳо асосан соҳаҳои маориф, тандурустӣ ва фарҳанг дохил мешаванд, ҳиссаи калонро ишғол менамояд. Зеро ин соҳаҳо дар таъмини рушди инсон ва сармояи инсонӣ, ки омили бунёдии рушди дарозмуддати иқтисодӣ ва дигар соҳаҳои иқтисоди миллӣ мебошад, нақши калидӣ дорад. Масалан, соли 2023 маблағгузории буҷавӣ ба соҳаи маориф, ки соҳаи афзалиятноки иқтисоди миллӣ эълон шудааст, беш аз 7,1 млрд. сомониро ташкил дода буд, ки нисбат ба соли 2000-ум беш аз 147 маротиба афзудааст.

**Ҷадвали 1. Динамика маблағгузории буҷавӣ ба соҳаҳои муҳимми иҷтимоӣ (млн. сомонӣ).**

| Солҳо | Ҳамагӣ: хароҷоти буҷаи давлатӣ | Аз он ҷумла: | | | Дар % ба ММД |
|---|---|---|---|---|---|
| | | Маориф | Тандурустӣ | Чорабиниҳои фарҳангиву варзишӣ ва ғ. | |
| **2000** | 291,3 | 38,2 | 18,5 | 9,2 | 5,6 |
| **2005** | 1402,7 | 253,1 | 82,4 | 41,8 | 5,2 |
| **2010** | 7272,3 | 1019,5 | 367,2 | 298,5 | 6,8 |

| | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|
| **2015** | 16277,4 | 2539,3 | 1037,2 | 574,3 | 8,5 |
| **2020** | 24812,5 | 4311,4 | 2583,1 | 987,1 | 9,5 |
| **2023** | 43034,8 | 7108,5 | 3277,4 | 1471,7 | 9,0 |

**Манбаъ: Омори солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон, 2024, саҳ. 369-391.**

Дар ин давра маблағгузории соҳаи тандурустӣ аз 18,5 то 3277,4 млн. сомонӣ ва ё 177 маротиба афзудааст. Ҳаҷми маблағгузории чорабиниҳои фарҳангиву варзишӣ аз 9,2 то 1471,7 млн сомонӣ афзудааст. Ин тамоюлоти афзоиши маблағгузории давлатии соҳаҳои муҳимми иҷтимоӣ пайваста бо афзоиши ҳаҷми хароҷоти буҷаи давлатӣ, ки дар давраи таҳлилӣ аз 291,3 то 43034,8 млн сомонӣ ва ё 147 маротиба афзудааст, сурат гирифтааст. Ҳиссаи маблағгузориҳои буҷавӣ ба соҳаҳои муҳимми иҷтимоии номбаршуда дар маҷмуи маҳсулоти дохилии мамлакат (ММД) аз 5,6 то 9 дарсад ва ё 3,4 банди дарсадӣ (фоизӣ) афзудааст.

Ҳамин тариқ, вазифаҳои идоракунии соҳаи иҷтимоӣ ва сегментҳои муҳимму афзалиятноки он тавассути таъминоти захиравӣ, ки аз тарафи давлат ҷудо шудааст, сурат гирифта истодааст. Ин тамоюл аз раванди устувори татбиқи сифатҳои давлати иҷтимоӣ низ шаҳодат медиҳад.

Бояд таъкид намуд, ки дар системаи идоракунии соҳаи иҷтимоӣ вобаста ба хусусиятҳои вижагии соҳа ба ғайр аз муносибату методҳои маъмурӣ ва иқтисодӣ, боз истифодаи методҳои иҷтимоию равонӣ (хусусан, усулҳои боваркунонӣ) манфиатовар мебошад. Зеро муносибатҳои иҷтимоӣ хеле мураккаб буд, ки дар он иштирокдорони дорои рафтору завқи гуногун дошта мебошанд. Онҳо ҳамчун объекти идоракунӣ дорои муносибатҳои равониву иҷтимоӣ мебошанд.

Айни замон, ба пиндори мо, яке аз саҳифаҳои системавӣ дар технологияи идоракунии соҳаи иҷтимоии мамлакат ин аст, ки субъектҳои идоракунӣ ҳангоми ҷорӣ кардани баъзе навовариҳо усулҳои боваркуниниро аз мадди назар дур мекунанд, ки дар натиҷа, баъзан шиддати иҷтимоӣ пайдо гардида, боиси шиддат гирифтани танишҳои нолозими иҷтимоӣ дар ҷомеа мешавад. Масалан, бе иҷрои корҳои фаҳмондадиҳӣ баланд намудани нархи бархе аз хизматрасониҳои иҷтимоӣ ва ё неъматҳои ҷамъиятӣ метавонад шиддатнокии иҷтимоиро дар ҷомеа пайдо намояд.

Ҳамин тариқ, хусусиятҳои фарқкунандаи идоракунӣ дар соҳаи иҷтимоӣ тақозо менамояд, ки методи маҷмуъӣ истифода шавад, то ин ки тамоми ҷанбаҳои рушди соҳа инъикос ёбад. Дар самти мукаммалгардонии идоракунии соҳаи иҷтимоӣ санадҳои махсуси қонунӣ қабул ва таҳрири санадҳои амалкунандааш дар самти ислоҳоти идораи соҳа, тартиби татбиқи навовариҳо дар соҳаи иҷтимоӣ бояд масъалаи огоҳии ҷамъиятӣ ва корҳои тарғиботӣ дар байни аҳолӣ дар бораи ҳар як ислоҳоту навоварии муқаррар гардад. Татбиқи ин пешниҳодҳо ба рушди равандҳои инноватсионӣ дар раванди босуръати идоракунии иҷтимоии кишвар ҳамаҷониба мусоидат

хоҳад кард.

**Адабиёт**


1. Грызова У. Социальные технологии: информационно-коммуникативная типология / У.Грызова // Интеллект. Инновации. Инвестиции. – 2012.– № 3. – С. 80-83.
2. “Консепсияи рушди низоми хизматрасонии иҷтимоӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон” (бо қарори Ҳукумати ҶТ аз 2.07.2015, №448) https://moh.tj/wp-content/uploads/2024/12/Konsepsiyai-rushdi-hizmatrasonii-i-timo-.pdf
3. “Консепсияи ташаккули ҳукумати электронӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон” (бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 декабри соли 2011, № 643).
4. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот» (Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, соли 2009, № 7-8, моддаи 503; соли 2012, № 4, моддаи 277, № 8, моддаи 833.
5. Мирсаидов А. К вопросу определения социальной ставки дисконта для оценки государственных социальных инвестиций// Экономика Таджикистан, № 3, 2024. – С. 9-18. ISSN2310-3957.
6. Мирсаидов А. Тамоюли рушди иноватсиониии муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ (монография). – Душанбе: Ирфон, 2021, 144 с. –С. 45.
7. Мирсаидов А. Тамоюли рушди иноватсиониии муасисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ (монография) – Душанбе: Ирфон, 2021, 144 с. –С. 46.
8. Мирсаидов А. Ташаккули муносибатҳои институтсионалӣ дар таҳқиқоти муаммоҳои рушди иҷтимоиву иқтисодии Тоҷикистон (Ахбори ДДТТ), 2022, № 3. – С. 56-66.
9. Социальная сфера и доступность социальных благ в регионе / [Андреева О., Берендеева А., Берендеева О. и др.]; М-во образования и науки РФ, Иван. гос. ун-т.–Иваново, 2010. – 487 с.
10. “Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030”. – С. 4.
11. Файолъ А. Общее и промышленное управление // Управление - это наука и искусство. М, 1992.
12. Фукуяма Фрэнсис. Доверие. Социальные добродетели и созидание благосостояния / Новая постиндустриальная волна на Западе. Антология. - М.: Academia, 1999. –С. 129.
13. Халикова, Г. Менеджмент в социальной работе / Г. Халикова. Текст: непосредственный // Молодой ученый. - 2014. - № 20 (79). – С. 541-543.-URL: https://moluch.ru/archive/79/14166.
14. Шохов А., Реут Д. Сознание: инструкция пользователя / Шохов А.– 1. – Одесса: ВМВ, 2009. – 464 с. – ISBN 978-966-413-135-0.

15. Ярская В. Социальное государство, социальная политика, социальный менеджмент // Социальный менеджмент: опыт, исследования, образование: Сб. материалов междунар. конф. / СГТУ. Саратов, 2001. –С. 15–17.

# УПРАВЛЕНИЕ СОЦИАЛЬНЫМ СЕКТОРОМ: ЕГО СУЩНОСТЬ, ХАРАКТЕРИСТИКИ И МЕТОДЫ В СОВРЕМЕННУЮ ЭПОХУ

**МИРСАИДОВ АБРОР БОБОЕВИЧ,**
доктор экономических наук, профессор, Институт экономики и демографии Национальной академии наук Таджикистана
734024, Таджикистан, город Душанбе, улица С. Айни 44;
тел.: (+992) 904-44-60-12; e-mail: chirad-58@mail.ru

**ЮСУФИ ШАМСУЛЛО НЕМАТУЛЛО,**
кандидат экономических наук, докторант традиционной дистанционной формы обучения Института экономики и демографии Национальной академии наук Таджикистана
734024, Таджикистан, город Душанбе, улица С. Айни 44;
тел.: (+992) 888-88-01-88; e-mail: Shamsullo@mail.ru

*Статья посвящена переходу страны на новый этап развития, где обеспечение качественного развития личности и населения является основополагающей задачей социальной сферы, что является предметом теоретических подходов к описанию сущности, характеристик и методов управления этой сферой, а также обосновывает предложения и рекомендации по совершенствованию механизмов и методов управления сферой на основе использования современных информационных технологий, инструментов цифровой экономики.*

*Оценивается современное состояние использования подхода к управлению социальной сферой, которое сформировалось в результате сочетания теории и практики управления в ее институтах, и одновременно классифицируются его задачи в условиях развития социальных технологий.*

*Кроме того, обосновываются способы и механизмы использования социальных технологий в современном управлении сферой, а также реализация ее основных целей. Также описываются и классифицируются методы управления, особенно тенденции развития административно - экономических и психосоциальных методов.*

***Ключевые слова:*** *управление социальным сектором, социальное управление, методы управления, социальные технологии, цифровизация социальных секторов, государство, государственный бюджет.*

# SOCIAL SECTOR MANAGEMENT: ITS ESSENCE, CHARACTERISTICS, AND METHODS IN THE MODERN ERA

**MIRSAIDOV ABROR BOBOEVICH,**
Doctor of Economic Sciences, Professor, Institute of Economics and Demography of the National Academy of Sciences of Tajikistan
734024, Tajikistan, Dushanbe city, S. Aini St. 44;
phone.: (+992) 904-44-60-12; e-mail: chirad-58@mail.ru

**YUSUFI SHAMSULLO NEMATULLO,**
PhD Candidate of Economic Sciences, Traditional Distance Doctoral Student of the Institute of Economics and Demography of the National Academy of Sciences of Tajikistan
734024, Tajikistan, Dushanbe city, S. Aini street 44;
phone.: (+992) 888-88-01-88, e-mail: Shamsullo@mail.ru

*This article examines the country's transition to a new stage of development, where ensuring the high-quality development of individuals and the population is a fundamental goal of the social sector. This is the subject of theoretical approaches to describing the essence, characteristics, and management methods of this sector. It also substantiates proposals and recommendations for improving the mechanisms and methods of managing this sector through the use of modern information technologies and digital economy tools.*

*This article assesses the current state of this approach to social sector management, which has evolved through the combination of theory and practice within its institutions, and simultaneously classifies its objectives within the context of the development of social technologies.*

*Furthermore, the methods and mechanisms for using social technologies in modern social sector management, as well as the implementation of its main goals, are substantiated. Management methods are also described and classified, particularly the development trends of administrative-economic and psychosocial methods.*

***Key words:*** *social sector management, social management, management methods, social technologies, digitalization of social sectors, state, state budget.*

УДК: 336.717:004

# РУШДИ ИНФРАСОХТОРИ АМАЛИЁТИ ҒАЙРИНАҚДӢ ДАР ЗАМИНАИ ГУЗАРИШ БА ИҚТИСОДИ РАҚАМӢ

**ШАМСЗОДА ИЛЁСҶОН САФАР,**
д.и.и, профессор, *ходими калони илми*
*Пажуҳишгоҳи илмӣ-таҳқиқотии молия*
*734025, Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, кӯчаи Шероз 35;*
*тел.: 918-78-89-38; e-mail: shamsov1976@mail.ru*

*Дар мақолаи мазкур муҳиммияти рушди инфрасохтори амалиётҳои ғайринақдӣ дар заминаи гузариш ба иқтисоди рақамӣ мавриди таҳлилу баррасӣ қарор дода шудааст. Воқеан ҳам, солҳои охир вобаста ба рақамикунонии иқтисодиёт, гузаштан ба ҳисоббаробаркуниҳои ғайринақдӣ Ҳукумати мамлакат аҳамияти хосса зоҳир менамояд. Инчунин, дар соли 2023 Фармони Роҳбари давлат вобаста ба тадбирҳои вусъат додани ҳисоббаробаркуниҳои ғайринақдӣ қабул гардид. Дар ин самт Бонки миллии Тоҷикистон дар ҳамдастӣ бо ташкилотҳои қарзӣ тамоми тадбирҳои заруриро амалӣ намуда, имкониятҳои ба таври ғайринақдӣ, осон ва дастрас пардохт намудани хизматрасониҳоро дар бахши хусусӣ ва дар бахши давлатӣ шароит фароҳам оварда истодаанд. Айни замон имкониятҳо хеле зиёданд аз ҷониби ташкилотҳои қарзӣ, хизматрасониҳои фосилавии бонкӣ аз қабили кортҳои пардохтӣ, замима барномаҳои мобилӣ, интернет бонкинг, қабули пардохт тавассути PS терминал ва QR рамзҳо таъмин карда шудаанд, ки шаҳрвандон метавонанд тариқи онлайн яъне тариқи ғайринақдӣ дар реҷаи вақти воқеи пардохтҳои ғайринақдиро инҷом диҳанд.*

***Калидвожаҳо:*** *кортҳои пардохтӣ, ташкилотҳои қарзӣ, навовариҳои молиявӣ, технологияҳои зеҳни сунъӣ, пардохтҳои ғайринақдӣ, иқтисоди рақамӣ, интернет бонкинг, автоматикунонӣ, технологияҳои рақамӣ, QR рамзҳо, замимабарномаҳои мобилӣ, экосистемаҳои рақамӣ.*

Рушди технологияҳои рақамӣ ба иқтисодиёт, рафтори одамон ва ҷомеа, дар маҷмуъ, таъсири бузург мерасонад. Маҳз бахши бонкии ҷаҳонӣ дар тули чанд соли охир тағйироти ҷиддиро аз сар гузаронд, ки дар аксари ҳолатҳо натиҷаи рақамисозии ҳам муҳит ва ҳам фаъолияти соҳибкорӣ мебошад. Гуногунрангии технологияҳои дастрас ба одамон имкон медиҳад, ки ба усулҳои нави ҳамкорӣ бо якдигар ва бо тиҷорат гузаранд. Мизоҷон аз имкониятҳои хизматрасониҳои бонкӣ ҳарчи бештар истифода мебаранд ва аз платформаҳои нави ҳамкорӣ бо бонкҳо баҳра мегиранд. Ҳамзамон, мутобиқшавии технологияҳо ба тағйироти рафтори одамон сурат мегирад, ки дар натиҷа қарорҳои ҳарчи самаранoктар ва камхарҷ барои рушди

тиҷорат ба вуҷуд меоянд. Дар натиҷаи рақамисозии равандҳои бонкӣ таҷрибаи муштариён васеъ мегардад. Истифодаи технологияҳои рақамӣ ва таҳлили ҳаҷмҳои бузурги маълумот имкон медиҳад, ки маҳсулоти комилан нави бонкӣ таҳия карда шаванд. Ширкатҳои «рақамӣ» ва технологӣ (ширкатҳои финтек, бозигарони соҳаи телекоммуникатсия, ширкатҳои IT) ба бозори хизматрасониҳои молиявӣ ворид мешаванд, дар ҳоле ки бонкҳои бузурги анъанавӣ бо такя ба ҷузъҳои сердаромадтарини занҷираи эҷоди арзиши бонкӣ ва берун аз он экосистемаҳо таъсис медиҳанд.

«Агар ба даврахои аввали пайдоиши техникаю технология назар намоем, маълум мегардад, ки онҳо маҳз бо мақсади осонгардонии раванди истеҳсолот нигаронида шуда буданд. Ҳоло бошад, техникаю технология дар ҳамаи соҳаҳои иқтисодию иҷтимоӣ ва сиёсӣ бо мақсади боз ҳам рушд додани иқтисодиёти мамлакат мавриди истифода қарор доранд» [10,125]. Воқеан ҳам, солҳои охир вобаста ба рақамикунонии иқтисодиёт, гузаштан ба ҳосиоббаробаркуниҳои ғайринақдӣ, Ҳукумати мамлакат таваҷҷуҳи хосса зоҳир менамояд. Дар ин самт як қатор қарору барномаҳо қабул гардиданд. Инчунин, дар соли 2023 Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон вобаста ба тадбирҳои вусъат додани ҳосиоббаробаркуниҳои ғайринақдӣ қабул гардид. Дар ин самт Бонки миллии Тоҷикистон якҷо бо ташкилотҳои қарзӣ тамоми тадбирҳои зарурӣро амалӣ намуда, имкониятҳои ба таври ғайринақдӣ, осон ва дастрас пардохт намудани хизматрасониҳоро дар бахши хусусӣ ва дар бахши давлатӣ шароит фароҳам оварда истодаанд. Айни замон имкониятҳо хеле зиёданд аз ҷониби ташкилотҳои қарзӣ хизматрасониҳои фосилавии бонкӣ, аз қабили кортҳои пардохтӣ, замима барномаҳои мобилӣ, интернет бонкинг, қабули пардохт тавассути PS терминал ва QR рамзҳо таъмин карда шудаанд, ки шаҳрвандон метавонанд тариқи онлайн, яъне, тариқи ғайринақдӣ дар реҷаи вақти воқеи пардохтҳои ғайринақдиро инҷом диҳанд. Вобаста ба афзалиятҳояш бояд қайд намуд ки гузариш ба амалиёти ғайринақдӣ ва афзоиши ҳиссаи ҳисоббаробаркуниҳои ғайринақдӣ дар муомилоти пулии кишвар ҳам ба аҳолӣ ва ҳам ба низоми бонкӣ, инчунин, ба давлат як қатор манфиатҳоро фароҳам меорад. «Яке аз самтҳоиояндадор дар ин замина рақамикунонӣ–ҷорӣ кардани технологияҳои муосири иттилоотию коммуникатсионӣ ба равандҳои соҳибкорӣ мебошад. Воситаҳои рақамӣ барои соҳибкорон имкониятҳои навро мекушоянд, аз қабили беҳсозии равандҳои идоракунӣ, васеъ намудани фарогирии бозор, беҳтар намудани сифати хизматрасонӣ, дастрасӣ ба хатҳои электронии фурӯши маҳсулот ва хизматрасониҳои молиявӣ ва ғайра» [15,144].

Ба аҳолӣ, пеш аз ҳама, осонии сарфаи вақтро таъмин намуда имкон медиҳад, ки шаҳрвандон онлайн ба таври ғайринақдӣ новобаста аз макони ҷойгиршавӣ, масалан, дар хона, дар ҷойи кор дилхоҳ хизматрасониҳоро

пардохт менамояд. Тасаввур кунед, ки дар мавриди ба таври нақдӣ пардохт кардан, шаҳрванд маҷбур мешавад, ки ба муассисаи ташкилоти қарзӣ ё давлатӣ равад. Дар ин маврид вақт сарф мешавад, инчунин, хароҷоти роҳкиро, навбатпойӣ, ки ин худ як сарборӣ аст. «Яке аз омили муҳимми рушди рақамикунонии иқтисодиѐти миллӣ ва ҳамчунин, идоракунии самараноки низоми пардохт ва хизмат расониҳои пардохтӣ гузариши мақомоти давлатӣ ба низоми электронии гардиши ҳуҷҷатию муносибатҳои иҷтимоию иқтисодӣ ба шумор меравад» [12, 15].

Дар сурати ғайринақдӣ пардохт кардан ҳамин равандҳо аз байн мераванд, яъне, ба таври онлайн дар як муддати хеле кӯтоҳ пардохт анҷом дода мешавад, ки осониро фароҳам месозад. Инчунин, ба таври ғайринақдӣ пардохт кардан амнияти ҳамин амалиётро таъмин мекунад, яъне, амалиёти дуздӣ ё гумшудани маблағро хеле кам мекунад, чунки ҳама пардохтҳо тавассути низомҳои бонкӣ мегузаранд ва онҳоро назорат ва дарёфт кардан мумкин аст. Яке аз афзалиятҳои дигари ба таври ғайринақдӣ пардохт кардан, саводнокии молиявии шаҳрвандонро баланд мебардорад, чунки ҳангоми истифодабарии замимабарномаҳои мобилӣ тавассути онҳо ташкилотҳои қарзӣ ҳар гуна хизматрасониҳои худро таблиғ мекунанд, яъне, шаҳрванд ба он даромада, маълумот ба даст меорад ва аз имконитҳои ташкилоти қарзӣ огоҳ мешаванд. Яъне, ҳаёти шаҳрвандонро осон мегардонад. «Истифодаи самараноки технологияҳои иттилоотӣ бояд бо созмондиҳии дуруст ва пешгӯйиҳо ба нигоҳдории вазъи иқтисодӣ ва иҷтимоии кишвар ҳамоҳанг карда шавад. Истифодаи техникаҳои муосир барои баланд бардоштани сифати идоракунии давлатӣ натанҳо як интихоби технологӣ, балки як қадами муҳим дар самти идоракунии муосир ва кумак ба равандҳои демократӣ мебошад» [2, 140].

Тариқи электронӣ хизматрасонӣ намудан, имкон медиҳад, ки дар як вақт бисёртар муштариро хизматрасонӣ намуда, якчанд хели хизматрасониро пешниҳод кард. Дар мавриди ба таври ғайринақдӣ гузаштани амалиёт ҷараёнҳои молиявӣ шаффоф гардида, андозбандӣ зиёд мегардад ва маблағҳо ба буҷаи давлат бисёртар ворид мегарданд.

«Рақамикунонӣ масъалаи замони муосир буда, пеш аз ҳама, бо ташкил ва истифодаи технологияҳои муосир вобастагӣ дорад. Бинобар ин, моро зарур аст, ки ҷиҳати рушди рақамикунонӣ аз имкониятҳои мусоиди ташкили технологияҳои рақамӣ истифода бурда, ҳарчи зудтар истеҳсоли васеи онҳоро бо нархҳои дастрас дар кишвар ба роҳ монда, аҳолӣ ва субъктҳои хоҷагидориро бо технологияҳои рақамии баландсифат таъмин намоем» [14, 186].

Аз моҳи августи 2023-ум QR рамзи ягона мавриди амал қарор гирифтааст ва ҳамаи ташкилотҳои қарзӣ уҳдадоранд, ки дар нуқтаҳои хизматрасонӣ QR рамзи ягонаро насб кунанд. QR рамзи ягона, рамзест ки

тавасути он бо дилхоҳ ҳамёни элетронӣ метавон пардохти ғайринақдиро анҷом дод. Масалан, пеш аз QR рамзи ягона ҳар як ташкилотҳои қарзи QR рамзи худро дар назди хазина мемонданд ва дар назди хазина якчанд QR рамз меистод. Мизоҷ бошад, ташкилоти қарзии худро ҷустуҷӯ мекард, то маблағ пардохт кунад, ки ин номувофиқ аст.

Айни замон зиёда аз 28700 QR рамзи ягона дар нуқтаҳои савдои хизматрасонии тамоми Тоҷикистон насб карда шудаанд. Мутаассифона, баъзан вақт ҳолатҳое ба назар мерасанд, ки баъзе соҳибкорон барои рӯйпӯш кардани даромадҳои худ QR рамзи ягонаро истифода набурда, ба муштариён рақамҳои ҳамёнҳои электронии шахсии худашонро пешниҳод мекунанд ва аз онҳо хоҳиш мекунанд, ки маблағҳоро ба тариқи амалиёти P2P, яъне, интиқоли маблағ аз шахс ба шахс бо ҳамин роҳ пардохти хизматрасонӣ кунанд. Албатта, ин амал тибқи санадҳои меъёри ҳуқуқии Бонки миллии Тоҷикистон нодуруст аст. Дар ин маврид шаҳрвандон метавонанд талаб кунанд, ки ҳамон QR рамзи ягонае, ки дар онҳо, албатта, ҳаст, ҳамонро нишон диҳанду тариқи QR рамзи ягона пардохт кунанд ва аз анҷом додани амалиёти P2P худдорӣ намоянд.

Бояд тазаккур дод, ки бисёри соҳибкорон бо мақсади рӯйпӯш намудани даромадҳои аслии худ, яъне, гурехтан аз андоз тариқи QR рамзи ягона амалиёти кам мегузаронанд ва аксари амалиётро тавассути P2P ё тавассути интиқоли маблағ аз ҳамён ба ҳамён қабул менамоянд, ки тибқи санадҳои меъёрии ҳуқуқии мақомоти андоз ин амал, албатта, ҷавобгарӣ дорад. «Аксар сарчашмаҳо ва таҷрибаҳои мувассақи низоми пулию бонкӣ аз он гувоҳӣ медиҳанд, ки рушди низоми бонкиро бидуни технологияҳои пардохтӣ ё инфрасохори зарурии ҳисоббаробаркунӣ тасаввур кардан ғайриимкон мебошад. Бо ин мақсад, дар шароити имрӯза дарёфти роҳҳои тақвияти инноватсионӣ шарти зарурӣ буда, роҳҳои дар амал ҷорӣ намудани он мувофиқи мақсад мебошад» [13, 130].

Ҳисоббаробаркуниҳои ғайринақдӣ бо воситаи кортҳои гуногун, ба монанди Корти миллӣ, Visa, кортҳои тиллоиву платинагӣ ҳастанд, ки онҳо аз ҳамдигар фарқ доранд. Навъҳои кортҳои пардохтӣ айни замон хеле мухталифанд, вале онҳоро агар гурӯҳбандӣ кунем, вобаста ба ҳудуди истифодабарияшон кортҳои пардохтӣ локалӣ, миллӣ ва байналмилалӣ мешаванд. Кортҳои локалӣ он қадар кортҳои маъмул нестанд, онҳо кортҳои пардохтие ҳастанд ки интишор карда мешаванд ва танҳо дар доираи шабакаи терминалии худи ҳамон бонк мавриди истифода қарор мегиранд. Кортҳои миллӣ кортҳои пардохтие мебошад, ки дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон истифода бурда мешаванд ва аз ҷониби ҳамаи ташкилотҳои қарзӣ қабул карда мешаванд, чунки тибқи санадҳои меъёрии қонунгузорӣ вазифадор намудааст, ки ҳама ташкилотҳои қарзӣ, ки бо барориш ва хизматрасонии кортҳои пардохтӣ машғуланд, ухдадоранд, ки ба кортҳои

миллӣ хизмат расонанд. Ин кортҳо одатан, барои гирифтани маош, барои гирифтани маблағи нафақа ва пардохт намудани молу хизматрасонӣ дар қаламрави Тоҷикистон истифода бурда мешаванд. Айни замон аз ҷониби бонкҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ташкилотҳои қарзӣ кортҳои пардохтии байналмилалии Visa, MasterCard ва UnionPay интишор карда мешаванд. Ин кортҳои пардохтие мебошанд, ки бештар барои истифода дар хориҷи кишвар пешбинӣ шудаанд, ки инчунин, пардохт намудан дар фазои интернет.

«Баррасии муфассали ҳар як дурнамои муайяншуда дар бораи моҳияти истилоҳи "табдилдиҳии рақамӣ" ба мо имкон медиҳад, ки унсурҳои умумиро дар консепсияи табдили рақамӣ муайян кунем ва фаҳмиши пурраи ин падидаро ба даст орем» [11, 19]. Айни замон пардохти хизматрасониҳои давлатӣ танҳо тариқи кортҳои миллӣ маҳдуд нашудааст, пардохти хизматрасониҳои давлатиро тариқи кортҳои байналмилалии Visa низ пардохт кардан имконпазир аст. Ташкилотҳои қарзи имконияти қабул намудани хизматрасониҳои давлатиро тариқи кортҳои байналмилалӣ низ ба роҳ монанд. Айни замон ин раванд ҷорӣ аст, яъне, ташкилотҳои қарзӣ онро татбиқ карда истодаанд ва пардохт намудани хизматрасониҳо тариқи кортҳои байналмилалӣ низ имкон дорад.

«Мавриди зикр аст, ки равандҳои асосии рақамикунонӣ дар ҳолатҳои алоҳида аз бомуваффақият ҷорӣ намудани технологияи иттилоотӣ дар тамоми соҳаҳои иқтисоди миллӣ вобастагии калон дорад. Одатан равандҳои рақамикунонӣ хосси ҷомеаи баъдииндустриалӣ буда, бо муҳити иттилоотонӣ, пайдарпайи амаликунонии он алоқамандии зич дорад» [8, 203]. Албатта, истифодабарии замимабарномаҳои мобилӣ умуман хизматрасонии фосилавии бонк ҳам ба шаҳрвандон ва ҳам ба ташкилотҳои қарзӣ манфиатовар аст. Ташкилотҳои қарзие ки мақсади асосии онҳо гирифтани фоида аст, онҳо мунтазам бозорро меомӯзанд ва онҳо айни замон дида истодаанд, ки мардум ҳарчи бештар ба хизматрасониҳои фосилавии бонкӣ майл доранд. Ҳозир шаҳрвандон на он қадар кортҳои пардохтиро, балки замимабарномаи мобилиро бисёртар истифода мебаранд.

«Яке аз унсурҳои асосии бунёди ҷомеаи муосир ва идоракунии давлатӣ дар мамлакатҳои мутараққӣ, системаи ҳукумати электронӣ ба ҳисоб меравад. Системаи мазкур имконияти гирифтани ҷавобҳоро ба саволҳои муҳимми иҷтимоӣ бидуни ташвишдиҳии хизматчиёни давлатӣ пешкаш карда, ҳамаи монеаҳои имконпазири хусусияти маъмурӣ доштаро ҳангоми бадастории хизматрасониҳои лозима бартараф сохта, ҳамчунин, дастрасии шаҳрвандонро ба иттилооти расмӣ осон мегардонад» [9, 33].

Тибқи маълумоти оморӣ 10,4 миллион кортҳои партохтӣ ба муомилот баровarда шудааст, ки дар баробари ин, 17,7 миллион замимабарномаҳои

мобилӣ ба қайд гирфта шудаанд, яъне, истифодаи замимабарномаҳои мобилӣ маъмултар аст, чунки истифодаи замимабарномаҳои мобилӣ дар ҳақиқат ҳам осон аст ва ҳам имкониятҳои васеъро фароҳам меорад. Барои ҳамин шаҳрвандон ба истифодаи ин гуна воситаҳо афзалият медиҳанд. Ба ташкилотҳои қарзӣ низ ин фоидаовар аст, чунки дар ин маврид хизматрасонӣ ба таври фосилавӣ пешниҳод карда мешавад. Дар мавриди анъанавӣ ё пештара муштарӣ агар ба бонк меомад, вайро як коргари бонк уҳдадор буд, ки хизматрасонӣ кунад ва ин вақти зиёдро талаб мекард. Дар мавриди истифодаи хизматрасонии фосилавии бонкӣ, истифодабаранда худаш мустаъқилона замимабарномаро мекушояд ва дилхоҳ хизматрасониро интихоб мекунаду пардохт мекунад.

«Татбиқи зеҳни сунъӣ дар иқтисодиёт назар ба дигар соҳаҳо аҳаммияти камтар надорад. Омӯзиши мошинҳо ва коркарди маълумоти калон бисёр вазифаҳои муқаррариро автоматӣ мекунанд ва ба ин васила самаранокӣ ва маҳсулнокӣ зиёд мешаванд. Ин технологияҳо дар равандҳои пешгӯӣ, банақшагирӣ ва назорат мустаҳкам шуда, барои модели иқтисодии рақамӣ асос гузоштанд» [6, 33].

Айни замон ташкилотҳои қарзӣ ҳар гуна чатботҳо ва инчунин, зеҳни сунъиро низ истифода мебаранд ки дар маҷмуъ, истифодабарии замимабарномаро осон мекунад. «Технологияҳои зеҳни сунъӣ дар доираи васеи бахшҳои иқтисоди рақамӣ талаботи зиёд доранд. Яке аз омилҳои асосие, ки истифодаи ҳамаҷонибаи амалии онҳоро бозмедорад, заминаи суст инкишофёфтаи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ мебошад. Бо вуҷуди ин, санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ хуб таҳияшудаи танзимкунанда сифати дилхоҳи татбиқи технология ва таъсири мувофиқи иқтисодиро таъмин мекунад» [4, 302]. Зеҳни сунъӣ дар бонкҳо акнун на танҳо як тамоюл, балки ёвари воқеӣ дар ҷаҳони молия мебошад. Он хавфҳоро пешгӯӣ мекунад, қарзҳоро дар дақиқаҳо кӯтоҳ тасдиқ мекунад ва медонад, ки кадом хизматрасониҳои бонкиро ба кӣ пешниҳод намояд. Ёвари овозӣ вақти хидматро кам мекунад. Даҳҳо муштариён бо саволҳои гуногун метавонанд дар хатти алоқа бошанд ва акнун онҳо набояд интизор шаванд, ки оператор дастрас шавад. «Зеҳни сунъӣ метавонад танҳо як қисми иқтисоди воқеӣ бошад, ки "дар дохили" маҳсулот ва молҳо мавҷуд аст, аммо иқтисоди рақамӣ берун аз иқтисоди воқеӣ, дар паҳлуи он ва аксар вақт ба туфайлӣ вуҷуд дорад. Зеҳни сунъӣ на танҳо таҳияи алгоритмҳои пешакӣ муайяншуда, балки сахтафзори мувофиқро низ дар назар дорад. Ин инчунин, омилест, ки зеҳни сунъиро ба иқтисоди воқеӣ муттаҳид мекунад» [3, 96].

Ин муҳим аст, вақте ки масалан, корт дуздида мешавад, зеҳни сунъӣ зуд муштариро муайян менамояд ва кортро дар сонияҳои кӯтоҳ блок мекунад. Чатботҳо ва ёварони овозӣ. Фардикунонии маҳсулот ва пешниҳодҳо, биометрия, шинохти тасвир дар баробари дигар чизҳо барои

шинохтани муштариён дар филиалҳо ва пешниҳоди пешниҳодҳои махсус ба онҳо истифода мешавад. Ёварони робот: ошкор кардани қаллобӣ; AML ва CCS; рейтингҳои қарзӣ; идоракунии хатарҳо; мутобиқат; коркарди ҳуҷҷатҳо.

«Дар раванди ҷаҳонишавӣ зеҳни сунъӣ ба суръати кайҳони пешрафта ва тадриҷан ба як ҷузъи ҳаёти мо табдил меёбанд: ёварони овозӣ, мошинҳои ҷавобӣ, суперкомпютерҳо, роботҳо ва ғайра. Бисёр равандҳо автоматӣ кунонда шуда, одамони дониши рақамӣ надошта аз кор маҳрум мешаванд. Марказҳои таҳқиқотӣ дар бисёр кишварҳо зеҳни сунъиро таҳия ва такмил медиҳанд. Зеҳни сунъӣ ба дараҷаи баланди рушд расида, талаботи бозори меҳнатро ҳангоми гузариш ба иқтисоди рақамӣ нисбати захираҳои инсонӣ тағйир медиҳад» [1, 42].

«Иқтисоди рақамӣ маҷмуи ҷараёнҳои иқтисодиест, ки хусусияти фаъолона истифода бурдани он бо мавҷудияти маълумоти рақамӣ, автоматӣ ва системаи коркарди автоматикунонидашуда, таҳлили ин маълумот бо мақсади баланд бардоштани самараи иқтисодӣ мебошад» [5, 93]. Воқеан ҳам, бо қабул гардидани Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи тадбирҳои вусъат додани ҳисоббаробаркунии ғайринақдӣ” дар маҷмуъ, ба раванди гузариш ба ҳисоббаробаркунии ғайринақдӣ ва ба иқтисоди рақамӣ як такони ҷиддие бахшид. Пас аз ба тасвиб расидани Фармони мазкур ба таври назаррас афзоиш ёфтани шумораи воситаҳои электронии пардохт–кортҳои пардохтӣ, ҳамёнҳои пардохтӣ, шумора ва ҳаҷми амалиёти ба таври ғайринақдӣ иҷро шуда, яъне, ки зиёдшавии пардохтҳои ғайринақдиро мо мушоҳида менамоем. Ҳамаи ин шаҳодат аз он медиҳад, ки мардум ин гуна воситаҳои пардохтиро хуб пазируфта, ҳарчи бештар истифода бурда истодаанд. Айни замон чи тавре ки қайд кардем, 10,4 миллион кортҳои пардохтӣ ба муомилот бароварда шудааст, ҳоло он ки аҳолии қобили меҳнат дар Ҷумҳури қариб 7 миллион аст. Дар баробари ин, 18 миллион замимабарномаҳои мобилӣ ба қайд гирифта шудаааст.

Ташкилотҳои қарзие, ки хизматрасониро тавассути замимабарномаҳои мобилӣ пешниҳод мекунанд, ба 29 адад расидаанд ва шумраи ҳамёнҳои электронӣ низ ба 29 адад расидааст. Ҳиссаи амалиёи ғайринақдӣ дар муомилоти пулии кишвар, ки яке аз нишондодҳои асоси мебошад, дар соли 2025 ба 29,4% расид. Дар баробари ин танҳо дар моҳи декабри соли 2025 қариб 38% амалиёт бо таври ғайринақдӣ пардохт шудаанд, ки барои муқоиса ин нишондиҳанда дар солҳои қаблӣ 10–15% ташкил мекард. Яъне, ҳиссаи амалиёти ғайринақдие, ки тавассути кортҳои пардохтӣ ва замимабарномаҳо иҷро мешаванд, ба маротиб афзоиш ёфтааст. «Истифодаи самараноки технологияҳои иттилоотӣ бояд бо созмондиҳии дуруст ва пешгӯиҳо ба нигоҳдории вазъи иқтисодӣ ва иҷтимоии кишвар

ҳамоҳанг карда шавад. Истифодаи техникаҳои муосир барои баланд бардоштани сифати идоракунии давлатӣ натанҳо як интихоби технологӣ, балки як қадами муҳим дар самти идоракунии муосир ва кумак ба равандҳои демократӣ мебошад» [7, 140].

Тамоми воситаҳои электронии пардохтӣ, чи кортҳои пардохтӣ ва чи ҳамёни электронӣ, умуман, хизматрасониҳои фосилавии бонкӣ тавассути шабакаи интернет фаъолият мекунанд ва сатҳу сифати он ба сатҳу сифати хизматрасонии бонкӣ таъсири хеле калон дорад. Дар ин бобат қайд кардан зарур аст, ки тибқи Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон вобаста ба тадбирҳои вусъат додани ҳисоббаробаркунии ғайринақдӣ, аз ҷумла хадамоти алоқа низ вазифадор гардидааст, ки шабакаи интернетро васеъ намуда, сатҳу сифати онро беҳтар кунад. Дар ин самт Бонки миллӣ низ тибқи нақша-чорабиниҳо доир ба татбиқи ҳамин Фармон дар ҳамдастӣ бо тамоми вазорату идораҳо, аз ҷумла бо хадамоти алоқа ҳамкории зичро ба роҳ монда, вобаста ба таъмини инфрасохтори пардохтӣ, аз ҷумла таъмини шабакаи интернет, зич бояд корбарӣ намоянд.

Ҳамин тариқ, рушди инфрасохтори амалиёти ғайринақдӣ амнияти амалиётро таъмин мекунад, яъне амалиёти дуздӣ ё гумшудани маблағро хеле кам мекунад, чунки ҳама пардохтҳо тавассути низомҳои бонкӣ мегузаранд ва онҳоро назорат ва дарёфт кардан мумкин аст. Афзалиятҳои дигари ба таври ғайринақдӣ пардохт кардан, саводнокии молиявии шаҳрвандонро баланд мебардорад. Густариши низоми ҳисоббаробаркунии ғайринақдӣ яке аз омилҳои рушди босуботи иқтисодиёти миллӣ ва низоми молиявии мамлакат маҳсуб ёфта, барои таъмини шаффофияти амалиёти молиявӣ, ғанӣ гардонидани буҷети давлат, пешгирии омилҳои коррупсионӣ ва коҳиши таъсири омилҳои инсонӣ нақши бениҳоят муҳим дорад.

**Адабиёт**

1. Киселева А. Функции менеджера в эпоху цифровой трансформации / А.Е.Киселева //Менеджер vs искусственный интеллект: вместо или вместе? Российский университет дружбы народов (РУДН). 2020. –С. 41-44.

2. Ҳамидов Э. Асосҳои консептуалии таъминоти иттилоотии идоракунии давлатӣ дар шароити муосир / Э.А. Ҳамидов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. — Душанбе, 2024, №12. – С. 138-143.

3. Конягиной А. Основы цифровой экономики / А.Н. Конягиной - Москва: Юрайт, 2021.-235ст. Уч. пособие.

4. Сергеев Л. Цифровой экономики / Л.И. Сергеев., А.Л. Юданова Москва: Юрайт, 2021.–331ст. Уч.пособие.

5. Шамсов И. Вусъатдиҳии рақамикунонии андоз дар самти рушди маъмурикунонии андоз/ И.С. Шамсов, А.Ф. Исматов// Паёми молия ва

иқтисоди Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон.–Душанбе, 2022. – №1 (30). –С. 91-97.

6. Сафаров Ф. Особенности формирования цифровой экономики в эпоху инновационной трансформации Таджикистана / Ф.Г. Сафаров // Вестник Таджикского национального университета. Серия социально-экономических и общественных наук. Душанбе,– 2025. –№11. –С.27-35.

7. Ҳамидов Э.А. Асосҳои консептуалии таъминоти иттилоотии идоракунии давлатӣ дар шароити муосир / Э.А. Ҳамидов // // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. – Душанбе, 2024. –№12. – С. 138-143.

8. Хоҷаев П. Рушди институти соҳибкории инноватсионӣ дар шароити рақамикунонии муносибатҳои иҷтимоию иқтисодӣ / П.Д. Хоҷаев, А.С. Ҳоҷиев // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. — Душанбе, 2025. №4. – С. 203-209.

9. Шамсов И. Ҳукумати электронӣ дар раванди рушди ҷомеаи иттилоотӣ / И.С. Шамсов. // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ.—Душанбе, 2016. –№2/2 (197). –С. 33-37.

10. Имомов М. Иқтисоди рақамӣ ҳамчун модели нави иқтисодӣ: ҷанбаҳои назариявӣ ва имкониятҳои рушд / М.Қ. Имомов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. – 2024. –№5. –С.125-132.

11. Прохоров А. Цифровая трансформация. Анализ, тренды, мировой опыт / А. Прохоров, Л. Коник. Москва: ООО «Альянс Принт», 2019. –370 ст. Уч.пособие.

12. Собирзода Н. Тараққиёти низоми пардохт дар шароити рақамикунонии иқтисоди миллӣ / Н.М.Собирзода, И.М.Ҳалимов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. – 2023. -№9. –С.13-22.

13. Шариф Раҳимзода. Таҳлил ва баҳодиҳии навовариҳои электронӣ дар шароити рақамикунонии иқтисодиёт / Шариф Раҳимзода, Ҷ.Р.Сандалов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. – 2024. –№11. –С.130-137.

14. Муродов И. Рақамикунонии истеҳсолоти саноатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон: ҳадафҳо, омилҳо ва имкониятҳои рушд / И.Р. Муродов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. – 2025. –№3. –С.186-195.

15. Ҷуразода Х. Рақамикунонӣ ва рушди устувори соҳибкории хурд ва миёна: мушкилот ва имкониятҳои муосир / Ҷуразода Х.Ҳ // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. – 2025. –№6. –С.144-153.

# РАЗВИТИЕ ИНФРАСТРУКТУРЫ БЕЗНАЛИЧНЫХ ТРАНЗАКЦИЙ В КОНТЕКСТЕ ПЕРЕХОДА К ЦИФРОВОЙ ЭКОНОМИКЕ

**ШАМСЗОДА ИЛЁСДЖОН САФАР,**
*д.э.н., профессор, старший научный сотрудник*
*Научно-исследовательского института финансов*
*734025, Таджикистан, город Душанбе, ул. Шероз 35;*
*тел.: 918-78-89-38; e-mail: shamsov1976@mail.ru*

*В данной статье анализируется и рассматривается важность развития инфраструктуры безналичных транзакций в контексте перехода к цифровой экономике. Действительно, в последние годы в связи с цифровизацией экономики Правительство страны уделяет особое внимание переходу к безналичным расчетам. Также в 2023 году был принят указ Главы государства о мерах по расширению безналичных расчетов. В этом направлении НБТ совместно с кредитными учреждениями принимает все необходимые меры и создает условия для безналичной, простой и доступной оплаты услуг в частном и государственном секторах. В настоящее время существует множество возможностей, предоставляемых кредитными учреждениями, дистанционными банковскими услугами, такими как платежные карты, мобильные приложения, интернет-банкинг, прием платежей через терминалы PS и QR-коды, где граждане могут совершать безналичные платежи онлайн, то есть в режиме реального времени.*

***Ключевые слова****: платежные карты, кредитные учреждения, финансовые инновации, технологии искусственного интеллекта, безналичные платежи, цифровая экономика, интернет-банкинг, автоматизация, цифровые технологии, QR-коды, мобильные приложения, цифровые экосистемы.*

# DEVELOPMENT OF NON-CASH TRANSACTIONS INFRASTRUCTURE IN THE CONTEXT OF TRANSITION TO THE DIGITAL ECONOMY

**SHAMSZODA ILYASJON SAFAR,**
Doctor of Economic Sciences, Professor, Senior Researcher at the Research Institute of Finance
*734025, Tajikistan, Dushanbe city, Sheroz str. 35;*
*phone.: 918-78-89-38; e-mail: shamsov1976@mail.ru*

*This article analyzes and considers the importance of developing the infrastructure of non-cash transactions in the context of the transition to a*

*digital economy. Indeed, in recent years, in connection with the digitalization of the economy, the government of the country has attached particular importance to the transition to non-cash settlements. Also, in 2023, a decree of the Head of State was adopted on measures to expand non-cash settlements. In this direction, the NBT, together with credit institutions, is taking all necessary measures and creating conditions for non-cash, easy and affordable payment for services in the private and public sectors. Currently, there are many opportunities provided by credit institutions, remote banking services such as payment cards, mobile applications, internet banking, accepting payments via PS terminals and QR codes, where citizens can make non-cash payments online, that is, in real-time.*

***Keywords:*** *payment cards, credit institutions, financial innovations, artificial intelligence technologies, non-cash payments, digital economy, internet banking, automation, digital technologies, QR codes, mobile applications, digital ecosystems.*

УДК: 331.2:331.101.6(575.3)

# РОБИТАИ БАЙНИ МУЗДИ МЕҲНАТ ВА ҲОСИЛНОКИИ МЕҲНАТ ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ДАР РАВАНДИ РУШДИ ШУҒЛИ ПУРМАҲСУЛ

**ҶУРАХОНЗОДА САОДАТ ҶУРАХОН,**
номзади илмҳои иқтисодӣ, муовини директори Маркази тадқиқоти стратегии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон
734025, Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, кӯчаи Шоҳтемур 27;
тел. 992 (372) 227-15-83; e-mail: s.mutieva@mail.ru

**НАСРИДДИНОВ ФИРДАВС ИНОЯТОВИЧ,**
ходими илмии шуъбаи меъёрбандӣ ва музди меҳнати Муассисаи давлатии “Пажуҳишгоҳи меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолӣ”-и Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон
734026, Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, кӯчаи Борбад 71;
тел.: 992 (372) 239-18-38; e-mail: firdavsi.tj@mail.ru

*Дар ин мақола асосан масъалаи зиёдкунии андозаи ҳадди ақалли музди меҳнат ва музди меҳнати кормандони соҳаҳои буҷетӣ баррасӣ гардида, ҳамзамон, ҷой доштани фарқи музди меҳнати кормандони соҳаи маориф ва илм таҳлил карда шудааст. Дар заминаи таҳлили мазкур, муаллифон зарурати таҳияи нақшаи нави музди меҳнат дар асоси ҷадвали ягонаи тарифӣ барои кормандони соҳаи илм (пажуҳишгоҳҳои соҳавӣ, академияҳо ва институтҳои назди академияҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон)-ро ба миён мегузоранд. Ғайр аз ин, таҳия ва тасдиқ намудани “Маълумотномаи ягонаи тарифӣ–тахассусии корҳо ва касбҳои коргарон”-ро зарур мешуморанд, зеро музди меҳнат маҳз дар заминаи маълумотномаи мазкур бояд муайян карда шавад. Ҳамчунин, барои таҳлили амиқи масъалаи мазкур хароҷоти воқеии хонавода ба таври қиёс бо музди меҳнати ходими хурди илмӣ ба ҳисоб гирифта шудааст.*

*Муаллифон дар мақолаи худ роҳҳои ҳалли мушкилоти мавҷударо тавассути такмил додан ва қабул намудани санадҳои нави меъёрии ҳуқуқии танзимкунандаи соҳаи меҳнат пешниҳод менамоянд.*

***Калидвожаҳо:*** *ҳадди ақалли музди меҳнат, ҷадвали ягонаи тарифӣ, музди меҳнат, маълумотномаи касбҳо, сабади истеъмолӣ, индексатсияи музди меҳнат ва ғайра.*

## Вазъи музди меҳнат

Масъалаи ба танзим даровардани музди меҳнат дар ҷомеа яке аз масоили муҳимми мубрам маҳсуб ёфта, пардохти одилонаи онро Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба танзим медарорад. Моддаи 141-и

Кодекси меҳнат муқаррар кардааст, ки “музди меҳнати кормандон вобаста ба мушкилии иҷрои кор ва дар асоси тарифкунонии онҳо муайян карда мешавад. Тарифкунонии кор ва ба кормандон додани дараҷаҳои тарифӣ аз рӯйи “Маълумотномаи ягонаи тарифию тахассусии кор ва касби кормандон” сурат мегирад”. Аммо, мутаассифона, Ҷумҳурии Тоҷикистон то ҳол “Маълумотномаи ягонаи тарифӣ–тахассусии корҳо ва касбҳои коргарон”-и маҳсули замони давраи Иттиҳоди Шуравиро мавриди истифодабарӣ қарор медиҳад, ки он ба талаботи кунунии бозори меҳнат мутобиқ набуда, касбу ихтисосҳои нави ба вуҷуд омадаро ба инобат намегирад.

Дар раванди ташаккулёбӣ ва танзими муносибатҳои меҳнатӣ яке аз проблемаҳои асосӣ дуруст муқаррар андозаи музди меҳнат вобаста ба ихтисосу вазифаи ишғолнамудаи корманд ва андозаи ҳадди ақалли музди меҳнат маҳсуб меёбад.

Ҳадди ақалли музди меҳнат барои муқаррар намудани сатҳи тарифҳои давлатӣ дар соҳаи пардохти музди меҳнат, ки бо баландшавии андозаи ҳадди ақалли музди меҳнат тағйир меёбад, чун асос хизмат мекунад. Аз соли 2006 то ба ҳол андозаи ҳадди ақалли музди меҳнат дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мунтазам дар афзоиш аст.




**Диограмма 1. Ҳадди ақалли музди меҳнат**

Зиёдшавии андозаи ҳадди ақалли музди меҳнат шуруъ аз соли 2006: 66 дарсад (фоиз) соли 2006; се баробар соли 2007; 33 дарсад соли 2008; 2,5 мароиба соли 2012; 25 дарсад соли 2013; 60 дарсад соли 2016; 50 маротиба соли 2022; 60 дарсад соли 2025 ва 30 дарсад соли 2026. Дар маҷмуъ, ҳадди ақалли музди меҳнат дар бист сол аз 20 сомонии соли 2006 то ба 1300 сомонии соли 2026 баланд гардида, ки он бо ҳисоби миёна 65 маротиба афзудааст.

Дарчаш ба маврид аст, ки аз соли 2006 ин ҷониб ҳиссаи зиёдшавии ҳадди ақалли музди меҳнат нисбат ба музди меҳнати кормандони соҳаҳои буҷетӣ ба маротиб афзоиш ёфтааст.




**Диограмма 2. Зиёдшавии андозаи ҳадди ақалли музди меҳнат ва музди меҳнати кормандони соҳаҳои буҷетӣ.**

Масалан, зиёдшавии ҳадди ақалли музди меҳнат дар соли 2007-ум 300 дарсадро  ташкил дода бошад, пас музди меҳнати кормандони соҳаҳои буҷетӣ бошад, бо ҳисоби миёна 15 дарсад. Ё худ  дар соли 2012 андозаи ҳадди ақалли музди меҳнат 250 дарсад зиёд шуда бошад, музди меҳнат бо ҳисоби миёна 45 дарсад, дар соли 2022 андозаи ҳадди ақалли музди меҳнат 200 дарсад ва музди меҳнат бо ҳисоби миёна 21 дарсадро ташкил намуд. Чунин зиёдшавии ҳадди ақалли музди меҳнат амалан ба баробарҳакдиҳӣ оварда расонид  ва кормандон новобаста ба маълумот, тахассус, вазифаи ишғолнамуда, мураккабӣ ва ҳаҷми корҳои анҷомдода музди меҳнати якхела (наздик ба ҳадди ақал) мегирифтагӣ шуданд.

Яке аз сабабҳои асосии дар сатҳи паст боқӣ мондани андозаи музди меҳнат дар он аст, ки новобаста ба боло бурдани ҳадди ақалли музди меҳнат дар муқоиса ба музди меҳнати кормандони соҳаҳои буҷетӣ хеле камтар буд ва номутаносибии музди меҳнат ҷой дошт. Бояд тазаккур дод, ки чунин вазъ дар муқаррар намудани маоши вазифавии кормандони соҳаҳои буҷетӣ хосатан ба назар мерасид.

Бо дарназардошти чунин номутаносибӣ дар рушди ин ду ҷанбаи музди меҳнат, пешниҳод мегардад, ки минбаъд зимни боло бурдани сатҳи ҳадди ақалли музди меҳнат, андозаи музди меҳнати кормандони соҳаҳои буҷетӣ низ бояд мутаносибан зиёд карда шавад.

Дар раванди таҳлили соли 2026 анҷом додашуда ошкор гардид, ки дар муассисаҳои таҳсилоти томактабӣ ва миёнаи умумӣ (аз ҷумла мактаб интернатҳо, гимназия, литсейҳо) аз 1 сентябри соли 2025 нобаробарии муайян дар пардохти музди меҳнати кормандон вуҷуд доштааст.

**Ҷадвали 1. Фарқи музди меҳнати муассисаҳои таҳсилоти томактабӣ**

| Номгӯйи вазифаҳо | Бо назардошти шумораи хонандагон (нафар) | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | то 100 | аз 101 то 280 | аз 281 то 400 | аз 401 то 880 | аз 881 то 160 | аз 1600 то 2500 | зиёда аз 2500 |
| Директор | 1803 | 1889 | 1989 | 2197 | 2393 | 2699 | 2972 |
| Ҷонишини директор оид ба корҳои таълимӣ ва тарбия | 1602 | 1702 | 1803 | 1989 | 2197 | 2393 | 2634 |
| Дигар ҷонишинони директор | 1498 | 1602 | 1702 | 1889 | 1989 | 2292 | 2519 |

**ва миёнаи умумӣ (аз ҷумла мактаб интернатҳо, гимназия, литсейҳо)**

| Номгӯйи вазифаҳо | Таҳсилоти миёнаи касбӣ | Таҳсилоти миёнаи касбӣ ва дараҷаи 2 | Таҳсилоти миёнаи касбӣ ва дараҷаи 1 | Таҳсилоти олии касбӣ | Таҳсилоти олии касбӣ ва дараҷаи 2 | Таҳсилоти олии касбӣ ва дараҷаи 2 | Таҳсилоти олии касбӣ ва дараҷаи олӣ |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| - омӯзгорони синфҳои ибтидоии ҳамагуна ихтисос (синфҳои аз 1 то 4); -мураббиён ва омӯзгорони муассисаҳои томактабӣ; - мураббиёни мактаб – интернатҳо | 1702 | 1803 | 1889 | 1989 | 2197 | 2393 | 2699 |
| - омӯзгорони синфҳои болоии ҳамагуна ихтисос (синфҳои аз 5 то 11); - омӯзгорони муассисаҳои таҳсилоти ибтидоии касбӣ ва устоҳои таълимӣ | 1602 | 1712 | 1803 | 1889 | 2094 | 2197 | 2479 |
| Ҳайати фаррош | 1000 | 1000 | 1000 | 1000 | 1000 | 1000 | 1000 |

Аз ҷадвалҳои дар боло овардашуда бармеояд, ки айни ҳол музди меҳнати омӯзгорон бо музди меҳнати муовини директор оид ба илм баробар буда, аз музди меҳнати дигар муовинони директор ҳатто зиёд муқаррар карда шудааст. Масалан, дигар муовини директор (то 100 нафар) 1498 сомонӣ бошад, музди меҳнати омӯзгорон 1702 ё худ 1602 сомонӣ фарқ 204 то 104 сомонӣ. Ё худ музди меҳнати омӯзгор 1602 сомонӣ буда, музди меҳнати фаррош 1000 сомонӣ, фарқ ҳамагӣ 602 сомониро ташкил медиҳад. Вобаста ба вазифа, сатҳи маълумот, тахассус, салоҳиятнокӣ, ҳаҷми корҳои иҷрошуда фарқ дар муқаррарнамоии байни маоши вазифавӣ бояд пешбинӣ карда шавад.

Дигар масъалаи рӯзмарра ин номутаносибӣ дар муқаррар намудани маоши вазифавии кормандони Пажуҳишгоҳи меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад.

**Ҷадвали 2. Маоши вазифавии кормандони Пажуҳишгоҳ**

| | Номгӯйи вазифаҳо | Музди меҳнат |
|---|---|---|
| **1.** | Директор | 3648 |
| **2.** | Муовини аввали директор | 2760 |
| **3.** | Муовини директор оид ба масъалаҳои умумӣ | 2269 |
| **4.** | Сармуҳосиб | 2760 |
| **5.** | Иқтисодчии пешбар | 1874 |
| **6.** | Мудири шуъба | 2760 |
| **7.** | Сарходими илмӣ | 2760 |
| **8.** | Ходими калони илмӣ | 2071 |
| **9.** | Ходими илмӣ | 1572 |
| **10** | Ходими хурди илмӣ | 1380 |
| **11.** | Мудири хоҷагӣ | 1284 |
| **12.** | Техники касбҳои умумӣ | 1284 |
| ***Ҳайати хизматрасон*** | | |
| **13.** | Фаррош | 1280 |
| **14.** | Ронанда | 1280 |

Айни ҳол музди меҳнати муовини аввали директор, сармуҳосиб, мудири шуъба ва сарходими илмӣ дар як сатҳ қарор доранд 2760 сомонӣ. Ин иқдом беадолатии иҷтимоиро дар муқарраркунии маоши вазифавӣ ба миён меорад. Ҳамзамон, фарқ байни маоши вазифавии мудири хоҷагӣ, техникаи касбҳои умумӣ ва ҳайати хизматрасон дида намешавад. Фарқи музди меҳнати ходимони хурди илмӣ бо ҳайати хизматрасон ҳамагӣ 100 сомониро ташкил медиҳад. Сатҳи пасти музди меҳнат ва номутаносибӣ дар байни маошҳои вазифавии кормандони илмӣ ва ҳайати хизматрасон, ба сифати корҳои илмию омӯзгорӣ таъсири манфӣ мерасонанд. Мутобиқи талаботи “Маълумотномаи ягонаи тарифию тахассусии кор ва касби кормандон” ҳатто байни касбу ихтисосҳои ҳайати хизматрасон–фаррош, посбон, боғбон, ронанда дар муқарраркунии маоши вазифавӣ бояд фарқ вуҷуд дошта бошад. Дар пажуҳишгоҳ бошад, дар як сатҳ қарор дорад. Маълумотномаи номбурдаро натанҳо идораҳои давлатӣ, балки тамоми корхонаву идораҳо, новобаста аз шакли моликиятдориашон, бояд мавриди истифода қарор диҳанд.

Зарурати таҳия ва тасдиқ намудани “Маълумотномаи корҳо ва касбҳои коргарон аз рӯйи соҳаҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон” аз он низ бармеояд, ки ҳар як касб бояд дар алоҳидагӣ вобаста ба хусусияти кор, уҳдадории вазифавии корманд, уҳдадории корфармо, талаботи тахассусӣ ба инобат гирифта шуда дараҷабандӣ карда мешаванд. Дар заминаи ин санади муҳим музди меҳнати кормандони тамоми соҳаҳо новобаста аз шакли моликият бояд дар асоси ҷадвали ягонаи тарифӣ ба танзим даровarда шавад. Минбаъд бе таҳия ва тасдиқ намудани маълумотномаи мазкур ба танзим даровардани масъалаи меҳнатӣ дар ҷумҳурӣ ғайриимкон мебошад.

Зарурати таҳия ва тасдиқи маълумотномаи мазкур дар санадҳои меъёрии ҳуқуқии зерин пешбинӣ шудааст:

–моддаи 141-и Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон “Мушкилоти иҷрои кор дар асоси тарифкунонии онҳо муайян карда мешавад. Тарифкунонии кор ва ба кормандон додани дараҷаҳои тарифӣ аз рӯйи “Маълумотномаи ягонаи тарифию тахассусии кор ва касби кормандон” ва “Маълумотномаи ягонаи тахассусии мансабҳои роҳбарон, мутахассисон ва хизматчиёни давлатӣ” сурат мегиранд, ки онҳоро Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ мекунад”;

–моддаи 12, банди 2-и Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи тайёр намудани мутахассисон бо дарназардошти талаботи бозори меҳнат» аз 29 январи соли 2021, №1761.

**Сатҳи зиндагӣ**

Мутаассифона, бар асари ислоҳот ва таҷрибаҳо дар раванди гузариш ба муносибатҳои бозорӣ, музди меҳнат дар аксари ҷумҳуриҳои пасошуравӣ амалан вазифаҳои такрористеҳсолкунӣ, ҳавасмандсозанда, танзимкунанда ва иҷтимоии худро аз даст дод. Он беш аз пеш нақши кумакрасонии иҷтимоиро иҷро намуда, бевосита аз соҳаи муносибатҳои меҳнатӣ босуръат ҷудо мегардад.

Бояд тазаккур дод, ки ба ҳолати 1 январи соли 2025 арзиши сабади истеъмолӣ бо ҳисоби миёна ба ҳар сари аҳолӣ 1247,96 сомониро дар як моҳ ташкил дод. Теъдоди миёнаи аҳли хонавода бошад, дар Тоҷикистон тибқи барӯйхатгирии аҳолии соли 2010-ум 6,6 нафар мебошад. Пас, барои қонеъ гардонидани талаботи аҳли хонавода, даромади хонавода бояд на камтар (андозаи сабади истеъмолӣ 1247 сомонӣ x 6 нафар = 7482 сомонӣ) аз 7482 сомониро дар як моҳ ташкил диҳад. Агар музди меҳнати ходими хурди илмӣ 1380 сомониро ташкил диҳад, пас он ба 110 дарсади арзиши сабади истеъмолӣ рост меояд (барои як нафар узви оила).

Ҳамасола буҷети 3000 хонаводаҳо (1286 дар шаҳр ва 1714 дар деҳа) аз ҷониби Агентии омори назди Пезиденти Ҷумҳурии Тоҷикистон мавриди таҳқиқ қарор дода мешавад, ки даромади хонаводаҳо [1] дар соли 2024 бо ҳисоби миёна 1110,42 сомонӣ ва хароҷот бошад, 1108,16 сомониро ташкил намуд. Аз он: маҳсулоти озуқаворӣ–570 сомонӣ (51 дарсад); молҳои ғайриозуқаворӣ 395,63 сомонӣ (35,6 дарсад); хизматрасонӣ 135,60 сомонӣ (12,2 дарсад) рост меояд. Дар сурате, ки хароҷоти хонаводаро агар воқеабинона таҳлил намоем, нишондиҳанда чунин бармеояд:

***Ҳаққи пардохти хизматрасонии коммуналӣ (аз 458 то 588 сомонӣ):***

– барои рӯбучини назди хона ва партовҳо барои 6 нафар [2] бо ҳисоби миёна 120 сомонӣ;

–ҳаққи оби гарм бо ҳисоби миёна аз 90 то 120 сомонӣ;

– хизматрасонии оби хунук барои як оила 168 сомонӣ (28 сомонӣ х 6 нафар) [3];

– ҳаққи пардохти қувваи барқ бо ҳисоби миёна аз 200 то 300 сомонӣ.

***Ҳаққи таҳсил*** (аз 580 то 700 сомонӣ) дар оила як донишҷӯй бошад, ҳаққи таҳсил 6000 сомонӣ солона, яъне, 600 сомонӣ зам мешавад. Ҳолатҳое ҳам ҷой доранд, ки дар баъзе аз муассисаҳои таҳсилоти ҳамагонӣ ҳаққи таълим моҳона аз 50 то 100 сомонӣ ситонида мешаванд.

***Ҳаққи табобат*** (аз 60 то 200 сомонӣ) нархи хизматрасонии тиббӣ ва харидани доруворӣ барои аъзои оила дар як моҳ бо ҳисоби миёна аз 60 то 200 сомониро ташкил медиҳад, ин дар сурате, ки агар бемории вазнин ё дарозмуддат набошад.

Хулоса ҳамагӣ барои оилае, ки аз 6 нафар иборат аст, хароҷот ба ҳисоби миёна 1488 сомонӣ (248 сомонӣ барои як нафар) дар як моҳ ташкил медиҳад.

Тавре аз таҳлилҳо бармеояд, бо сабаби паст будани андозаи музди меҳнат, олимону мутахассисони варзидаи салоҳиятнок ба кишварҳои хориҷи дур ва наздик кӯч баста истодаанд. Бояд барои аз даст надодани шахсони боистеъдод ва ҳимояи “мағзҳо”-и миллат тадбирҳо андешида шаванд. Ғайр аз ин, тибқи маълумоти омори Ӯзбекистон дар соли 2025 беш аз 80 ҳазор нафар шаҳрвандони Тоҷикистон барои табобат ба Узбекистон рафтанд [4]. Ба ҳисоби миёна дар сурате, ки агар ҳар муштарӣ дар соли гузашта 500 доллар дар ин кишвар масраф карда бошад, пас ба Узбекистон 40 миллион доллар ворид гардидааст.

Норасоии мутахассисони салоҳиятнок дар бозори дохилии кишвар барои ҷорӣ намудани технологияи замонавӣ аз ҷониби корфармоён ба назар мерасад.

*Баҳри бартараф намудани камбудиҳои ҷойдошта пешниҳодҳои зеринро манзур менамоем:*

– бо дарназардошти чунин номутаносибӣ дар рушди ин ду ҷанбаи музди меҳнат, пешниҳод мегардад, ки минбаъд зимни боло бурдани сатҳи ҳадди ақалли музди меҳнат андозаи музди меҳнати кормандони соҳаҳои буҷетӣ низ бояд мутаносибан зиёд карда шавад;

– дар асоси ҷадвали ягонаи тарифӣ нақшаи нави музди меҳнат барои кормандони пажӯҳишгоҳҳои соҳавӣ, институтҳои назди академияҳо ва Академияи милли илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Академияи кишоварзии Тоҷикистон бояд таҳия карда шавад;

–омода намудани “Маълумотномаи ягонаи тарифию тахассусии кор ва касби кормандон”, ки зарурати таҳияи он аз қонунгузории амалкунунда бармеояд;

– татбиқи механизми индексатсияи музди меҳнат ҳамчун воситаи муҳофизат аз таваррум.

**Адабиёт**

1. “Таҳқиқоти буҷети хонаводаҳо дар соли 2025”
2. Тибқи барӯйхатгирии аҳолӣ дар соли 2010 теъдоди аъзои оила бо ҳисоби миёна 6,6 нафар.
3. “Беш аз 28 сомонӣ сари кас. нархномаи хизматрасонии оби нӯшокӣ гарон шуд” https://dialog.tj/tj/new87952/
4. Ба Узбекистон бештар аз ҳама барои табобат тоҷикистониҳо рафтаанд https://sputnik.tj/20260113/uzbekiston-tabobat-tojikistoniho-1074472933.html

# ВЗАИМОСВЯЗЬ ЗАРАБОТНОЙ ПЛАТЫ И ПРОИЗВОДИТЕЛЬНОСТИ ТРУДА В РЕСПУБЛИКЕ ТАДЖИКИСТАНЕ В ПРОЦЕССЕ РАЗВИТИЯ ПРОДУКТИВНОЙ ЗАНЯТОСТИ

**ДЖУРАХОНЗОДА САОДАТ ДЖУРАХОН,**
кандидат экономических наук, заместитель директора Центра стратегических исследований при Президенте Республики Таджикистан,
734025, Таджикистан, г.Душанбе, улица Шотемур 27;
тел. 992 (372) 2-27-15-83; e-mail: s.mutieva@mail.ru

**НАСРИДДИНОВ ФИРДАВС ИНОЯТОВИЧ,**
научный сотрудник отдела нормирования и оплаты труда Государственного учреждения «Научно-исследовательский институт труда, миграции и занятости населения»
734026, Таджикистан, город Душанбе, улица Борбад 71;
тел. 992 (372) 239-18-38; e-mail:firdavsi.tj@mail.ru

*В статье рассматривается повышение уровня минимальной заработной платы и заработной платы работников бюджетных отраслей, а также анализируются дипрапорции заработной платы между сотрудниками сферы образования и науки.*

*На основе данного анализа, автор предлогает разработать «Единую тарифную сетку для сферы науки», в которую входят отраслевые институты, институты Академии наук и сельского хозяйства, управления Академии наук Республики Таджикистан и Академии наук сельского хозяйства Таджикистана. В следствие чего, автор указывает необходимость разработки утверждения «Единого тарифного справочника–квалификация для профессий и специальностей работников». Поскольку заработная плата именно на основе данного справочника должна опредиляться. В данной статье проводится сравнение реального*

*расхода домохозяйств с заработной платой младшего научного сотрудника.*

*Автор предлагает решение существующих проблем путем совершенствования и принятия нормативно-правовых актов, регулирующих трудовой сектор.*

***Ключевые слова:*** *минимальная оплата труда, единая тарифная сетка, заработная плата, справочник профессий, потребительская корзина, индексатсия заработной платы и т.д.*

## THE RELATIONSHIP BETWEEN WAGES AND LABOR PRODUCTIVITY IN THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN IN THE PROCESS OF DEVELOPING PRODUCTIVE EMPLOYMENT

**JURAKHONZODA SAODAT JURAKHON**
Candidate of Economic Sciences, Deputy Director of the Center for Strategic Research under the President of the Republic of Tajikistan
734025, Tajikistan, Dushanbe city, Shotemur str. 27;
phone.: +992 (372) 2-27-15-83; e-mail: s.mutieva@mail.ru

**NASRIDDINOV FIRDAVS INOYTOVICH**
Senior Researcher at the Department of Rationing and Remuneration, State Institution "Scientific Research Institute of Labor, Migration and Employment of the Population"
734026, Tajikistan, Dushanbe city, Borbad str. 71;
phone.: +992 (372) 239-18-38; e-mail: firdavsi.tj@mail.ru

*The article discusses the increase in the minimum wage and the wages of workers in budget-funded sectors, as well as analyzes salary disparities between employees in the fields of education and science. Based on this analysis, the author proposes the need to develop a 'Unified Tariff Scale for the Science Sector,' which would include sectoral institutes, institutes of the Academy of Sciences and agriculture, the administration of the Academy of Sciences of the Republic of Tajikistan, and the Academy of Agricultural Sciences of Tajikistan. As a result, it is considered necessary to develop and approve a 'Unified Tariff Guide – Qualification for Professions and Specialties of Workers,' since salaries should be determined based on this guide. The article compares the real household expenses with the salary of a junior research associate. The author suggests solving existing problems by improving and adopting normative legal acts regulating the labor sector.*

***Keywords:*** *minimum wage, unified tariff scale, salary, occupational directory, consumer basket, wage indexation, ETC.*

УДК 330(575.3)

# МУНОСИБАТҲОИ МОЛИКИЯТИ ЗЕҲНӢ ДАР ШАРОИТИ ИҚТИСОДИЁТИ РАҚАМӢ

**ГУЛОВ ШЕРАЛӢ МАҲМАДСАИДОВИЧ,**
номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент, мудири кафедраи андоз ва андозбандии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон
734025, Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 17;
телефон: (+992) 935-82-90-91; e-mail: sherali-2101@mail.ru.

**ҶОНАЛОЕВ МУСТАФО САЙФУЛЛОЕВИЧ,**
номзади илмҳои иқтисодӣ, мудири кафедраи назарияи иқтисодии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон
734025, Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, хиёбони Рудакӣ 17;
телефон: (+992) 918-66-18-55

*Дар мақола аҳаммият ва хусусиятҳои моликияти зеҳнӣ дар шароити муосир ва нақши онҳо дар раванди рушди иқтисодиёти инноватсонӣ шарҳ дода шудааст. Мафҳуми моликияти зеҳнӣ вобаста ба рушди иқтисодиёти рақамӣ шарҳ дода шуда, нақши он дар таъмини фаъолияти инноватсионӣ оварда шудааast.Назарияҳои гуногуни мактабҳои иқтисодӣ вобаста ба нақши инноватсия ва муносибатҳои моликияти зеҳнию объктҳои моликияти зеҳнӣ мавриди таҳлил қарор гирифта, идоракунии он ва алоқамандии он дар шароити ҷаҳонишавии иқтисодиёт таҳлил шудааст. Инчунин, хусусиятҳои рушди моликияти зеҳнӣ дар шароити имрӯза оварда шуда, тартиби ҳимояи натиҷаҳои фаъолияти зеҳнӣ ва ҳифзи моликияти зеҳнӣ дарҷ гардидааст. Аҳаммияти моликияти зеҳнӣ ҳамчун категорияи иқтисодӣ таҳлил гардида, имкониятҳои гирифтани даромад ва фоида аз объектҳои моликияти зеҳнӣ баҳо дода шудааст. Санадҳои меъёрии ҳуқуқии ҳифзи объектҳои моликияти зеҳнӣ ва усулҳои ҳифзи объектҳои моликияти зеҳнӣ мавриди таҳлил ва арзёбӣ қарор дода шудааст. Ҳамчунин, вазифаҳои Муассисаи давлатии "Маркази миллии патенту иттилоот"-и Вазорати рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон оварда шуда, тартиби ба қайд гирифтани натиҷаҳои фаъолияти зеҳнӣ ва мушкилоти дар ин самт мавҷуда мавриди баррасӣ гардидааст.*

***Калидвожаҳо:*** *моликияти зеҳнӣ, патент, ҳуқуқи муаллифӣ, рушди иқтисодӣ, фаъолияти соҳибкорӣ, молия, инноватсия, даромадҳои буҷети давлатӣ, хароҷоти буҷети давлатӣ, маҷмуи маҳсулоти дохилӣ, иқтисоди бозорӣ.*

Имрӯзҳо дар тамоми самтҳои фаъолияти инсон технологияи комютерӣ ва рақамӣ ба таврӣ пурра истифода мегардад. Соҳаҳои

иқтисодиёт ва муносибатҳои байни субъектҳои иқтисодиро бе технологияи иттилоотӣ тасаввур намудан ғайриимкон аст. Рӯз то рӯз дар тамоми ҳаёти иқтисодиёти ҷомеа истифодаи технологияи иттилоотӣ ногузир гардидааст.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон вобаста ба рушди иқтисоди рақамӣ як қатор тадбирҳо амалӣ гардида истодаанд. Имрӯзҳо тамоми соҳаҳои иқтисоди миллӣ дар асоси истифодаи технологияи иттилоотӣ фаъолияти худро дар шакли рақамӣ ба роҳ монда, як қатор хизматрасониҳои давлатӣ низ дар шакли электронӣ роҳандозӣ гардидаанд.

Рақамикунонии иқтисодиёт ҳамеша дар меҳвари таваҷҷуҳи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон қарор дошта, Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паёми навбатии худ ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон қайд намуданд, ки “имрӯз Тоҷикистон дар ҷодаи гузариш ба рақамикунонии соҳаҳои иқтисоди миллӣ ҷиҳати таъмин намудани шаффофияти муносибатҳои иқтисодиву молиявӣ қадамҳои устувор гузошта истодааст ва татбиқи саривақтии ташаббуси мазкур имкон медиҳад, ки дар панҷсолаи минбаъда ба раванди мазкур вусъат бахшида шуда, заминаҳои ҳуқуқӣ такмил ёбад ва санадҳои дахлдор дар самти гузариш ба иқтисоди рақамӣ қабулу амалӣ карда шаванд”[12].

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва тамоми кишварҳои дунё иқтисоди рақамӣ яке аз самтҳои афзалиятноки рушди тамоми соҳаҳо ба шумор меравад. Иқтисодиёти рақамӣ ба рушди тамоми соҳаҳои иқтисоди миллӣ метавонад мусоидат намояд. Истифодаи самараноки он метавонад ҳосилнокии меҳнатро афзоиш дода, ба сатҳи зиндагии аҳолӣ низ таъсири мусбат расонад. Иқтисодиёти рақамӣ барои идоракунии давлатӣ, рақобатпазирии молу маҳсулот ва беҳтар гардидании хизматрасониҳои давлатию шаффофияти онҳо таъсиргузор бошад.

Иқтисоди рақамӣ имкон медиҳад, ки тавассути технологияи ҳозиразамон фаъолияти соҳаҳои гуногуни иқтисодӣ ба роҳ монда шуда, самаранокӣ ва шафоффияти онҳоро таъмин намояд. Дар замони ҳозира рушди технологӣ ба он дараҷае расидааст, ки истеҳсолотро идора ва истеҳсоли молу маҳсулотро ба таври автоматӣ ба роҳ монда, сатҳи хизматрасониҳоро дар шакли фосилавӣ ва ба таври автоматӣ таъмин намояд.

Дар бештари давлатҳо иқтисоди рақамӣ ба рушди иқтисодӣ мусоидат намуда, ба сатҳи зиндагии аҳолӣ низ таъсири мусбат мерасонад. Дар баробари ин, иқтисоди рақамӣ метавонад ба натиҷаҳои фаъолияти зеҳнӣ ва ҳуқуқи истифодаи моликияти зеҳнӣ таъсири манфӣ дошта бошад. Дар ин шароит идоракунии моликияти зеҳнӣ низ аз ҷониби давлат бояд ба таври самаранок ба роҳ монда шуда, хусусиятҳои истифодаи ғайриқонунии он тавассути санадҳои меъёрии ҳуқуқии ба талаботи муосир ҷавобгӯ танзим

карда шавад. Дар шароити рушди иқтисоди рақамӣ яке аз масъалаҳои асосӣ ин ташкили шакли самаранокӣ ҳифзи ҳуқуқҳои моликияти зеҳнӣ, тиҷоратикунонии натиҷаҳои фаъолияти зеҳнӣ ва истифодаи дурусти моликияти зеҳнӣ ба шумор меравад.

Иқтисодиёти рақамӣ дар худ иттилооти афзуншаванда ва маълумоти дар шакли рақамӣ паҳншавандаи зиёдро таҷассум намуда, донишҳо, маълумотҳо ва навовариҳо дар шакли рақамию электронӣ паҳн мегарданд. Дар ин шароит нисбати дигар шаклҳои бозор, бозори вертуалӣ ва иттилоотӣ нақши муассиртарро доро мебошад. Дар ин шакли бозор тамоми молу маҳсулотҳо дар шакли рақамӣ метавонанд бо суръати баланд паҳн гарданд. Китобҳои электронӣ, барномаҳо, маълумоти иттилоотӣ дар ин бозор бештар гардиш хурда, дар бештари ҳолатҳо ҳуқуқҳои муаллифон ва соҳибони моликияти зеҳнӣ нақз мегардад. Бо пайдоиши шабакаҳои иҷтимоӣ, платформаҳои интернетӣ, сомонаҳои интернетӣ, мағозаҳои интернетӣ дастрасӣ ба маълумот хеле зиёд гашта, дар бештари ҳолатҳо соҳибони қонунии объектҳои моликияти зеҳниро ҳатто муайян намудан хеле мушкил мегардад.

Аҳаммияти моликияти зеҳнӣ ҳамчун категорияи иқтисодӣ дар он зоҳир мегардад, ки сарчашмаи даромад ва гирифтани фоида мебошад. Дар ин шароит, даромади объектҳои моликияти зеҳнӣ ва натиҷаи навовариро ба таври хеле осон метавонад шахси сеюм ба даст оварда, ҳуқуқҳои муаллифиро нақз намояд.

Дар моддаи 1235 Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон мафҳуми моликияти зеҳнӣ чунин шарҳ дода шудааст: “Моликияти зеҳнӣ ҳуқуқҳои молумулкӣ ва (ё) шахсии ғайримолумулкӣ нисбат ба натиҷаҳои фаъолияти зеҳнӣ, воситаҳои фардикунонии иштирокдорони муомилоти маданӣ, фардикунонии мол, кор ё хизматрасонӣ (воситаҳои фардикунонӣ) ва ҳамчунин, объектҳои дигари ба онҳо баробаркардашуда мебошанд” [8].

Тибқи Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон ба объектҳои ҳуқуқи моликияти зеҳнӣ натиҷаҳои фаъолияти эҷодии зеҳнӣ, воситаҳои фардикунонии иштирокдорони муомилоти маданӣ, мол, кор ва хизматрасонӣ, натиҷаҳои дигари фаъолияти зеҳнӣ ва воситаҳои фардикунонии ба онҳо баробаркардашуда дохил мешаванд.

Ҳамчунин, дар моддаи 1251 хусусиятҳои масъулият барои риоя накардани ҳуқуқҳо ба моликияти зеҳнӣ дар шабакаи иттилоотию телекоммуникатсионӣ чунин шарҳ дода шудааст: “Шахсе, ки ба шабакаи иттилоотию телекоммуникатсионӣ, аз ҷумла шабакаи интернет, мавод пешниҳод менамояд, шахсе, ки имконияти ҷойгиронии мавод ё иттилооти барои гирифтани он заруриро бо истифодаи шабакаи иттилоотию телекоммуникатсионӣ пешниҳод менамояд, шахсе, ки имконияти дастрасии маводро дар чунин шабака пешниҳод мекунад, миёнарави

иттилоотӣ ба ҳисоб рафта, барои риоя накардани ҳуқуқ ба моликияти зеҳнӣ дар шабакаи иттилоотию телекоммуникатсионӣ тибқи асосҳои умумии пешбининамудаи Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳангоми мавҷудияти гуноҳ масъул мебошад. Миёнарави иттилоотӣ, ки маводро ба шабакаи иттилоотию телекоммуникатсионӣ пешниҳод мекунад, барои риоя нагардидани ҳуқуқ ба моликияти зеҳнӣ, ки дар натиҷаи ин амал ба миён омадааст, ҳамзамон, бо риояи шартҳои зерин масъул нест:

–он ташаббускори пешниҳод намудани мавод нест ва гирандаи маводи мазкурро муайян намекунад;

–он ҳангоми хизматрасонии алоқа маводро тағйир намедиҳад, ба истиснои тағйирот барои таъмини ҷараёни технологии додани мавод;

–он дар хусуси ғайриқонунӣ будани истифодаи натиҷаҳои дахлдори фаъолияти зеҳнӣ ё воситаҳои фардикунонӣ аз ҷониби шахсе, ки барои додани маводи дорои натиҷаи дахлдор ё воситаи фардикунонӣ ташаббус нишон додааст, намедонист ва намебоист донад” [9].

Дар даҳсолаи охир зина ба зина иқтисодиёти дар асоси захираҳои моддӣ ва табиии ташаккулёбанда ба иқтисодиёти дар асоси дониш асосёфта табдил гашта истодааст. Дар ин шароит сарчашмаи асосии даромад ва рушди иқтисодӣ аз ҳисоби объектҳои ғайримоддӣ ташаккул меёбад. Ин гузариш хоҳ нохоҳ ба раванди инноватсионӣ ва сиёсати инноватсионии давлат таъсир расонида метавонад. Ҳамчунин, дар миқёси ҷаҳон низ сатҳи муносибатҳои инноватсионӣ тағйир ёфта, он рушди мунсибатҳои моликияти зеҳнӣ таъсири худро расонида истодааст.

Фаъолияти инноватсионӣ ба тавлиди молу маҳсулоти нав ва истифодаи технологияи нави истеҳсолӣ мусоидат менамояд. Рушди ин муносибатҳо вобаста ба муносибатҳои бевоситаи давлат ва бахши хусусӣ тавссути афзоиши фаъолияти илмию таҳқиқотӣ ва фаъолияти инноватсионӣ роҳандозӣ мегардад. Муносибатҳои байни давлат ва бахши хусусӣ метавонад раванди инноватсионӣ ва истеҳсоли молу маҳсулоти инноватсиониро афзоиш дода, сатҳи рақобатпазирии онҳоро бештар гардонад.

Натиҷаи фаъолияти зеҳнӣ, ки ҳамчун объектҳои моликияти зеҳнӣ ҳисоб мешавад, бо корҳои таҷрибавию конструкторӣ ва фаъолияти инноватсионӣ робитаи зич дошта, дар асоси робитаи мутақобила рушд меёбад. Натиҷаи фаъолияти инноватсионӣ ба рушди донишҳои технологӣ ва афзоиши донишҳо дар самтҳои афзалиятноки кишвар мусоидат намуда метавонад. Дар натиҷа, рушди донишҳои техникӣ ва корҳои таҷрибавию конструкторӣ ба фаъолияти иқтисодӣ таъсир расонида, рушди иқтисодиро таъмин менамояд.

Яке аз хусусиятҳои рушди муштараки  фаъолияти инноватсионӣ ва муносибатҳои моликияти зеҳнӣ дар он зоҳир мегардад, ки барои

тиҷоратикунонии фаъолияти инноватсионӣ онҳо ҳамчун объектҳои моликияти зеҳнӣ ба қайд гирифта мешавад ва тавассути санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ҳифз карда мешаванд. Фаъолияти инноватсионӣ фаъолияти мураккаб буда, барои баҳо додани он ченаки мушаххас вуҷуд надорад. Он аз фаъолияти инноватсионии бахши хусусӣ ва дигар сохторҳои илмию таҳқиқотӣ вобаста мебошад. Яке аз нишондиҳандае, ки тавассути он ба фаъолияти инноватсионӣ баҳо дода мешавад, мавҷудияти объектҳои моликияти зеҳнӣ ва дороиҳои ғайримодӣ мебошад, ки тавссути тиҷоратикунонии натиҷаҳои фаъолияти зеҳнӣ роҳандозӣ ва амалӣ карда мешавад.

Ҳамчунин, барои рушди фаъолияти инноватсионӣ мавҷудият ва шароити инфрасохтори моликияти зеҳнӣ зарур мебошад. Дар шароити иқтисодиёти рақамӣ ба он инчунин, сатҳи технологияи дар истеҳсолот истифодашаванда низ таъсир расонида метавонад.

Ҳамасола дар миқёси ҷаҳон миллионҳо ихтироъ ба вуҷуд меоянд ва аз ҷониби субъектҳои алоҳида, ҳам дар дохили кишвар ва ҳам дар миқёси ҷаҳон, бо ҳуҷҷтҳои зарурӣ ҳифз мегарданд. Дар миқёси ҷаҳон барои танзими муносибатҳои моликияти зеҳнӣ сохторҳои гуногун фаъолият менамоянд, ки мақсади онҳо тартиб, танзим, ҳавасмандмандгардонӣ ва рушди ин соҳа мебошад.

“Ихтироъ кардан”–маънои эҷод кардан ва ё тарҳи чизи наверо ба вуҷуд овардан аст. Ин истилоҳ аз калимаи лотинии «invenire», ки маънои пайдо кардан, кашф намуданро дорад, сарчашма гирифта, маънояш нисбат ба мафхуми «кашф намудан» васеътар аст [10].

Ҳуқуқ ба ихтироъ аз ҷониби давлат ҳифз карда шуда, бо патент ва ё нахустпатент барои ихтироъ тасдиқ карда мешавад. Патент барои ихтироъ баъд аз гузаронидани экспертизаи моҳияти ариза дода шуда, аз санаи пешниҳоди ариза ба Идораи патентӣ дар давоми бист сол амал мекунад. Патент нишондиҳандае мебошад, ки тавассути он вазъ ва тамоюли ихтироотро баҳо додан мумкин аст. Дар шароити иқтисоди рақамӣ бақайдгирии ихтиъорот ҳам дар дохили каишвар ва ҳам берун аз он ба таври электронӣ сурат гирифта, вақти бақайдгирӣ ва санҷиши он нисбатан кам гардидааст.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон натиҷаи фаъолияти зеҳнӣ тавассути Муассисаи давлатии “Маркази миллии патенту иттилоот”-и Вазорати рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон ба қайд гирифта мешавад. Муассисаи мазкур ҳамчун мақоми ваколатдори давлатӣ аз оғози фаъолият ҷиҳати татбиқи афзалиятҳои сиёсати Ҳукумати ҷумҳурӣ дар соҳаи моликияти зеҳнӣ, махсусан, ҳифзи манфиатҳои давлатӣ дар соҳаи объектҳои моликияти саноатиро ба зимма дошта, барои ҳамгироии неруи миллии зеҳнӣ ба рушди эҷодиёт, ихтироъкорӣ, соҳибкорӣ ва устувории

иқтисоди кишвар мусоидат менамояд.

Вазифаҳои асосии муассисаи мазкур аз ҳифзи манфиатҳои давлатӣ дар соҳаи ихтироот, намунаҳои саноатӣ, тамғаҳои молӣ ва тамғаҳои хизматрасонӣ, топологияи микросхемаҳои интегралӣ, ишораҳои ҷуғрофӣ иборат буда, инчунин, ҳамоҳангсозии корҳои ихтироъкорӣ дар ҷумҳурӣ, бақайдгирӣ ва баҳисобгирии корҳои илмию таҳқиқотӣ ва коркардҳои таҷрибавию конструкторӣ, ҷамъоварӣ ва коркарди захираҳои иттилоотӣ ва хизматрасонии маълумотию иттилоотӣ ба шаҳрвандон, вазорату идораҳо ва ташкилоту муассисаҳои ҷумҳуриро дар бар мегирад.




**Манбаъ:** таҳияи муаллифон дар асоси ҳисоботи фаъолияти Муассисаи давлатии «Маркази миллии патенту иттилоот»-и Вазорати рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон (https://ncpi.tj/ҳисоботи-солона-2/)

Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки пешниҳоди аризаҳо барои гирифтани натиҷаҳои фаъолияти зеҳнӣ ба Муассисаи давлатии «Маркази миллии патенту иттилоот»-и Вазорати рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон дар муддати панҷ соли охир қариб, ки бетағйир боқӣ мондааст. Дар соли 2025 шумораи бештари аризаҳо барои гирифтани патент барои ихтироот дида мешавад.

Таҷрибаи давлатҳои тараққикарда, ки дар самти илм ва инноватсия ба дастовардҳои бузург ноил шудаанд (ИМА, Исроил, Финландия, Ҷопон, Кореяи Ҷанубӣ ва ғ.) нишон медиҳад, ки яке аз омилҳои асосии рушд дар ин самт нафақат маблағгузории давлатӣ, балки ҷалби сармояи хусусӣ ба серсохтори илмӣ, таҳқиқоти бунёдӣ ва пажуҳишҳои таҷрибавӣ ба ҳисоб меравад.

Дар баробари ин, вазифаҳои зерини давлатро дар ин самт бояд ҷудо намуд:

- ✓ ҳавасмандгардонии фаъолияти ихтироъкорӣ, суғуртакунонии таҳдидҳои инноватсионӣ, ҷорӣ кардани муҷозоти давлатӣ барои истеҳсоли маҳсулоти куҳнашуда;
- ✓ ташкили заминаи ҳуқуқии тиҷоратикунонии моликияти зеҳнӣ ва раванди инноватсионӣ;
- ✓ таъминоти кадрӣ;
- ✓ ташаккули инфрасохтори илмию инноватсионӣ.

Таҳқиқоти мо нишон дод, ки яке аз омили муҳимми таъсиррасонанда ба истифодаи самараноки моликияти зеҳнӣ ин мубориза ба муқобили молҳои қалбакӣ (контрафакт) мебошад. Дар ин самт давлатро зарур аст ба манфиати соҳибони моликияти зеҳнӣ қарорҳо қабул намояд. Дар шароити муосир вобаста ба суст будани мубориза ба муқобили молҳои қалбакӣ (контрафакт) ва молҳои номатлуб (фалсификатсия) ташкилотҳо, таҳиягарон ва нававарон даромадҳои зиёдро аз даст медиҳанд.

Паҳншавӣ ва афзоиши молҳои қалбакӣ (контрафакт) ва молҳои номатлуб (фалсификатсия) яке аз масъалаҳои актуалӣ ва мушкилоти муҳимми иқтисодиёт ба ҳисоб меравад. Зарари ширкатҳо ва истеҳсолкунандагон, инчунин, буҷаи давлат аз ин ҳисоб ба миллионҳо доллар баробар буда метавонад. Истифодаи молҳои қалбакӣ дар иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон дуруст танзим карда намешавад.

Мувофиқи таҳқиқоти мо назари мутахассисон доир ба оқибатҳои иқтисодии имзои Созишнома доир ба ҷанбаҳои тиҷоратии моликияти зеҳнӣ (ТРИПС) хавфнок аст. Агар сухан дар бораи иқтисодиёти давлатҳои тараққикарда равад, пас узвият дар Созмони ҷаҳонии савдо ба онҳо манфиати бевосита медиҳад. Созишнома оид ба ҷанбаҳои тиҷоратии моликияти зеҳнӣ (ТРИПС) барои давлатҳои тараққикарда бисёре аз монеаҳоро аз байн мебарад ва имкон медиҳад, ки мол ва хизматҳои истеҳсолкунандагони моликияти зеҳнӣ ба бозорҳои дигар давлатҳо, яъне, аъзои Созмони ҷаҳонии савдо ворид гардад.

Иҷрои талаботҳои асосии Созишнома оид ба ҷанбаҳои тиҷоратии моликияти зеҳнӣ (ТРИПС) ин таҳкими риояи уҳдадориҳои ҳуқуқи моликияти зеҳнӣ дар давлатҳои рӯ ба тараққӣ мебошад. Аз тарафи дигар, бисёре аз давлатҳои рӯ ба тараққӣ, ки худро асосан ҳамчун истеъмолкунандаи моликияти зеҳнӣ меҳисобанд, ақида бар он доранд, ки қабули чунин чораҳо дастрасӣ ба технологияи нав ва молҳои навро барои давлатҳои қафомонда маҳдуд менамояд ва ҳамин тавр, инкишофи оянддаи онҳоро бозмедорад. Нокифоягии чораҳо доир ба ҳимояи патентҳо, ҳуқуқи муаллифӣ ва дигар ҳуқуқи ба ин монанд, он аст, ки соҳибҳуқуқон ҳокимияти бозориро ба даст меоранд, ки ин дар навбати худ ба

соҳибҳуқуқон имкон медиҳад, ки нархҳои худро нисбати хароҷоти ниҳоӣ дар тамоми муҳлати муҳофизат баланд намоянд. Барои давлатҳои начандон тараққикарда, ки ихтироот ва иқтидори эҷодии онҳо дар сатҳи нокифоя қарор дорад, дараҷаи баланди ҳимояи моликияти зеҳнӣ зарурати пардохти рентаро ба соҳибпатентони хориҷӣ ба миён меорад. Илова бар ин, иҷрои талаботи Созишнома оид ба ҷанбаҳои тиҷоратии моликияти зеҳнӣ (ТРИПС) барои давлатҳои рӯ ба инкишоф мушкилоти хусусияти институтсионалӣ ва молиявидоштаро ба миён меорад.

Вобаста ба ин, як қатор пешниҳодҳоро дар ин самт номбар намудан мумкин аст:

- ✓ барои мубориза ба муқобили молҳои номатлуб (фалсификатсия) сохторҳои гумрукӣ ҳокимияти иловагиро барои боздошти маҳсулоти шубҳанок ва вобаста ба имконият расонидани хабарро доир ба ин маҳсулот ба муаллиф ё истеҳсолкунандаи моли мазкур дошта бошанд;
- ✓ барои ҳарчи бештар самаранок гардидани мубориза ба муқобили молҳои қалбакӣ (контрафакт) зарур аст, кӯшиши давлат ва соҳибҳуқуқҳо муттаҳид карда шавад. Инчунин, ҷалб намудани диққати истеъмолкунандагон низ хеле муҳим аст;
- ✓ ҷорӣ намудани низоми бренд-назорат, ки ширкатҳо паҳн менамоянд. Ин низоми назорат имкон медиҳад, ки натанҳо сохторҳои ҳифзи ҳуқуқ, балки шаҳрвандони одӣ, соҳибҳуқуқон истифодаи маълумоти қайдкардаро (маркировка) тавассути интернет ё телефони мобилӣ, штрих-рамзи онро бо базаи маълумот муқоиса намоянд ва тамоми маълумоти зарурийро ба даст оранд;
- ✓ зарурати ворид намудани тағйирот ба қонун дар бораи моликияти зеҳнӣ ва иловаи чунин банд, ки агар намуди зоҳирии мол бо молҳои дигар монандӣ дошта бошад, пас ба ин навъи мол аз тарафи Маркази миллии патенту иттилоот тамғаи молӣ дода нашавад.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон сохтори асосии танзими муносибатҳои моликияти зеҳнӣ–Маркази миллии патенту иттилооти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳисоб меравад, ки самтҳои афзалиятноки фаъолияти он, ҳифзи манфиатҳо дар соҳаи моликияти саноатӣ, инчунин, ҳамоҳанг сохтани фаъолияти ихтироъкорӣ дар мамлакат мебошад.

Новобаста аз андешидани тадбирҳои судманд ҷиҳати рушди соҳа ва ноил гардидан ба дастовардҳои назаррас, ҳоло ҳам дар соҳаи самти фаъолияти Муассиса мушкилоти ҳалталаб мавҷуд мебошад. Мушкилоти асосии соҳа ба таври зарурӣ рушд накардани фаъолнокии ихтироъкорӣ ва ҳифзи дигар самтҳои моликияти саноатӣ дар кишвар, ин дар сатҳи зарурӣ надоштани маълумоти эҷодӣ ва ҷалб нагардидани наврасону ҷавонони

болаёқат ба ихтироъкорию навоварӣ ва нокифояи пайвасти натиҷаҳои илм ва ихтироот ба истеҳсолот, инчунин, надоштани маълумоти пурраи соҳибкорон аз ҳифзи тамғаҳои молӣ ва намунаҳои саноатӣ мебошанд.

Муассиса ҷиҳати ҳалли мушкилоти мавҷуда дар доираи стратегия ва нақшаҳо фаъолияти худро дар самтҳои зерин тақвият мебахшад:

1. Пайгирӣ ва амалигардонии масъалаҳои изҳороти Форуми байналмилалии ихтироъкорон ва навоварон;

2. Тақвияти корҳои фаҳмондадиҳию машваратӣ ҷиҳати иттилоотонии навоварон ва ихтироъкорони ватанӣ доир ба имкониятҳо барои фаъолияти ихтироъкорӣ ва инноватсионӣ дар кишвар;

3. Ҷалби барномасозон барои бақайдгирии барномаҳои компютерӣ ҳамчун ихтироъ ва ҳамгироии зеҳни сунъӣ бо низоми моликияти зеҳнӣ;

4. Андешидани тадбирҳои иловагии судманд доир ба дарёфти механизми тиҷоратикунонии объектҳои моликияти зеҳнӣ ва истифодаи онҳо ҳамчун гарав барои гирифтани қарзи бонкӣ;

5. Мусоидат ба пайвасти ихтироот ба истеҳсолот бо ташкилотҳои дохилию хориҷӣ;

6. Таҳлил ва мукаммалгардонии заминаи меъёрии ҳуқуқии соҳа;

7. Мониторинги рафти иҷрои Нақшаи чорабиниҳои "Стратегияи миллии рушди моликияти зеҳнии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030";

8. Ба роҳ мондани ҳамкориҳои густурдаи байналмилалӣ ва ба имзо расонидани ёддоштҳои тафоҳум бо идораҳои патентии пешрафтаи ҷаҳон;

9. Ташкил ва баргузор намудани Форуми байналмилалии бонувони ихтироъкори Ҷумҳурии Тоҷикистон, озмунҳои «Ихтироъкорон» ва «Бренди сол»;

10. Тақвият додани корҳо дар самти баргузории дарсҳои кафедраи «Ҳифзи объектҳои моликияти саноатӣ» дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ [13].

**Адабиёт**

1. Близнец И. Право интеллектуальной собственности: учебник / И. А. Близнец. - М.: Проспект, 2020. - 949 с.

2. Гулов Ш. Становление и развитие интеллектуальной собственности в Республике Таджикистан // Вестник ТНУ, серия социально-экономических наук - 2/6(144) – 2014. – Стр.98-101.

3. Гулов Ш. Особенности развития интеллектуальной собственности в условиях глобализации / Ш. М. Гулов // Вестник Таджикского национального университета. Серия социально-экономических и общественных наук. – 2016. – № 2/10 (219). – С. 23-26.

4. Гулов Ш. Роль государства в развитии отношений интеллектуальной собственности в Республике Таджикистан /Ш.Гулов//Вестник Таджикского

национального университета. Серия социально-экономических и общественных наук. – 2020. – №1. – С. 41-45.

5. Дашян М. Интеллектуальная собственность в бизнесе: изобретение, товарный знак, ноу-хау, фирменный бренд // М.: Эксмо, 2010.

6. Закон Республики Таджикистан о секретных изобретениях // Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Таджикистан, 2010, №7, С. 556.

7. Закон Республики Таджикистан о товарных знаках и знаках обслуживания // от 03.07.2012, № 858.

8. Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон //аз 6 ноябри соли 1994.

9. Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон (Қонуни ҶТ аз 13.11.2024, № 2089, аз 14.05.2025, № 2171).

10. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи ихтироъ” (Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон соли 2004, №2, моддаи 49; соли 2012, №7, моддаи 707; соли 2013, №3, моддаи 199; соли 2016, №11, моддаи 888. Қонуни ҶТ аз 02.01.2019, №1568).

11. “Национальная стратегия развития интеллектуальной собственности Республики Таджикистан на 2014-2020 годы”.

12. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Душанбе 2025 (https://president.tj/event/news/49419).

13. Ҳисоботи солонаи Муассисаи давлатии «Маркази миллии патенту иттилоот»-и Вазорати рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон (https://ncpi.tj/ҳисоботи-солона-2/).

## ВЗАИМООТНОШЕНИЯ В ОБЛАСТИ ИНТЕЛЛЕКТУАЛЬНОЙ СОБСТВЕННОСТИ В ЦИФРОВОЙ ЭКОНОМИКЕ

**ГУЛОВ ШЕРАЛИ МАХМАДСАИДОВИЧ,**
кандидат экономических наук, доцент, заведующий кафедрой налогообложения и налогового права Таджикского национального университета
734025, Таджикистан, город Душанбе, проспект Рудаки 17;
тел: (+992) 935-82-90-91; e-mail: sherali-2101@mail.ru.

**ДЖОНАЛОЕВ МУСТАФО САЙФУЛЛОЕВИЧ,**
кандидат экономических наук, заведующий кафедрой экономической теории Таджикского национального университета
734025, Таджикистан, город Душанбе, проспект Рудаки 17;
телефон: (+992) 918-66-18-55

*В статье рассматриваются значение и характеристики интеллектуальной собственности в современных условиях и ее роль в развитии инновационной экономики. Концепция интеллектуальной собственности рассматривается в контексте развития цифровой экономики, представлена ее роль в обеспечении инновационной деятельности. Анализируются различные теории экономических школ относительно роли инноваций и взаимосвязи между интеллектуальной собственностью и объектами интеллектуальной собственности, а также ее управления и актуальности в контексте экономической глобализации. Представлены особенности развития интеллектуальной собственности в современных условиях, изложен порядок защиты результатов интеллектуальной деятельности и охраны интеллектуальной собственности. Анализируется значение интеллектуальной собственности как экономической категории, оцениваются возможности получения дохода и прибыли от объектов интеллектуальной собственности. Анализируются нормативно-правовые акты по охране объектов интеллектуальной собственности и методы их защиты. Представлены задачи Государственного учреждения «Национальный патентно-информационный центр» Министерства экономического развития и торговли Республики Таджикистан, а также порядок регистрации результатов интеллектуальной деятельности и существующие проблемы в этой области.*

***Ключевые слова:*** *интеллектуальная собственность, патент, авторское право, экономическое развитие, предпринимательство, финансы, инновации, доходы государственного бюджета, расходы государственного бюджета, валовой внутренний продукт, рыночная экономика.*

## INTELLECTUAL PROPERTY RELATIONS IN THE DIGITAL ECONOMY

**GULOV SHERALI MAHMADSAIDOVICH,**
Candidate of Economic Sciences, Associate Professor, Head of the Department of Taxation, Tajik National University
734025, Tajikistan, Dushanbe city, Rudaki ave. 17;
phone: (+992) 935-82-90-91; e-mail: sherali-2101@mail.ru.

**JONALOEV MUSTAFO SAIFULLOEVICH,**
Candidate of Economic Sciences, Head of the Department of Economic Theory, Tajik National University

734025, Tajikistan, Dushanbe city, Rudaki ave. 17;
phone: (+992) 918-66-18-55

*The article explains the importance and characteristics of intellectual property in modern conditions and their role in the development of the innovative economy. The concept of intellectual property is explained in relation to the development of the digital economy, and its role in ensuring innovative activity is presented. Various theories of economic schools are analyzed regarding the role of innovation and the relationship between intellectual property and intellectual property objects, and its management and relevance in the context of economic globalization. The features of the development of intellectual property in modern conditions are also presented, and the procedure for protecting the results of intellectual activity and protecting intellectual property are outlined. The importance of intellectual property as an economic category is analyzed, and the opportunities for obtaining income and profit from intellectual property objects are assessed. Regulatory and legal acts for the protection of intellectual property objects and methods for protecting intellectual property objects are analyzed. The tasks of the State Institution "National Patent and Information Center" of the Ministry of Economic Development and Trade of the Republic of Tajikistan are also presented, and the procedure for registering the results of intellectual activity and the existing problems in this area are analyzed.*

*Keywords: intellectual property, patent, copyright, economic development, entrepreneurship, finance, innovation, state budget revenues, state budget expenditures, gross domestic product, market economy.*

***Keywords:*** *intellectual property, patent, copyright, economic development, entrepreneurial activity, finance, state budget, state budget revenues, state budget expenditures, gross domestic product, market economy.*

УДК: 316.344.2:004.8

# ИСКУССТВЕННЫЙ ИНТЕЛЛЕКТ КАК ФАКТОР СТИМУЛИРОВАНИЯ СОЦИАЛЬНОГО НЕРАВЕНСТВА

**ДОВГЯЛЛО ЯНА ПАВЛОВНА,**
кандидат экономических наук, ведущий научный сотрудник Института экономики и демографии НАНТ
734024, Таджикистан, город Душанбе, улица Мирзо Ризо 6А;
тел.: (+992) 93-504-85-89; e-mail: ydovgyallo@mail.ru

**МАЛИНОВИЧ ЕВГЕНИЯ ВИКТОРОВНА,**
соискатель, ФГБНУ «Национальный научно-исследовательский институт общественного здоровья им.Н.А.Семашко»
105064, Российская Федерация, г. Москва, ул. Воронцово поле, д.12, Строение 1;
тел.:+7 926-168-02-23; malinovich1985@mail.ru

*В статье анализируется, каким образом внедрение технологий искусственного интеллекта (ИИ) способно усиливать социальное неравенство, даже при наличии общих макроэкономических выгод от цифровизации. Показано, что «неравенство ИИ» формируется через взаимосвязанные механизмы: дифференцированное влияние на занятость и доходы, концентрацию «данных и вычислений» у ограниченного круга акторов, алгоритмическую дискриминацию в распределительных решениях (кредит, медицина, найм), а также через углубление цифрового разрыва. На основе материалов международных организаций и рецензируемых исследований обосновывается, что социальные эффекты ИИ зависят от качества институтов: регулирования, стандартов прозрачности, политики в сфере образования и защиты прав. Сформулированы направления социально ориентированной политики: оценка влияния алгоритмов на равенство, развитие цифровой инфраструктуры и компетенций, требования к объяснимости и аудиту высокорисковых систем, а также меры по снижению диспропорций на рынке труда.*

***Ключевые слова:*** *искусственный интеллект, социальное неравенство, цифровой разрыв, алгоритмическая дискриминация, рынок труда, доходы, институциональное регулирование.*

Искусственный интеллект (ИИ) в начале XXI века становится одной из ключевых технологий общего назначения, оказывая системное влияние на экономику, социальные институты и механизмы распределения ресурсов. В отличие от предшествующих волн автоматизации, связанных преимущественно с механизацией и компьютеризацией, ИИ затрагивает не

только физический и рутинный труд, но и аналитические, управленческие и социальные функции, ранее считавшиеся слабо формализуемыми. Это обстоятельство придаёт внедрению ИИ принципиально новое социальное измерение, связанное с трансформацией структуры занятости, моделей доходов и доступа к общественным благам.

На уровне глобальной экономики ИИ рассматривается как источник роста производительности и конкурентоспособности. Вместе с тем и международные организации, и эксперты-аналитики всё чаще подчёркивают, что социальные эффекты его внедрения носят асимметричный характер. Технологии ИИ затронут значительную долю рабочих мест в мире и при отсутствии компенсирующих институтов способны усилить разрыв между странами, секторами экономики и социальными группами

Таким образом, ИИ следует рассматривать не только как технологическую инновацию, но и как фактор перераспределения экономических и социальных возможностей. Уже на ранних этапах внедрения наблюдается поляризация эффектов: высококвалифицированные работники и организации, обладающие доступом к данным, вычислительным мощностям и цифровым компетенциям, получают наибольшие выгоды, тогда как уязвимые группы населения сталкиваются с рисками вытеснения, деградации условий труда или ограничением доступа к социальным лифтам.

Особую актуальность проблема приобретает в контексте рынка труда. Помимо трудовой сферы, значимым источником социального неравенства становится цифровой разрыв. Доступ к ИИ-ориентированным сервисам, образовательным платформам и цифровым каналам занятости напрямую зависит от уровня цифровой инфраструктуры и навыков. Дополнительные риски связаны с внедрением алгоритмических систем принятия решений в социально значимых сферах — здравоохранении, образовании, социальной поддержке и финансовом секторе. Эмпирические исследования показывают, что алгоритмы, обученные на исторических данных, способны воспроизводить и усиливать существующие формы дискриминации, придавая им вид «объективных» и статистически обоснованных решений [1].

В совокупности данные процессы указывают на формирование нового типа социального неравенства, связанного не только с доходами или образованием, но и с позицией индивидов и территорий в цифровой и алгоритмической инфраструктуре общества. В этой связи научный анализ ИИ как фактора социального неравенства требует междисциплинарного подхода, объединяющего экономическую социологию, исследования рынка труда, институциональный анализ и социологию технологий.

Целью настоящей статьи является выявление и систематизация ключевых механизмов, посредством которых искусственный интеллект способен стимулировать социальное неравенство, а также анализ институциональных условий, при которых негативные социальные эффекты могут быть смягчены.

**Рынок труда и доходы: поляризация эффектов ИИ.** Влияние искусственного интеллекта на рынок труда носит структурно неоднородный характер и не сводится к линейному росту или сокращению занятости. Несмотря на то что внедрение ИИ в целом способствует повышению производительности труда и экономической эффективности, распределение получаемых выгод является асимметричным и во многом определяется профессиональной позицией работников, уровнем их квалификации и возможностью комплементарного взаимодействия с интеллектуальными системами.

Исследования Организации экономического сотрудничества и развития показывают, что ИИ усиливает дифференциацию доходов внутри профессий и отраслей. В аналитическом отчёте OECD (2024) подчёркивается, что работники, обладающие навыками анализа данных, цифрового управления и разработки ИИ-решений, получают устойчивые премии к заработной плате, тогда как занятость в рутинных и стандартизируемых сегментах становится менее защищённой [2].

По данным исследователей, в странах с высокой степенью внедрения цифровых технологий доля работников, занятых в профессиях с высокой экспозицией к ИИ, достигает 25–30 %, при этом именно в этих группах наблюдается наибольший рост разрыва в оплате труда между высоко- и низкоквалифицированными специалистами [3]. Внутрипрофессиональная дифференциация усиливается за счёт того, что ИИ «повышает» производительность отдельных функций, а не профессий в целом.

Аналогичные выводы содержатся в отчёте Всемирного экономического форума The Future of Jobs Report 2023. Согласно данному документу, к 2027 году около 44 % ключевых навыков работников потребуют трансформации под влиянием ИИ и автоматизации, при этом рост заработных плат ожидается преимущественно в сегментах, связанных с аналитическим мышлением, ИИ и управлением данными [4].

Одновременно с этим Международная организация труда указывает на ухудшение качества занятости в ряде сфер, где ИИ используется как инструмент алгоритмического управления трудом. Речь идёт о росте цифрового контроля, стандартизации операций, дроблении задач и снижении автономии работников, особенно в сервисных и административных профессиях [5].

Таким образом, даже при отсутствии резкого роста безработицы ИИ трансформирует структуру доходов и условий труда. ИИ способен усиливать неравенство доходов за счёт перераспределения доходов в пользу капитала и высококвалифицированного труда, если государственная политика не включает компенсирующие меры в сфере налогообложения, образования и социальной защиты.

Особенно уязвимыми оказываются работники, чьи функции легко поддаются алгоритмизации: офисные служащие, операторы, специалисты начального уровня в финансовом и административном секторах. Для этих групп характерно не столько прямое вытеснение с рынка труда, сколько снижение переговорной силы, рост нестабильных форм занятости и стагнация доходов на фоне общего экономического роста.

В совокупности данные процессы формируют поляризованную модель воздействия ИИ на рынок труда: ограниченная группа специалистов, способных работать в комплементарной логике с ИИ, концентрирует экономические выгоды, тогда как значительная часть работников сталкивается с ухудшением качества занятости и относительным снижением доходов. Это позволяет рассматривать ИИ не как нейтральный фактор технологического прогресса, а как структурный механизм воспроизводства и усиления социального неравенства в сфере труда и доходов.

**Цифровой разрыв как усилитель неравенства возможностей.** Социальные эффекты внедрения искусственного интеллекта в значительной степени опосредованы уровнем развития цифровой инфраструктуры и распространённостью цифровых навыков. Доступ к ИИ-ориентированным сервисам в сфере образования, занятости, здравоохранения и государственного управления напрямую зависит от наличия устойчивого интернет-соединения, цифровых устройств и базовой цифровой грамотности. В этом контексте цифровой разрыв выступает одним из ключевых механизмов усиления социального неравенства в условиях цифровой трансформации.

По данным Международного союза электросвязи (ITU), в 2023 году около 2,6 млрд человек в мире по-прежнему не пользовались интернетом, что составляет примерно 32 % населения планеты [6]. Несмотря на рост глобальной цифровой связанности, разрыв между странами и социальными группами сохраняется и носит устойчивый характер

Особенно выражены различия между развитыми и развивающимися странами. Согласно данным ITU, уровень использования интернета в развитых экономиках превышает 90 %, тогда как в наименее развитых странах он остаётся на уровне около 36 %. Это означает, что значительная часть населения в глобальном масштабе структурно исключена из

цифровых каналов получения образования, поиска работы и доступа к ИИ-основанным сервисам.

Цифровой разрыв проявляется не только на межстрановом, но и на внутристрановом уровне. Всемирный банк отмечает, что даже в странах с высоким средним уровнем цифровизации сохраняются существенные различия по доходам, возрасту и месту проживания. В частности, доступ к интернету и цифровым услугам у жителей сельских территорий и малообеспеченных домохозяйств значительно ниже, чем у городского и более обеспеченного населения.

В условиях активной цифровизации государственных и образовательных сервисов данное обстоятельство приобретает принципиальное значение. Если доступ к рынку труда, программам социальной поддержки, образовательным платформам и профессиональному обучению становится «по умолчанию» цифровым, то офлайн-группы оказываются в заведомо менее выгодной позиции, даже при отсутствии прямой дискриминации со стороны алгоритмов.

UNESCO подчёркивает, что цифровой разрыв усиливается за счёт различий в уровне цифровых навыков. По оценкам организации, значительная часть пользователей интернета обладает лишь базовыми навыками, недостаточными для полноценного участия в цифровой экономике и взаимодействия с ИИ-системами [7].

Таким образом, неравенство воспроизводится не только через доступ или отсутствие доступа к технологиям, но и через качество использования цифровых инструментов. Лица с низким уровнем цифровой грамотности оказываются менее конкурентоспособными на рынке труда, хуже адаптируются к алгоритмическим системам отбора и оценки и имеют ограниченные возможности для повышения квалификации в цифровой среде.

Цифровой разрыв усиливает кумулятивный эффект неравенства: низкий уровень цифровых навыков ограничивает доступ к качественным рабочим местам, что, в свою очередь, снижает стимулы и возможности для инвестиций в обучение и развитие цифровых компетенций. В результате цифровой разрыв в условиях развития ИИ перестаёт быть исключительно технологической проблемой и приобретает ярко выраженное социальное измерение. Он формирует асимметричное распределение выгод от цифровизации и ИИ, усиливая социальную стратификацию по линии доходов, образования, территории и возраста. Без целенаправленной политики по развитию цифровой инфраструктуры и навыков ИИ способен воспроизводить и закреплять структурное неравенство возможностей, даже в отсутствие дискриминационных намерений в самих алгоритмических системах.

**Алгоритмическая дискриминация в социально значимых решениях.** По мере внедрения искусственного интеллекта в системы управления и распределения ресурсов ИИ всё чаще используется в социально значимых сферах, где решения имеют прямые последствия для качества жизни и социального статуса граждан. К таким сферам относятся здравоохранение, образование, рынок труда, финансовые услуги и социальная поддержка. В этих областях алгоритмы применяются для приоритизации пациентов, оценки кредитных рисков, отбора кандидатов на рабочие места, выявления мошенничества и прогнозирования социальных рисков.

Социальная проблема заключается в том, что алгоритмы машинного обучения не являются нейтральными по своей природе. Они обучаются на исторических данных, которые отражают существующие институциональные и социальные неравенства. В результате ИИ-системы способны не только воспроизводить, но и усиливать дискриминационные паттерны, придавая им вид объективных и научно обоснованных решений.

Классическим эмпирическим примером алгоритмической дискриминации является исследование, опубликованное в журнале Science [8]. В нём показано, что широко применяемый в системе здравоохранения США алгоритм управления здоровьем популяций систематически занижал медицинские потребности темнокожих пациентов. Алгоритм использовал расходы на медицинскую помощь в качестве прокси-показателя потребности, тогда как сами расходы исторически ниже у групп с ограниченным доступом к медицинским услугам. В результате темнокожие пациенты получали эквивалент примерно на 18 % меньше медицинских ресурсов, чем белые пациенты с сопоставимым уровнем заболеваний

Данный пример наглядно демонстрирует механизм формирования алгоритмического неравенства: структурные ограничения доступа → искажённые данные → алгоритмическое решение → воспроизводство и легитимация неравенства. При этом дискриминационный эффект возникает не вследствие намеренной предвзятости разработчиков, а как результат институционального контекста, в котором формируются обучающие выборки.

Алгоритмическая дискриминация усиливается также за счёт непрозрачности цифровых решений. Многие ИИ-системы, применяемые в социально значимых сферах, характеризуются ограниченной объяснимостью, что затрудняет выявление и оспаривание дискриминационных эффектов.

В результате формируется ситуация институционального «закрытия»: алгоритмические решения принимаются быстрее и масштабнее, чем традиционные формы экспертизы, но при этом

оказываются менее подотчётными и более устойчивыми к внешнему контролю. Это повышает риск того, что социальное неравенство будет воспроизводиться в автоматизированном режиме и закрепляться в качестве «нормы», подтверждённой данными и моделями.

Таким образом, алгоритмическая дискриминация представляет собой один из ключевых социальных рисков внедрения ИИ. Она возникает на пересечении технологических решений и институциональных контекстов и требует не только технических мер по корректировке моделей, но и нормативного, этического и социального регулирования, направленного на обеспечение справедливости, прозрачности и подотчётности алгоритмических систем.

**Неравенство «видимости» и качества распознавания.** Одним из наименее очевидных, но социально значимых эффектов внедрения искусственного интеллекта является неравенство «видимости» различных социальных групп в алгоритмических системах, прежде всего в технологиях компьютерного зрения. Под «видимостью» в данном контексте понимается способность ИИ-систем корректно распознавать, классифицировать и идентифицировать людей независимо от их пола, возраста, этнической принадлежности и иных демографических характеристик. Неравномерное качество распознавания формирует риск асимметричного вреда, при котором негативные последствия ошибок концентрируются на отдельных группах населения.

Классическим эмпирическим доказательством данной проблемы является исследование Gender Shades, выполненное Дж. Буоламвини и Т. Гебру и опубликованное в материалах Proceedings of Machine Learning Research [9]. Авторы проанализировали точность коммерческих систем распознавания лиц (IBM, Microsoft, Face++), выявив значительные различия в показателях ошибок в зависимости от пола и оттенка кожи. В частности, уровень ошибок классификации для светлокожих мужчин составил менее 1 %, тогда как для темнокожих женщин достигал от 20 % до 34 % в зависимости от системы

Данные результаты указывают не на случайные сбои, а на системную проблему репрезентативности обучающих выборок и архитектуры алгоритмов. Алгоритмы, обученные преимущественно на изображениях представителей доминирующих демографических групп, демонстрируют более высокую точность для этих групп и существенно худшие результаты для «недопредставленных» категорий.

Социальное неравенство в «алгоритмической видимости» усугубляется тем, что технологии компьютерного зрения активно внедряются в сферы с высокой концентрацией власти и принуждения — безопасность, миграционный контроль, социальные выплаты, цифровые

идентификационные системы. Сочетание биометрических технологий и социального профилирования может усиливать структурное неравенство, если системы развёртываются без механизмов аудита и общественного контроля.

Кроме того, неравенство распознавания напрямую связано с вопросом доступа к цифровым и государственным сервисам. В странах, где биометрическая идентификация используется для получения социальных услуг или финансовых операций, ошибки распознавания могут фактически исключать отдельных граждан из системы, создавая форму «цифрового исключения». Биометрические системы идентификации при недостаточной инклюзивности способны усиливать уязвимость маргинализированных групп.

С точки зрения социальной политики и регулирования ИИ данная проблема требует не только технических решений (улучшения датасетов, балансировки выборок), но и внедрения обязательных процедур независимого аудита, демографического тестирования алгоритмов и нормативного ограничения использования технологий компьютерного зрения в социально чувствительных сферах. Без этих мер ИИ рискует стать фактором институционализации нового типа неравенства — неравенства распознаваемости и цифровой легитимности личности.

Внедрение искусственного интеллекта в начале XXI века вышло далеко за рамки чисто технологической трансформации, приобретя глубокое социальное и институциональное измерение. Как показал проведённый анализ, ИИ не является нейтральным инструментом повышения эффективности–он встраивается в существующие социальные структуры и, в отсутствие целенаправленного регулирования, способен не только отражать, но и усиливать, закреплять и даже автоматизировать формы социального неравенства. Рассмотренные механизмы–поляризация рынка труда, цифровой разрыв, алгоритмическая дискриминация и неравенство «видимости» — формируют совокупный эффект, который можно определить как алгоритмическую стратификацию общества: новую модель социального расслоения, основанную на позиции индивида или группы в цифровой и алгоритмической инфраструктуре.

Во-первых, ИИ трансформирует рынок труда, создавая не просто новые профессии, а новую иерархию ценностей компетенций. Экономические выгоды концентрируются в руках узкой группы специалистов, обладающих возможностью комплементарного взаимодействия с ИИ-системами, в то время как значительная часть работников сталкивается с деградацией условий труда, снижением автономии и стагнацией доходов. Это означает, что неравенство доходов в условиях ИИ обусловлено не столько утратой рабочих мест, сколько

качественной перестройкой труда и перераспределением экономической ренты в пользу капитала и высококвалифицированного труда.

Во-вторых, цифровой разрыв перестаёт быть исключительно вопросом доступа к технологиям. Он приобретает кумулятивный и мультипликативный характер: недостаток цифровой инфраструктуры и низкий уровень цифровой грамотности ограничивают доступ к образованию, здравоохранению, социальным услугам и рынку труда, что, в свою очередь, снижает мотивацию и возможности для инвестиций в развитие компетенций. В условиях, когда государственные и коммерческие сервисы всё чаще становятся «цифровыми по умолчанию», офлайн-группы оказываются в положении структурного исключения — не по юридическим, а по технологическим причинам.

В-третьих, алгоритмические системы, применяемые в социально значимых сферах, воспроизводят и легитимируют исторически сложившиеся неравенства через технократическую форму дискриминации. Используя исторические данные, отражающие предвзятость институтов (здравоохранения, кредитования, найма), ИИ превращает социальные искажения в «объективные» рекомендации, при этом часто оставаясь непрозрачным и неоспоримым. Это создаёт опасную иллюзию нейтральности данных, в то время как на деле происходит автоматизированное воспроизводство социальной несправедливости.

В-четвёртых, неравенство «видимости» в технологиях компьютерного зрения демонстрирует, как даже базовые функции ИИ – распознавание и идентификация–могут оказаться недоступными или искажёнными для маргинализированных групп. Это ведёт к формированию нового вида уязвимости–цифрового исключения, при котором лицо фактически перестаёт быть «заметным» для системы и теряет доступ к правам и ресурсам, привязанным к биометрической идентификации.

Таким образом, искусственный интеллект следует рассматривать не только как фактор экономического роста, но и как институциональный инструмент распределения возможностей. Его социальные последствия определяются не технологией как таковой, а тем, как она проектируется, внедряется и регулируется. Без активной государственной политики, направленной на смягчение асимметричных эффектов, ИИ рискует усугубить уже существующие разрывы и создать новые линии неравенства, менее заметные, но более устойчивые, поскольку закреплённые в «объективных» алгоритмах.

Для предотвращения этого необходим междисциплинарный и многоуровневый подход, включающий:

–инвестиции в цифровую инфраструктуру и инклюзивное образование, направленные на сокращение цифрового разрыва;

–регулирование рынка труда через поддержку переобучения, защиту прав работников в условиях алгоритмического управления и пересмотр налоговой политики в пользу перераспределения выгод от автоматизации;

–введение обязательных стандартов аудита алгоритмов на предмет предвзятости, прозрачности и подотчётности, особенно в социально чувствительных сферах;

–развитие этических и правовых рамок, ограничивающих использование ИИ в контекстах, где возможны нарушения прав человека и дискриминация.

Только при условии такого комплексного подхода искусственный интеллект сможет стать не фактором углубления социального неравенства, а инструментом построения более справедливого, устойчивого и инклюзивного общества. В противном случае — технологический прогресс будет сопровождаться ростом структурной несправедливости, замаскированной под язык данных, объективности и эффективности.

**Литература**

1.Харитонова Ю., Савина В.С., Паньини Ф. Предвзятость алгоритмов искусственного интеллекта: вопросы этики и права. Вестник Пермского университета. Юридические науки. 2021. № 53. –С. 488-515.

2.Society ata Glance 2024: OECD Social Indicators. URL:https://www.oecd.org/en/publications/society-at-a-glance-2024_918d8db3-en/full-report.html (Дата обращения: 12.11.2025 г.).

3.Абдурахманов К. Трансформация рынка труда в условиях внедрения искусственного интеллекта. Экономика труда. 2023. –Т. 10, № 2. –С. 227-246.

4.The Future of Jobs Report 2023. URL:https://www.weforum.org/publications/the-future-of-jobs-report-2023 (Дата обращения: 12.11.2025 г.).

5.Анфалова А. В. Влияние искусственного интеллекта на сферу труда и политика его регулирования в России. Экономика труда. 2025. –Т. 12, № 3. –С. 249-266.

6. Доля по-прежнему не подключенного населения Земли продолжает неуклонно снижаться и в 2023 году составит 2,6 млрд. человек. URL:https://www.itu.int/ru/mediacentre/Pages/PR-2023-09-12-universal-and-meaningful-connectivity-by-2030.aspx (Дата обращения: 12.11.2025 г.).

7.Цифровой разрыв–причины и пути преодоления. URL:https://rdc.grfc.ru/2025/03/digital_divide/ (Дата обращения: 12.11.2025 г.).

8.Ziad Obermeyer et al. Dissecting racial bias in an algorithm used to manage the health of populations. Science. 2019; 366: 447–453.

9.Buolamwini J. Gender Shades: Intersectional Accuracy Disparities in

Commercial Gender Classification. Proceedings of Machine Learning Research 2018; 81:1–15.

# ЗЕҲНИ СУНЪӢ ҲАМЧУН ОМИЛИ ТАҲРИКДИҲАНДАИ НОБАРОБАРИИ ИҶТИМОӢ

**ДОВГЯЛЛО ЯНА ПАВЛОВНА,**
номзади илмҳои иқтисодӣ, ходими пешбари илмии Институти иқтисод ва демографияи АМИТ
734024, Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, кӯчаи Мирзо Ризо 6А;
тел.: (+992) 93-504-85-89; e-mail: ydovgyallo@mail.ru
**МАЛИНОВИЧ ЕВГЕНИЯ ВИКТОРОВНА,**
унвонҷӯйи ФГБНУ «Институти миллии илмӣ-тадқиқотии тандурустии ҷамъиятӣ ба номи Н.А. Семашко»,
105064, Федератсияи Русия, шаҳри Москва,

кӯчаи Воронтсово поле, хонаи 12, бинои 1;
тел.: +7 92-168-02-23; malinovich1985@mail.ru-

*Дар мақола таҳлил мешавад, ки чи гуна ҷорӣ намудани технологияҳои зеҳни сунъӣ (ЗС) нобаробарии иҷтимоиро тақвият диҳад, ҳатто дар шароити мавҷуд будани манфиатҳои умумии макроиқтисодӣ аз рақамикунонӣ. Нишон дода мешавад, ки «нобаробарии ЗС» тавассути механизмҳои ба ҳам алоқаманд ташаккул меёбад: таъсири фарққунанда ба шугл ва даромадҳо, тамаркузи «маълумот ва ҳисоббарорӣ» дар дасти доираи маҳдуди субъектҳо, табъизи алгоритмӣ дар қарорҳои тақсимотӣ (қарз, тиб, кирояи кор), инчунин, тавассути амиқ гардидани тафовути рақамӣ. Дар асоси маводи созмонҳои байналмилалӣ ва таҳқиқоти тақризшаванда асоснок карда мешавад, ки таъсирҳои иҷтимоии ЗС аз сифати институтҳо вобастаанд: танзим, стандартҳои шаффофият, сиёсат дар соҳаи маориф ва ҳифзи ҳуқуқ. Самтҳои сиёсати иҷтимоӣ-равонашуда пешниҳод шудаанд: арзёбии таъсири алгоритмҳо ба баробарӣ, рушди зерсохтори рақамӣ ва салоҳиятҳо, талабот ба фаҳмондашавандагӣ ва аудити системаҳои хавфи баланд, инчунин, чораҳо барои коҳиш додани номутавозунӣ дар бозори меҳнат.*

***Калидвожаҳо:*** *зеҳни сунъӣ, нобаробарии иҷтимоӣ, тафовути рақамӣ, табъизи алгоритмӣ, бозори меҳнат, даромадҳо, танзими институтсионалӣ.*

# ARTIFICIAL INTELLIGENCE AS A FACTOR OF STIMULATING SOCIAL INEQUALITY

**DOVGYALLO YANA PAVLOVNA,**
Candidate of Economic Sciences, Leading Researcher at the Institute of Economics and Demography of the National Academy of Sciences
734024, Tajikistan, Dushanbe city, Mirzo Rizo str. 6A;
phone.: (+992) 93-504-85-89; e-mail: ydovgyallo@mail.ru

**MALINOVICH EVGENIYA VIKTOROVNA,**
PhD Student, N.A.Semashko National Research Institute of Public Health
105064, Russian Federation, Moscow city, Vorontsovo Pole st. 12, building 1;
phone.:+7 926 168-02-23; malinovich1985@mail.ru

*The article analyzes how the introduction of artificial intelligence (AI) technologies can increase social inequality, even with the overall macroeconomic benefits of digitalization. It is shown that "AI inequality" is formed through interrelated mechanisms: differentiated effects on employment and income, concentration of "data and computing" among a limited number of actors, algorithmic discrimination in distribution solutions (credit, medicine, hiring), as well as through the deepening of the digital divide. Based on the materials of international organizations and peer-reviewed studies, it is proved that the social effects of AI depend on the quality of institutions: regulation, transparency standards, education policy and protection of rights. The directions of socially oriented policy are formulated: assessment of the impact of algorithms on equality, development of digital infrastructure and competencies, requirements for explainability and audit of high-risk systems, as well as measures to reduce imbalances in the labor market.*

***Keywords:*** *artificial intelligence, social inequality, digital divide, algorithmic discrimination, labor market, income, institutional regulation*

УДК: 331.104:334.012.64

# ТАМСИЛАҲОИ МУОСИРИ ШАРИКИИ ИҶТИМОИИ СУБЪЕКТҲОИ БАХШИ ҒАЙРИДАВЛАТИИ ИҚТИСОДИЁТ

**ШОҲИЁН АБДУРАҲИМ МАҲМАДУЛЛО,**
докторанти кафедраи менеҷмент ва маркетинги
Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон
734061, Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, кӯчаи Деҳотӣ ½;
тел.: +(992) 907 50 00 44; e-mail.: shoev75@mail.ru

*Мақола ба омӯзиши тамсилаҳои муосири шарикии иҷтимоии субъектҳои бахши ғайридавлатии иқтисодиёт дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бахшида шудааст. Дар мақола заминаҳои назариявӣ, консепсияҳои асосии масъулияти иҷтимоӣ ва таҷрибаи байналмилалии рушди шарикии иҷтимоӣ баррасӣ гардида, инчунин, вазъи воқеии истифодаи унсурҳои он дар корхонаҳои бахши ғайридавлатии Тоҷикистон таҳлил шудааст. Муаллиф зарурати таҳияи тамсилаҳои муосири шарикии иҷтимоӣ, таҳкими заминаҳои институтсионалӣ ва ворид намудани стратегияҳои масъулияти иҷтимоиро ба низоми идоракунии корхонаҳо асоснок намудааст.*

***Калидвожаҳо:*** *шарикии иҷтимоӣ, бахши ғайридавлатии иқтисодиёт, масъулияти иҷтимоӣ, рушди устувор, сармояи инсонӣ, сиёсати иҷтимоӣ, корхонаҳо, иқтисоди Тоҷикистон, муносибатҳои меҳнатӣ, стратегия.*

Дар шароити муосири рушди иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон масъалаи ташаккул ва рушди шарикии иҷтимоӣ ба яке аз самтҳои муҳимми таъмини рушди устувори иҷтимоию иқтисодӣ табдил ёфтааст. Дар “Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030” таъкид мешавад, ки таъмини шуғли пурмаҳсул, баланд бардоштани маҳсулнокии меҳнат ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ аз ҳадафҳои асосии рушди дарозмуҳлати кишвар ба шумор меравад. Дар ин замина, нақши субъектҳои бахши ғайридавлатии иқтисодиёт, махсусан соҳибкорӣ, дар ҳалли масъалаҳои иҷтимоӣ ва рушди сармояи инсонӣ бештар мегардад. Ҳарчанд, ки рушди иқтисодӣ бидуни ҳамоҳангсозии манфиатҳои давлат, соҳибкорӣ, кормандон ва ҷомеа самаранок буда наметавонад. Аз ин рӯ, истифодаи тамсилаҳои муосири шарикии иҷтимоӣ ҳамчун механизми муҳимми танзими муносибатҳои иҷтимоию меҳнатӣ аҳаммияти калон дорад. Ин тамсилаҳо ба баланд бардоштани масъулияти иҷтимоии субъектҳои иқтисодӣ, беҳсозии шароити меҳнат, рушди инфрасохтори иҷтимоӣ ва таҳкими суботи ҷомеа мусоидат менамоянд.

Бо вуҷуди пешрафтҳои муайян, дар Ҷумҳурии Тоҷикистон шарикии иҷтимоӣ ҳанӯз хусусияти ғайрисистемавӣ дошта, бештар ба ташаббусҳои алоҳида маҳдуд мегардад. Аз ин лиҳоз, омӯзиши асосҳои назариявӣ ва таҷрибаи пешқадами ҷаҳонӣ барои ташаккули тамсилаҳои муосири шарикии иҷтимоии субъектҳои бахши ғайридавлатии иқтисодиёт аҳамияти муҳим дорад.

Назарияҳои муосири шарикии иҷтимоӣ ба он равона шудаанд, ки фаъолияти субъектҳои бахши ғайридавлатии иқтисодиёт на танҳо ба гирифтани фоида, балки ба рушди сармояи инсонӣ, беҳсозии шароити меҳнат, ҳифзи муҳити зист ва рушди иҷтимоии ҷомеа мусоидат намояд. Ин равишҳо заминаи назариявии ташаккули тамсилаҳои муосири шарикии иҷтимоиро ташкил медиҳанд.

Заминаи иттилоотии таҳқиқотро маълумоти расмии Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз ҷумла “Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030”, инчунин, корҳои илмии муҳаққиқони ватаниву хориҷӣ доир ба масъалаҳои шарикии иҷтимоӣ, масъулияти иҷтимоии корпоративӣ ва рушди устувор ташкил медиҳанд. Дар раванди таҳқиқот маълумоти оморӣ доир ба хароҷот барои таъмини қувваи корӣ, таъмини иҷтимоӣ, омодасозии кадрҳо ва дигар унсурҳои шарикии иҷтимоӣ дар солҳои 2015–2024 истифода гардидаанд. Илова бар ин, маҷмуи усулҳои илмии иқтисодӣ истифода шудаанд. Аз ҷумла, усули таҳлилу муқоиса барои арзёбии тамоюлҳои рушди шарикии иҷтимоӣ, усули таҳлили оморӣ барои омӯзиши нишондиҳандаҳои иҷтимоию иқтисодӣ, усули мантиқӣ ва системавӣ барои муайян намудани робитаи байни субъектҳои шарикии иҷтимоӣ ва усули ҷамъбасту хулосабарорӣ барои таҳияи пешниҳодҳои илмӣ корбурд гардидаанд. Ҳамчунин, усули таҳлили консептуалӣ дар омӯзиши назарияҳо ва таҷрибаи байналмилалии рушди шарикии иҷтимоӣ мавриди истифода қарор гирифт.

Таҳлили асосҳои назариявӣ ва амалии ташаккули тамсилаҳои муосири шарикии иҷтимоии субъектҳои бахши ғайридавлатии иқтисодиёт ва муайян намудани нақши онҳо дар рушди устувори иҷтимоию иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад. Дар “Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030” қайд шудааст, ки “зарурати афзоиши ҳамзамони миқдории шуғли устувори пурмаҳсул ва маҳсулнокии меҳнат, таъмини ҳифзи иҷтимоии самарабахш барои Тоҷикистон ҳадафи асосии рушд дар соҳаи меҳнат дар давраи дарозмуҳлат хоҳад шуд. Шуғли пурмахсул масоили пайвасти суръати рушди иқтисодӣ ва паст кардани сатҳи камбизоатӣ, масъалаҳои ҳифзи манфиат ва ҳуқуқҳои кормандон ва ҳамчун омили муҳимму самаранок дар роҳи баланд бардоштани сатҳу сифати зиндагии аҳолии кишварро дарбар мегирад” [1, 85]. Дар татбиқ

намудани ин нуктаҳои бунёдии Стратегияи мазкур рушди ниҳоди (институти) шарикии иҷтимоӣ дар субъектҳои иқтисодӣ, бахусус субъектҳои бахши ғайридавлатии иқтисодиёти Тоҷикистон, нақши калидӣ дорад. Зеро баланд бардоштани сатҳу сифати масъулияти иҷтимоии фаъолияти ҳамаи субъектҳои хоҷагидор муҳимтарин унсури системаи шарикии иҷтимоӣ ба шумор меравад. Пайваста бо рушди чунин ҳодисот ташаккулу рушди раванди иҷтимоикунонӣ ва гуманизми соҳаҳои иқтисодиёти миллӣ сурат мегирад. Айни ҳол, дар ташаккулу рушди маҷмуи муносибатҳои иқтисодии субъектҳои хоҷагидорӣ сатҳи таъсири муносибатҳои иҷтимоӣ хеле назаррас буда бо "афзудани нақшу манзалати омили сармояи инсонӣ дар рушди иқтидори иқтисодии корхонаҳои иқтисодӣ муҳиммияти стратегии шарикии иҷтимоӣ афзалият пайдо намуда истодааст" [2].

Дар доираи густариши ҳамкориҳои иқтисодии байналмиллалии Ҷумҳурии Тоҷикистон равандҳои ташкили фаъолияти иқтисодиву иҷтимоии субъектҳои иқтисодӣ ба тамоюлоти равандҳои мусбати муносибатҳои иқтисодиву иҷтимоии ҷаҳонӣ ҳамроҳ шуда истодааст. Дар фаъолияти худ корхонаҳои мухталифи иқтисодийти мамлакат, новобаста аз шакли моликият, дар пояи ниҳоди шарикии иҷтимоӣ ҷараёну равишҳои нав ҷорӣ менамояд. Чунонки аз маълумоти ҷадвали 1. аён мешавад, дар давраи солҳои 2015–2024 ҳаҷми умумии хароҷот барои такрористеҳсол ва ё таъмини қувва корӣ аз 8,89 то 24,3 млрд сомонӣ ва ё беш аз 2,7 маротиба афзудааст.

Соли 2024 дар ҳаҷми умумии хароҷот барои таъмини қувваи корӣ ҳиссаи фонди музди меҳнат 79,4 дарсадро ташкил додааст, ки ин нишондиҳанда нисбат ба соли 2015, ки ба 99,1 дарсад баробар буд, дар сатҳи 19,7 банди дарсад кам шудааст. Фонди музди меҳнат дар ин давраи таҳлилӣ қариб 2,2 маротиба зиёд шудааст. Дар сохтори ҳаҷми хароҷот барои такрористеҳсоли қувваи корӣ тамоюли рушди баъзе унсурҳои шарикии иҷтимоӣ мушоҳида мешавад. Масалан, корхонаҳои иқтисодӣ барои таъмин намудани кормандон ба манзили истиқоматӣ маблағ ҷудо намудаанд, ки андозаи он дар ин давраи таҳлилӣ аз 2,6 то 13 млн. сомонӣ ва ё 5 маротиба зиёд шудааст, ҳарчанд ҳиссаи он дар ҳаҷми умумии хароҷот соли 2024 ҳамагӣ 0,05 дарсадро ташкил дод. Дигар унсури шарикии иҷтимоӣ – хароҷот барои таъмини иҷтимоии кормандон низ дар давраи солҳои 2015–2024 беш аз 2,7 маротиба афзудааст. Ҳиссаи он дар ҳаҷми умумии хароҷот аз 18,8 то 19 дарсад, ё ҳамагӣ 0,2 банди дарсадӣ (фоизӣ) зиёд шудааст. Масраф (хароҷот) барои тарбия ва аз нав тайёркунии кадрҳо (аз ҷумла, стипендияи донишҷӯён, хароҷот барои таълими пулакӣ ва ғайра) дар ин давраи таҳлилӣ аз 9,1 то 16,8 млн. сомонӣ ва ё зиёда аз 1,8 маротиба зиёд шудааст. Ҳиссаи он дар хароҷоти умумӣ аз 0,1 то 0,06 дарсад кам

шудааст. Масраф барои хизмати маданию маишӣ ва дигар хароҷоти таъиноти барқароркунии қувваи корӣ мувоффиқан 2,1 маротиба ва 15,7 маротиба зиёд шудааст.

**Ҷадвали 1. – Арзиши хароҷот барои таъмини қувваи корӣ дар корхонаҳои соҳаҳои иқтисодиёти Тоҷикистон**

**млн. сомони**

| Нишондиҳандаҳо | 2015 | 2019 | 2020 | 2022 | 2023 | 2024 | 2024 / 2015, % |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| **Маблағи умумии масраф барои таъмини қувваи корӣ** | 8893,5 | 12886,1 | 13583,7 | 17377,1 | 20041,6 | 24302,6 | 273,0 |
| **Фонди музди меҳнат – ҳамагӣ** | 8814,6 | 10115,9 | 10531,2 | 13800,6 | 15968,2 | 19364,0 | 219,3 |
| **Хароҷоти корхона барои мазили кормандон** | 2,6 | 9,3 | 6,8 | 3,4 | 9,6 | 13,0 | 5 мар. |
| **Хароҷот барои таъминоти иҷтимоии кормандон** | 1677,1 | 2574,1 | 3166,9 | 3343,5 | 3785,8 | 4611,8 | 274,9 |
| **Хароҷот барои тарбия ва аз нав тайёркунниии кадрҳо (аз ҷумла стипендияи донишҷӯён, хароҷот барои таълими пулакӣ ва ғайра.)** | 9,1 | 12,4 | 7,2 | 13,0 | 22,2 | 16,8 | 184,6 |
| **Хароҷот барои хизмати маданӣ - маишӣ** | 14,8 | 13,4 | 12,6 | 9,2 | 20,7 | 31,6 | 213,5 |
| **Дигар хароҷот** | 9,1 | 85,9 | 54,8 | 131,4 | 155,5 | 143,2 | 15,7 мар |
| **Андозҳое, ки ба хароҷоти қувваи корӣ ҳамроҳ карда мешаванд** | 40,5 | 52,2 | 53,2 | 66,1 | 70,3 | 109,7 | 270,8 |

**Манбаъ: [12]**

Чуноне мебинем, ҳарчанд хароҷот барои бархе унсурҳои шарикии иҷтимоӣ, ки барои таъмини қувваи корӣ ва беҳдошти ҳаёти иҷтиимоии онҳо ҷудо карда мешаваду, тамоюли рушд дорад, аммо ҳиссаи онҳо дар ҳаҷми умумии масраф (хароҷот) ноҷиз аст ва дар давраи таҳлилӣ тағйир наёфтаанд ва метавон гуфт, ки аз ҳисоби кам шудани ҳиссаи фонди музди меҳнат сурат гирифтааст.

Ҳамин тариқ, тамоюлоти истифодаи ниҳоди (институти) шарикии иҷтимоӣ дар субъектҳои иқтисодии мамлакат сифати ғайрисистемавӣ дорад. Дар ҳар як субъектҳои иқтисодӣ дар доираи тафаккури худ унсурҳои муаяйни шарикии иҷтимоӣ интихоб шудааст. Ин вазъият водор менамояд, дар навбати аввал, консепсияҳои асосии шарикии иҷтимоӣ барои

субъектҳои иқтисодӣ тахия гардад, ки ба қарорҳои идоракунии онҳо нигаронида шуда бошад. Консепсияи комили шарикии иҷтимоӣ имкон медиҳад, ки манфиатҳои иқтисодиву иҷтимоии ҳам субъектҳои иқтисодии бахши ғайридавлатӣ ва манфиатҳои иқтисодиву иҷтимоии миллӣ, давлат ва ҷомеаи муосири кишвар ба ҳам алоқамандӣ пайдо намоянд.

Бояд таъкид намуд, ки маҳз муносибатҳои консептуалӣ доир ба ташаккулу рушди масъулияти умумии иҷтимоӣ дар заминаи тамсилаи шарикии иҷтимоии субъектҳои бахши ғайридавлатӣ, аз ҷумла, соҳибкорӣ қарор мегирад. Барои таҳияи ташаккули тамсилаи муассири ташаккули модели шарикии иҷтимоии субъектҳои бахши ғайридавлатӣ ва маъсулияти иҷтимоии онҳо, ки унсури муҳимму ҷудонашавандаи ниҳоди (институти) шарикии иҷтимоӣ мебошад, омӯзиши таҷрибаи пешқадами ин раванд дар кишварҳои хориҷӣ муҳим мебошад.

Дар таҷрибаи кишварҳои хориҷӣ эволютсияи консепсияҳои гуногуни масъулияти иҷтимоӣ сурат гирифтааст. Дар асри 20 консепсияи масъулияти иқтисодӣ, ки дар доираи он корхонаҳои соҳаҳои иқтисодиёт дар навбати аввал масъулиятро барои афзун намудани натиҷаҳои иқтисодии худ (баланд бардоштани сатҳи даромаднокӣ, фоида ва ғ.) мутамарказ менамуданд [3]. Ин дар таҳқиқоти М.Фридман [4] ва М. Портер [5] такя ба ин консепсия мушоҳида мешавад. Онҳо дар навбати аввал ба фаъолияти иқтисодӣ афзалият дода, сипас ба фаъолияти иҷтимоӣ рӯ меоварданд.

Баъдан консепсияи дигар ба унвони муносибати симбиотекӣ паҳн шуд. Маънои симбиотикӣ ҳолатест, дар он ду мавҷудот дар ёрии ҳамдигарӣ қарор гирифта, фаъолияти худро ҳамчун як организм пеш мебаранд. Тибқи ин консепсия, миёни субъектҳои бахши соҳибкорӣ ва ҷомеа робитаи зич пайдо гардида, фаъолият зери мафҳуми соҳибкорӣ–стратегия ташкил карда мешавад. Дар мазмуни ин консепсия чунин заминаи ғоявӣ қарор дорад: дар мавриди паст будани сатҳи зиндагии аҳолӣ ва ҷомеа рушди назарраси соҳибкорӣ имконнопазир мебошад. Намояндагони консепсияи мазкур (Арчи, Б.Кэрролл) зарурати арзёбии фаъолияти субъектҳои хоҷагидорро на танҳо аз нуқтаи назари иқтисодӣ, балки аз лиҳози иҷтимоӣ таъкид менамоянд. Дар доираи ин консепсия маъсулият ва шарикии иҷтимоӣ тавассути ба иҷро расонидани вазифаҳои муайяни ҳуқуқиву ахлоқӣ, ташкили фаъолияти эҳсонкорӣ, инчунин, ба назар гирифтани манфиати тамоми тарафҳо (стейкхолдеров) зоҳир мегардад [6].

Консепсияи ҳисоботдиҳии корпоративӣ низ маъмул мебошад. Дар доираи ин консепсия, корхонаҳои гунонуни иқтисодӣ дар мавриди таҳияи ва пешниҳоди ҳисоботи ғайримолиявӣ механизмҳо, рафтори шаффофу ахлоқӣ, фарҳанги ташкилии корхонаҳо бояд дар навбати аввал қарор гирад. Инчунин, консепсияи ихтиёрӣ низ истифода мегардад, ки дар доираи он

кӯшиши ба даст овардани ҳадафҳои дарозмуддат барои ҷомеа тавассути таъмини рушди иқтисодӣ сурат мегирад. (Р. Буххгольц, С. Роббинсон, Д. ДеСензо) [7].

Ҳамкории меҳнат ва сармоя яке аз равишҳои консептуалӣ мебошад, ки дар он масъалаҳои шарикии иҷтимоӣ инъикос меёбад, дар назарияи Д.-С. Милля, Ж.-Б. Сея рушд ёфтааст [8]. Консепсияи ҳамоҳангии ҷамъиятиро бошад, Ф. Баста [9] пешниҳод намудааст, ки чанбаҳои институтсионалӣ ва неоклассикии он дар таткикоти минбаъдаи ин мактабҳои илми идома ёфтааст.

Масъалаҳои шарикии иҷтимоӣ ва масъулияти иҷтимоии субъектҳои иқтисодӣ дар консепияи омилҳои истеҳсолот низ инъикос ёфтаанд. Тибқи ин конесепсия, дар андхти сарват ва ё бойигарии ҷамъиятии меҳнат, сармоя ва замин иштироки якранг доранд, аммо нақши меҳнат мавқеи муҳимро ишғол менамояд. Пайваста бо ташаккулу рушди моликияти саҳомӣ ба як нусхаи ин консепсия мафҳуми тақсими адолатонаи фоида ҷойгоҳи махсус пайдо намуд, ки дар он иштирок дар тақсим ва муайян намудани ҳиссаи коргарони корхонаҳои саҳомӣ дар фоида яке аз унсурҳои шарикии иҷтимоиро ифода менамояд.

Консепсия ва ё назария–ғояи патернализм дар рушди шарикии иҷтимоӣ саҳми назаррас гузоштааст. Патернализм–маҷмуи муносибатҳо, ки дар он ҳокимият ва ё соҳторҳои он нисбат ба зердастон ва шаҳрвандон ҳамчун муносибати падару фарзандро дар оила ифода намуда, талаботи асосии онҳоро қонеъ менамояд ва дар ҷавоб итоату садоқатро интизор мебошад. Дар доираи ин консепсия, муҳаққиқони кишварҳои ғарб зарурати ҳамкории байни сармоя ва меҳнатро низ гузоштанд, ки он дар заминаи суратгирии тағйирот дар тарзи истеҳсолоти капиталистӣ қарор гирифт [10].

Дар асоси консепсияҳои дар боло зикргардида, зарурати дар мамлакат коркарди консепсияи такмили ҳамкории иштирокчиёни бозори меҳнат ба миён меояд. Нақши давлат дар ин консепсия мавқеи калидӣ дорад. Давлат ҳамчун ниҳоди (институти) фарогиру афзалиятнок, пеш аз ҳама, вазифаи ташаккули заминаи меъёрии ҳуқуқии танзими муносибатҳои меҳнативу иҷтимоиро ба зиммаи худ дорад. Ҳадаф ба ташаккулу рушди системаи таъминкунандаи ангеза ва ҳавасмандиҳо ба меҳнат ва таҳияи маҷмуи тадбирҳое, ки дараҷаи иҷтимоикунонии шахсиятро баланд мебардорад, нигаронида шудааст. Ин барои барқарор ва таъмин намудани мувозинати манфиатҳои иштирокчиёни муносибатҳои иҷтимоиву меҳнатӣ ва бозори меҳнат мусоидат менамояд.

Барои субъектҳои бахши ғайридавлатии иқтисодиёт консепсияи ташаббускорӣ муҳим мебошад. Ин консепсия имкон медиҳад, ки субъектҳои бахши ғайридавлатӣ, пеш аз ҳама соҳибкорон барои ҳалли мушкилоти рушди устувор тадбирҳо андешида, онҳо ба тағйироти

иҷтимову иқтисодии ҷомеа зуд вокуниши саривақтӣ ва ё стратегӣ дошта бошанд ва оқибатҳои манфии тағйиротро ба ҳисоб гирифта, механизмҳои муқовиматро пайдо намоянд [11].

Ҳамин тариқ, пайваста ба рушди институти шарикии иҷтимоӣ, мафҳуму равандҳои нави маъсулияти иҷтимоӣ, ки ба талаботи марҳалаҳои нави рушди иқтисодӣ, ҷомеа ва субектҳои бахшҳои гуногуни иқтисодиёт ҷавобгӯ мебошанд, рӯи майдон омадааст. Дар асоси ҷамъбасти консепсияҳои дар боло зикршуда муносибати консептуалиро вобаста ба ташаккули тамсилаи шарикии иҷтимоии субъектҳои бахши ғайридавлатии иқтисодиёт таҳия намудем, ки дар расми 1. оварда шудааст.

Аз тамсилаи (расми 1) нишондодашуда аён аст, ки рушди шарикии иҷтимоӣ дар мавриди таъмини ҳамаи сатҳҳои ҳамкорӣ имконпазир мебошад. Хеле зарур аст, ки ҳам дар сатҳи миллӣ, сатҳи минтақавӣ ва субъектҳои алоҳидаи иқтисодӣ таъмини ниҳодӣ (институтсионалӣ) ва инфрасохторӣ (санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, барномаҳо, стратегияҳо ва ғ.) сурат гирифта бошад. Рушди шарикии иҷтимоиро дар сатҳи иқтисоди миллӣ сатҳи рушди ин ниҳод (институт) дар субъектҳои иқтисодӣ ва иқтисодиёти минтақаҳо таъмин маенамояд. Умуман, сатҳи рушди фаъолияти иҷтимоии корхонаҳои иқтисодӣ заминаи муҳимми рушди шарикии иҷтимоӣ дар иқтисодиёти мамлакат мебошад.

Лоиҳаҳои шарикии иҷтимоӣ дар мавриде таъсири оммавию фарогирро пайдо менамояд, агар принсипҳои шарикии иҷтимоиро натанҳо корхона ва кормандони он, балки аҳолӣ низ риоя намояд, яъне, мардум дар ҳалли мушкилоти ба вуқуъомада фаъолона иштирок намояд.

Ниҳодҳои ҳокимияти давлатӣ, ки асосан нақши танзимкунандаро ба иҷро мерасонанд, тавассути механизмҳои танзимгари давлатӣ метавонад ба рушди соҳаҳои нави шарикии иҷтимоӣ (соҳибкории иҷтимоӣ, тавлидгарони навовариҳои иҷтимоӣ) такон бахшад. Давлат, ки талабот, манфиатҳо, мақсаду маром ва иродаи умумии аҳолиро ифода менамояд, метавонад тавассути ташаббуси қонунгузорию қонунэҷодкунӣ ба онҳо муқаррарот ворид карда, барои амалигардонии онҳо ҷуръат намояд, аҳолиро муттаҳид сохта, ба сӯйи созандагиҳо ҳидоят созанд [10].




***Манбаъ: таҳияи муаллиф.***

**Расми 1. – Консепсияи тамсилаи шарикии иҷтимоии субъектҳои бахши ғайридавлатӣ**

Чуноне дар боло ишора намудем, ҳарчанд солҳои охир дар ҷумҳурӣ саҳми корхонаҳои бахши ғайридавлатии иқтисодиёт дар таъмин намудани бандҳои мувофиқи сиёсати ичтимоӣ мушоҳида мешавад, аммо ҷанбаҳои ниҳоди шарикии ичтимоӣ ҳанӯз пурра инкишоф наёфтааст. Маҳдуд будан танҳо ба фаъолияти хайрхонаву эҳсонкорӣ ва тарғибу ташвиқи он тавассути васоити ахбори умум ба хотири ба даст овардани имиҷ кифоя намебошад. Истифода ва ё татбиқи амалии меъёрҳои иҷтимоӣ дар субъектҳои иқтисодӣ ва ба назар гирифтани манфиат, эҳтиёҷоти кормандон, ташкили истеҳсолоти сабз ва идоракунии сифатнок талаботи замони муосир ва рушди устувор мебошад, ки риоя намудани он барои рушди устувори ҷомеа ва аъзои он ҳатмист.

Дар асл масъалаи шарикии ичтимоӣ, пеш аз ҳама, ба субъектҳои бахши ғайридавлатӣ, бахусус соҳибкорӣ нигаронида шудааст ва он сифати

ихтиёрӣ дорад. Онҳо ин ниҳодро бояд тавассути ҷалби иттифоқҳои касаба ва созмонҳои ғайриҳукуматие, ки ба таъмини ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон сару кор доранд, инкишоф диҳанд.

Илова бар ин, бояд қайд намуд, ки ниҳоди шарикии иҷтимоӣ дар маҷмӯъ барои ҳамаи субъектҳои иқтисодӣ, новобаста аз шакли моликият ва дар умум, барои ҷомеа хеле муфид аст. Зеро татбиқи паҳлуҳои гуногуни шарикии иҷтимоӣ омилу шароити муҳимми баланд бардоштани сатҳи зиндагии аҳолӣ буда, дар рушди инфрасохтори иҷтимоии низоми иқтисодиву иҷтмоии ҷомеа саҳми назаррас дорад. Дар доираи татбиқи шарикии иҷтимоӣ муносибати эҳтиёткорона ва сарафкорона нисбат ба сарватҳои табиӣ, ҳифзи он, рушди муносибатҳои экологиву гуманистии истеҳсолоти ҷамъиятӣ инкишоф ёфта, самаранокии иҷтимоиву фарҳангии ҷомеа баланд мегардад.

Чуноне дар боло қайд кардем, шарикии иҷтимоӣ унсури муҳимми маъсулияти иҷтимоӣ мебошад. Бо афзудани сатҳу сифати масъулияти иҷтимоии корҳонаҳо ва субъектҳои гуногуни иқтисодӣ сатҳи вокуниши онҳо ба муаммоҳои иҷтимоӣ, ки аз воқеияти ҳаёту фаъолияти коллективи корхонаҳо ва ҷомеа бармеояд, рӯйи кор меояд.

Шарикии иҷтимоӣ омили иҷтимоии рушди стратегии иқтисодӣ ва самранокии он мебошад. Барои таъмини рушди самараноки иқтидори аҳолӣ, ҳосилнокии меҳнати кормандони соҳаҳои иқтисодиёт ба таъсири мустақими омилҳои иҷтимоиву иқтисодӣ шубҳа нест. Таърихи рушди иқтисодӣ доир ба алоқамандии низоми маориф ва шуғли аҳолӣ, хусусиятҳо ва натиҷаҳои механизмҳои истеҳсоливу хоҷагидорӣ ва ҳолати равонии кормандон, нақши бунёдии рушди инфрасохтори иҷтимоӣ (шароити манзил, сатҳи таъминот бо муассисаҳои томактабӣ ва истироҳатӣ, муассисаҳои соҳаи тандурустӣ ва таъминокии онҳо бо мутахассисон) ва ғайра шаҳодати возеҳи он мебошад.

Истифодаи ниҳоди шарикии иҷтимоиро дар корхонаҳои бахши ғайридавлатӣ маҳдудияти доимии маблағҳои давлатӣ ҳам муайян менамояд. Бинобар ин, истифодаи ниҳоди шарикии иҷтимоӣ дар фаъолияти корхонаҳои бахши ғайридавлатӣ ва соҳибкорӣ шароити муҳимро дар рушди иҷтимоӣ-иқтисодии кишвар фароҳам меорад. Дар ин ҷода шарикии иҷтимоӣ дар субъектҳои иқтисодӣ ба ҳайси ниҳоди (институти) миёнарав миёни мақомоти ҳокимияти давлатӣ ва ҷомеа хизмат менамояд. Зеро тавассути он татбиқи ваколатҳои дахлдор дар ҳаёти иҷтимоиву иқтисодӣ сурат мегирад. Татбиқи принсипҳо ва талаботи шарикии иҷтимоӣ, ки унсури муҳимми масъулияти иҷтимоӣ мебошад, аз тарафи ҷомеа хеле мусбат арзёбӣ мегардад, ки дар натиҷа, нисбат ба корхонаҳо симову имиҷи мусбат ташаккул меёбад. Маъсулияти иҷтимоӣ неруи бузурги муқовимат ба таъсири манфии фаъолияти сирф иқтисодӣ

буда, ҳамчун омили ғайримоддӣ ва ё иҷтимоии рушди иқтисодӣ ба афзоиши даромади субъектҳои иқтисодӣ мусоидат менамояд.

Таъсири омили зикргардида (масъулияти иҷтимоӣ) ба фаъолияти субъектҳои бахши ғайридавлатӣ, соҳибкорӣ дар амали се сатҳи бо ҳам алоқаманд зоҳир мегардад. Яъне, ҳар як сатҳи навбатӣ бидуни фаъолияту таъсири сатҳи пештара инкишоф ёфта наметавонад (ниг ба расми 2).

Дар амалияи субъектҳои иқтисодӣ мушоҳида мегардад, ки пас аз ба иҷро расонидани уҳдадориҳои андозиашон музди меҳнати кормандони худро саривақт пардохт менамоянд. Аммо метавон гуфт, ки аксаран дар фаъолияти онҳо сатҳи дуюм–барномаву лиффофаҳои иҷтимоӣ таҳия нашудааст ва ҳамин тариқ, масъалаҳои масъулияти иҷтимоӣ то андозае татбиқ намегардад.

Дар рушди муосири мамлакат, ки таъмини шуғли пурмаҳсул ҳадафи стратегӣ маҳсуб меёбад, сатҳи сеюми (сатҳи баланд) масъулияти иҷтимоӣ ва шарикии иҷтимоӣ бояд фаъолияти таркибӣ ва муттасили субектҳои иқтисодӣ бошад. Дар доираи сатҳи сеюм бояд стратегияи алоҳидаи рушди корҳонаҳои бахши ғайридавлатӣ бо унвони стратегияи масъулияти иҷтимоӣ таҳия карда шавад, ки он дар стратегияи рушди корхона самти асосӣ бошад. Дар доираи ин страегия субъектҳои бахш ғайридавлатӣ бояд дар асоси шартномаҳои шарикии иҷтимоӣ бо макомоти давлатӣ, итифоқи касаба ва муассисаҳои таҳсилоти касбӣ ҳамкорӣ намуда, лоиҳаҳои гуногуни иҷтимоиву экологиро таҳия ва татбиқ намоянд.

Илова бар ин, онҳо бояд барои таъмини рушди масъулияти иҷтимоии минтақаҳои фаъолият (дар қаламрави мансуб ба ҷамоат, ноҳия) тавассути ҳамроҳ шудан ба барномаҳо, лоиҳаҳои тамоюли иҷтимоидошта ва ғайра ташаббус нишон диҳанд. Дар ин росто, таъсири мусбати ниҳоди (институти) шарикии иҷтимоӣ ба шароиту ҷанбаҳои беруна (тамоюлоти иҷтимоигардӣ ва гуманизми фаъолияти истеҳсоливу иқтисодӣ, беҳтар шудани вазъи муҳити зист, рушди инфрасохторҳои иҷтимоӣ ва иқтидори ниҳодии (институтсионалии) аҳолӣ) сурат мегирад. Тавассути баланд шудани сатҳи таваҷҷуҳи истемолкунандагон ба молу хизматрасонии онҳо касб намудани сегментҳои нави бозор рӯйи кор омада, даромади иқтисодии онҳо афзоиш ёфта, манбаи нави рушди иҷтимоии корхонаҳо мегардад. Дар ин раванд баланд шудани мавқеи истеҳсолоти маҳсулоти аз лиҳози экологӣ тоза, сатҳи ҳосинокии меҳнат ва истифодаи технологияи сарфакунандаи захираҳо низ ба амал меояд.




***Манбаъ: тахияи муаллиф.***

**Расми 2. - Нақшаи ташаккули масъулияти иҷтимоӣ дар байни субъектҳои иқтисодӣ.**

**Натиҷаи таҳқиқот.** Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон унсурҳои шарикии иҷтимоӣ дар фаъолияти субъектҳои бахши ғайридавлатӣ тадриҷан рушд намуда истодаанд. Бо вуҷуди афзоиши хароҷот барои дастгирии иҷтимоии кормандон, истифодаи механизмҳои шарикии иҷтимоӣ ҳанӯз хусусияти ғайрисистемавӣ дорад. Муайян гардид, ки ташаккули моделҳои муосири шарикии иҷтимоӣ ба таҳкими масъулияти иҷтимоии субъектҳои иқтисодӣ, ҳамкории давлату соҳибкорӣ ва рушди устувори иҷтимоию иқтисодӣ мусоидат менамояд.

**Хулоса ва пешниҳодҳо.** Бо вуҷуди он ки солҳои охир баъзе унсурҳои масъулияти иҷтимоӣ дар фаъолияти субъектҳои бахши ғайридавлатӣ рушд намудаанд, истифодаи онҳо ҳанӯз хусусияти ғайрисистемавӣ дошта, бештар ба фаъолияти хайриявӣ ва ташаббусҳои ҷудогона маҳдуд мегардад. Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки барои рушди устувори иқтисоди миллӣ ва баланд бардоштани сатҳи зиндагии аҳолӣ зарурати ташаккули амсилаҳои (моделҳои) муосири шарикии иҷтимоӣ ба миён омадааст.

Дар умум, татбиқи пешниҳодҳои мазкур метавонад ба рушди устувори иҷтимоию иқтисодӣ, беҳтар гардидани сифати зиндагии аҳолӣ ва таҳкими рақобатпазирии иқтисодиёти миллӣ мусоидат намояд. Аз ҷумла: такмили заминаҳои меъёрии ҳуқуқии танзими шарикии иҷтимоӣ дар фаъолияти субъектҳои бахши ғайридавлатӣ; таҳияи стратегияҳои масъулияти иҷтимоӣ дар корхонаҳо ва ворид намудани онҳо ба низоми идоракунӣ; – густариши ҳамкории давлат, соҳибкорӣ, иттифоқҳои касаба ва ҷомеаи шаҳрвандӣ дар татбиқи лоиҳаҳои иҷтимоӣ; рушди механизмҳои ҳавасмандгардонии субъектҳои иқтисодӣ барои татбиқи барномаҳои иҷтимоӣ ва экологӣ; тақвияти омодасозӣ ва бозомӯзии кадрҳо ҳамчун унсури муҳимми рушди сармояи инсонӣ; ташаккули фарҳанги иҷтимоии соҳибкорӣ ва баланд бардоштани сатҳи масъулияти иҷтимоии субъектҳои иқтисодӣ.

**Адабиёт**

1. “Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030”, саҳ. 85.

2. Мирсаидов А., Хусейнзода А. Общие тенденции и факторы развития основные параметры экономики знаний в Таджикистане //Таджикистан и современный мир//. 2024. №2 (86). –С. 96-110. –ISSN 2075-9584.

3. Шипитько А. Современные модели социального партнерства в социально-трудовой сфере / А.Шипитько // Известия Саратовского университета. Новая серия. Серия Социология. Политология. 2013. – Т. 13, Выпуск 1. – С. 35-40.

4. Фридман М.Капитализм и свобода / Пер. с англ. М.: Новое издательство, 2006. –240 с. (Библиотека Фонда «Либеральная миссия») ISBN 5'98379'054'4.

5. Портер М. Конкурентная стратегия: методика анализа отраслей и конкурентов, Изд. Альпина Паблишер. – 600 с.

6. Carroll A. A three-dimensional conceptual model of corporate performance / A.B. Carroll // The Academy of Management Review. –1979. – Vol. 4, No. 4. – P. 500.

7. DeSenzo D. Fundamentals of Human Recourse Management / D. DeSenzo, P. Stephen Robbins, L. Susan. − John Wiley & Sons, 2016. – 436 p.

8. Ядгаров Я. История экономических учений. –М: Экономика. 2001 г. Источник: https://www.bibliofond.ru/view.aspx?id=44587

9. Василевский Е. Бастиа Ф. // Всемирная история экономической мысли: В 6 томах / Гл. ред. В. Черковец. – М.: Мысль, 1988. –Т. II. От Смита и Рикардо до Маркса и Энгельса.– 574 с.– 20 000 экз.– ISBN 5-244-00038-1.

10. Суровцева А. Экономико-правовые аспекты социального партнерства/ А. Суровцева // Государственное образовательное учреждение высшего профессионального образования «Донецкая академия управления и государственной службы при Главе Донецкой Народной Республики»: сборник научных работ серии «Право». Вып. 9: Правовое обеспечение деятельности органов государственной власти и местного самоуправления в современных условиях / ГОУ ВПО «ДонАУиГС». – Донецк: ДонАУиГС, 2018. – С. 124-132.

11. Корпоративная социальная ответственность [Электронный ресурс] // Официальный сайт интернет журнала «Устойчивый бизнес». – Режим доступа: http://www.csrjournal.com. (Дата обращения: 27.04.2025).

12. Сомонаи расмии Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. Бозори меҳнат, 2025, –С.207.

## СОВРЕМЕННЫЕ ПРЕДСТАВЛЕНИЯ О СОЦИАЛЬНОМ ПАРТНЕРСТВЕ СУБЪЕКТОВ НЕГОСУДАРСТВЕННОГО ЭКОНОМИЧЕСКОГО СЕКТОРА

**ШОХИЁН АБДУРАХИМ МАХМАДУЛЛО,**
докторант кафедры менеджмента и маркетинга,
Таджикский государственный университет коммерции
734061, Таджикистан, город Душанбе, ул. Дехоти ½;
тел.: + (992) 907-50-00-44; e-mail.: shoev75@mail.ru

*Статья посвящена изучению современных моделей социального партнерства субъектов негосударственного сектора экономики в Республике Таджикистан. В статье рассматриваются теоретические основы, базовые концепции социальной ответственности и международный опыт развития социального партнерства, а также анализируется актуальная ситуация использования его элементов на предприятиях негосударственного сектора Таджикистана. Автор обосновывает необходимость развития современных моделей социального партнерства, укрепления институциональных основ и внедрения стратегий социальной ответственности в систему управления предприятиями.*

***Ключевые слова:*** *социальное партнерство, негосударственный сектор экономики, социальная ответственность, устойчивое развитие, человеческий капитал, социальная политика, предприятия, экономика Таджикистана, трудовые отношения, стратегия.*

## CONTEMPORARY CONCEPTS OF SOCIAL PARTNERSHIP OF ENTITIES IN THE NON-STATE ECONOMIC SECTOR

**SHOHIYON ABDURAHIM MAHMADULLO,**
Doctoral Student at the Department of Management and Marketing,
Tajik State University of Commerce
734061, Tajikistan, Dushanbe city, Dehoti str. 1/2,
tel.: +(992) 907-50-00-44; e-mail.: shoev75@mail.ru

*This article examines modern models of social partnership among non-state economic entities in the Republic of Tajikistan. It examines the theoretical foundations, fundamental concepts of social responsibility, and international experience in developing social partnership, as well as analyzes the current state of its application at non-state enterprises in Tajikistan. The author substantiates the need to develop modern models of social partnership, strengthen institutional foundations, and integrate social responsibility strategies into enterprise management systems.*

Проблема взаимосвязи порядка и хаоса не ограничивается изучением взаимных переходов порядка в хаос и наоборот. Изучение таких переходов - лишь одна сторона проблемы. Другая сторона заключается в анализе более тонкого и сложного вопроса, а именно: как в результате таких переходов стирается само различие между этими аспектами реальности и осуществляется их синтез. Простейшей формой такого синтеза является концепция диссипативной структуры – концептуальная основа синергии. В отличие от равновесной структуры, диссипативная структура может существовать только при условии постоянного обмена с окружающей средой, в общем случае, с материей, энергией и информацией [1]. В результате этого обмена, она поддерживает свою упорядоченность (в физическом смысле - низкую энтропию) за счёт увеличения беспорядка во внешней среде (за счет, так сказать, «высвобождения» избыточной энтропии во внешнюю среду).

Несомненно, синтез порядка и хаоса в концепции диссипативной структуры имеет два аспекта:

1) её «порядок» существует только благодаря «хаосу», проникающему в окружающую среду;

2) вследствие своего «порядка» она приобретает способность адекватно реагировать на хаотические воздействия окружающей среды и тем самым поддерживать свою стабильность; «хаотические» черты проявляются в её упорядоченном поведении, но эти черты становятся необходимым условием её «упорядоченного» существования [3].

Не менее важным вопросом, возникающим в философско-методологическом анализе законов самоорганизации, - это как происходит данный процесс. Историческая практика человеческой цивилизации убедительно свидетельствует в пользу того, что роль движущей силы, ответственной за самоорганизацию, играет социальный отбор. Он ясно показывает как спонтанный, так и стохастический характер социальной самоорганизации. Чтобы понять, как это происходит, необходимо рассмотреть основные факторы социального отбора, в качестве которых выступают тезаурус, детектор и селектор.

Тезаурус - это набор возможных диссипативных структур, которые потенциально возникают в глубине этой реально существующей структуры в результате соответствующей бифуркации.

Роль детектора, который выбирает из тезауруса определенную структуру бифуркации и, тем самым, преобразует её из возможности в реальность (резкое преобразование реальности, имеющее разные названия - флуктуация, мутация, фазовый переход и т.д.), играет внутреннее взаимодействие элементов социальной системы.

В то же время важно обратить внимание на его двойственный («противоречивый») характер, то есть это не просто конкуренция («борьба») элементов, противостоящих друг другу, но и сотрудничество элементов, которые помогают друг другу в этой «борьбе». В итоге, роль детектора играет противоречивое единство конкуренции и сотрудничества, динамику которого трудно предсказать. Поведение такого «единства» хорошо известно из истории как «изменение баланса сил» в данной социальной ситуации. Оно становится особенно труднопонимаемым, весьма загадочным и таинственным, когда число элементов, взаимодействующих внутри системы, очень велико, что имеет место во многих социальных системах. К тому же в процесс социального отбора вмешивается третий фактор, которого Ч. Дарвин, скорее всего, не учитывал в своей теории биологического отбора.

Согласно утверждению исследователей, синергетическая теория социального отбора существенно отличается от дарвиновской теории биологического отбора ещё в следующих аспектах: отбор из множества не реальных элементов, а возможных структур и выбор с помощью не только

конкуренции, но и сотрудничества. Как известно, Ч. Дарвин делает акцент на конкуренции - «борьбе за существование», и этот фактор назывался селектором и при недостаточной глубине анализа легко может быть перепутанным с детектором [2].

Нельзя не заметить, что социальная синергия позволяет совершенно по-новому подойти к самой острой проблеме традиционной «философии истории» - эсхатологической проблеме. В этом контексте, все философские концепции мировой истории делятся на две группы: финалистские (признающие конечность истории) и инфинитивные (отрицающие эту конечность). С точки зрения социальной синергии, вопрос некорректен, поскольку в такой формулировке он исключает возможность однозначного ответа. Получается, что на поставленный вопрос следует ответить следующим образом: социальная реальность имеет конец в одном отношении, и такого конца нет в другом. С одной стороны, должен существовать предел культурного развития человечества, но, с другой стороны, движение к данным границам должно быть бесконечным. Для приближения к этому пределу необходимо форсировать существующие социальные противоречия, но преодоление одних контрадикций порождает новые расхождения.

Уместно акцентировать, что социальную самоорганизацию следует различать на онтологическом, гносеологическом и аксиологическом уровнях, и это указывает на её специфичность. На онтологическом уровне она проявляется в форме дифференциации и интеграции социальных институтов; на гносеологическом уровне - в форме дифференциации и интеграции знаний (в частности, понятий); на аксиологическом уровне - в форме дифференциации и интеграции ценностей (в конечном счете, общих желаний и связанных с ними социальных идеалов) [8].

Отметим, что в противоположность природе, социальная самоорганизация представляет собой очень сложное и тонкое взаимодействие дифференциации и интеграции общественных институтов с дифференциацией и интеграцией социальных идеалов. Помимо этого, в отличие от природы, в развитии общества объективный порядок и объективный хаос самым причудливым образом переплетаются с идеологическим («субъективным») порядком и хаосом.

Думается, практическая ценность социальной синергии очень существенна, так как теория социальной самоорганизации позволяет по-новому логически и методологически подойти к решению ряда фундаментальных проблем философии истории, которых исследователи классифицируют следующим образом:

а) обоснование решения исторического детерминизма («все дозволено» или «все предопределено»);

б) выявление природы социальных кризисов и путей их преодоления (возможно ли развитие общества без кризисов);

в) определение движущих сил истории (определение отдельных социальных слоев как главного двигателя истории);

г) фиксация критерия социального прогресса (существует ли объективный критерий такого прогресса);

д) конструирование роли социальных идеалов и утопий (необходимы ли они или лишь возможны);

е) экспликация существования предела культурному развитию человечества (существует ли такой предел);

ж) осмыслить возможности долгосрочного социального прогнозирования (обоснована ли критика К. Поппером такого прогнозирования) и др. [9].

На наш взгляд, можно интерпретировать новизну синергетического подхода к данным проблемам на примере принципа коэволюции. С точки зрения этого подхода, социальная самоорганизация является постэволюцией природы, то есть продолжением её развития на более высоком уровне. Следовательно, трансформация природы человеком в ходе его жизненного цикла является продолжением естественного развития. Отсюда следует, что само понятие коэволюции общества и природы лишено смысла: причина негативных явлений, связанных с трансформацией природы человеком, кроется не в самой трансформации природы, а в характере этой трансформации (определяемым соответствующим социальным идеалом) [4].

Разумеется, социальные идеалы имеют утилитарную и духовную составляющие, в качестве которых выступают политико-экономические, этические, эстетические, а также мировоззренческие идеалы. В связи с этим, для предотвращения негативных явлений необходимо координировать утилитарное развитие общества с его духовным развитием. Следовательно, для успешного постэволюционного развития природы важно обеспечить коэволюцию (скоординированное, гармоничное развитие) утилитарной и духовной составляющих в рамках глобальной социальной системы.

В результате, с точки зрения социальной синергетики, проблема коэволюции приобретает совершенно новый смысл, и сама её формулировка существенно меняется. Следовательно, попутно следует, что в общем случае необходимо усилить трансформацию природы (пространственная и биологическая инженерия в XXI веке) [6]. Но эта трансформация должна сочетаться с трансформацией социальных идеалов, определяющих характер трансформации природы (социальная инженерия в XXI веке, осуществляемая и регулируемая законом дифференциации и

интеграции идеалов). При таком условии даже очень существенная трансформация природы может не только содержать никакой опасности, но и оказаться большим благом для общества.

Таким образом, выше осуществленный нами краткий обзор проблемы методологического значения синергетической парадигмы в анализе общественных процессов позволяет заключить, что сущность развития социальной реальности не сводится ни к одностороннему увеличению порядка, ни к одностороннему увеличению свободы («хаоса»), как считали многие мыслители прошлого (например, О. Конт, Г. Спенсер и др.). Такая элементарная форма синтеза порядка и хаоса, реализуемая в диссипативной структуре, приводит к совершенно новой точке зрения на сущность развития, когда речь идёт о развитии диссипативных структур. Оказывается, что развитие («эволюция») диссипативной структуры - это рост степени синтеза порядка и хаоса, обусловленный стремлением к максимальной стабильности.

Вместе с тем практическое значение теории социальной самоорганизации заключается не только в том, что она не избегает ответов на самые насущные вопросы, которые веками беспокоили человечество (не считая их „метафизическими“, устаревшими или „наивными“). Оно проявляется и в том, что теория социальной самоорганизации даёт на них нетривиальные ответы.

**Литература**

1.Брянский В., Пожарский, С. Проблема взаимоотношения явления и сущности в социальной синергетике (феноменология и эссенциология социальной самоорганизации) [Текст] / В.П. Брянский, С.Д. Пожарский // Вестник Санкт-Петербургского университета. Сер. 6. - 2004, вып. 1. – №6. - С. 20-25.

2.Брянский В. Синергетический историзм - философия истории [Текст] / В.П. Брянский. URL: https://proza.ru/2010/11/08/994

3.Брянский В., Пожарский, С. Социальная синергетика и акмеология // Акмеология. - 2002 [Текст] / В.П. Брянский, С.Д. Пожарский. URL: https://cyberleninka.ru/article/n/

4.Кочергин А., Кочергин, А. Коэволюционное взаимодействие общества и природы как условие перехода биосферы в ноосферу [Текст] / А.А. Кочергин, А.Н. Кочергин // Biocosmology – neo-Aristotelism. Т. 5. - 2015. - №2. - С. 159-173.

5.Оганян К.М., Оганян, К.К., Брянский, В.П. Теоретическое и эмпирическое обоснование социологического осмысления жизни с помощью понятия «суператтрактор» [Текст] / К.М. Оганян, К.К. Оганян, В.П. Брянский // Социология и право. – 2018. – №1. – С. 31-37.

6.Отношение социальной синергетики к классическим и

модернистским «философиям истории» [Текст]. URL: https://studme.org/108807035213/filosofiya/ …

7.Пожарский С. Предмет, принципы и методы синергетической акмеологии [Текст] / С.Д. Пожарский. URL: www.dslib.net/psixologia-razvitja/

8.Пономарев В. Достижение социального согласия в условиях современного российского общества (Социологический анализ) [Текст] / В.Ю. Пономарев. URL: www.dslib.net/teoria-sociologii/ …

9.Практическое значение социальной синергетики [Текст]. URL: https://vuzdoc.ru/106502/filosofiya/ …

10.Петрова Е. О парадигмальном статусе синергетики [Текст] / Е.И. Петрова // Интерэкспо Гео-Сибирь. - 2007. - №2. - С. 87-93.

11.Саидов А. Нация как субъект социального действия [Текст] / А.С. Саидов. - Минск, 1999. - 242 с.

12.Социальная синергетика [Текст]. URL: https://www.livelib.ru/quote/42787933- ...

13.Тузов В. Синергетика в социальных науках [Текст] / В.В. Тузов // Библиосфера. – 2011. – № 2. – С. 11-17.

14.Haken H. Synergetics: Basic Concepts [Text] / H. Haken // Encyclopedia of Complexity and Systems Science Series. - 2020. - №3. - Pp. 5–30

15.Prigogine, I., Stengers, I. Order from Chaos: A New Dialogue between Man and Nature [Text] / I. Prigogine, I. Stengers. - Boulder, CO: Random House. Edited by Isabelle Stengers & I. Prigogine, 1984. - 349 p.

# АҲАММИЯТИ МЕТОДОЛОГИИ ПРИНСИПҲОИ СИНЕРГЕТИКАИ ИҶТИМОӢ ДАР ТАҲЛИЛИ РАВАНДҲОИ ҶОМЕА

**САИДОВ АБДУЛМОН САТОРОВИЧ,**

доктори илмҳои фалсафа, профессори кафедраи фанҳои ҷомеашиносии МДТ «Донишгоҳи давлатии тиббии Тоҷикистон ба номи Абуалӣ ибни Сино».

734003, Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, кӯчаи Сино 29-31;

тел.: (992) 907-73-46-03; e-mail: a.saidov2014@mail.ru

**ҶОННАЗАРОВА ДИЛШОДА ХУДОЙНАЗАРОВНА,**

номзади илмҳои фалсафа, дотсенти кафедраи илмҳои ҷомеашиносии Институти иқтисодиёт ва савдои ДДКТ

735700, Тоҷикистон, шаҳри Хуҷанд, кӯчаи Исмоили Сомонӣ 169;

тел.: (992) 928-46-05-42; e-mail: dilshoda_1970@mail.ru

*Далели бебаҳс аст, ки назарияи системаҳои мураккаб ва татбиқи методологии он, ки худташкилдиҳӣ ҳамчун мафҳуми асосӣ ва ҷузъи калидии парадигмаи синергетикӣ мебошад, ба наздикӣ дар таҳқиқот маъруфияти бештар пайдо кардаанд. Назарияи системаҳои мураккаб яке аз асосҳои назариявӣ ва методологии мустаҳкамтарин ва ҳамаҷонибаро дар илми муосири иҷтимоӣ фароҳам меорад ва афзорҳоро барои омӯзиши масъалаҳое, ки қаблан барои усулҳои классикии илмӣ нофаҳмо буданд, таҳия мекунад ва дурнамои навро дар бораи бисёр масъалаҳои анъанавӣ пешниҳод менамояд.*

*Дар мақолаи мазкур принсипҳои асосии методологии синергияи иҷтимоӣ шарҳ дода шудаанд ва фаҳмиши ҳамаҷонибаи назарияи системаҳои худташкилкунандаро барои таҳлили ҷанбаҳои гуногуни ҷомеа манзур мегардад. Таваҷҷуҳи махсус ба хусусият ва механизми гузариш байни тартиб ва бесарусомонӣ равона карда, арзиши амалии усули синергетикӣ барои таҳлили падидаҳои иҷтимоӣ таъкид карда шудааст.*

***Калидвожаҳо:*** *синергияи иҷтимоӣ, назарияи худташкилдиҳӣ, ҷомеа, тартиб, бесарусомонӣ, сохтори диссипативӣ, рушд ва ғайра.*

## THE METHODOLOGICAL SIGNIFICANCE OF SOCIAL SYNERGETICS PRINCIPLES IN THE ANALYSIS OF SOCIAL PROCESSES

**SAIDOV ABDULMANON SATOROVICH,**
Doctor of Philosophy, Professor, Department of Social Sciences,
Avicenna, Tajik State Medical University
734003, Tajikistan, Dushanbe city, Sino street 29-31;
phone.: (992) 907-73-46-03; e-mail: a.saidov2014@mail.ru

**DZHONNAZAROVA DILSHODA KHUDOYNAZAROVNA,**
Candidate of Philosophical Sciences, Assistant Professor at the
Department of Social Sciences, Institute of Economy and Trade
735700, Tajikistan, Khujand city, Ismail Somoni street 129;
тел.: (992) 928-46-05-42; e-mail: dilshoda_1970@mail.ru

*It's an undeniable fact that complex systems theory and its methodological applications, with self-organization as a fundamental concept and a key component of the synergetic paradigm, have recently gained increasing popularity in research. Complex systems theory provides one of the most robust and comprehensive theoretical and methodological foundations in modern social science, developing tools for studying problems previously elusive to classical scientific methods and offering new perspectives on many traditional problems.*

*This article interprets the fundamental methodological principles of social synergy and offers a comprehensive understanding of self-organizing systems theory for analyzing various aspects of society. Particular attention is paid to the nature and mechanism of the transition between order and chaos, and the practical value of the synergetic method for analyzing social phenomena is highlighted.*

**Keywords:** *social synergy, self-organization theory, society, order, chaos, dissipative structure, development, etc.*

УДК: 314.4; 614

# ТАҲЛИЛИ БАЪЗЕ НИШОНДИҲАНДАҲОИ СОҲАИ ТАНДУРУСТӢ ВА ДУРНАМОИ ОНҲО

**НАЗИРОВА МАРҲАМАТ НАЗАРОВНА,**
номзади илмҳои сотсиологӣ, муовини сардори Раёсати таҳлили масъалаҳои ичтимоии Маркази тадқиқоти стратегии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон
734025, Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, кӯчаи Шотемур 27;
тел.: (+992) 918-42-91-84; e-mail: nmarxamat@mail.ru

**БОБОХОНОВА НИЛУФАР ЗИЁРАТШОЕВНА,**
номзади илмҳои сотсиологӣ, муаллими калони кафедраи сотсиологияи факултаи фалсафаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон
734025, Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 17;
тел.: (+992) 88-999-70-90

*Дар шароити муосир соҳаи тандурустӣ муҳимтарин ниҳоди иҷтимоӣ ба ҳисоб рафта, ҳифзи солимии аҳолиро таъмин менамояд. Низоми муассири ин ниҳоди иҷтимоӣ ба афзоиши такрористеҳсолии аҳолӣ мусоидат намуда, дар рушди ҳаёти иҷтимоию иқтисодии ҷомеа саҳми калон дорад ва сатҳи сифати зиндагии аҳолиро тавассути бартараф намудани мушкилоти соҳа таъмин менамояд. Дар мақола тибқи “Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030” мушкилот ва тамоюли як қатор нишондиҳандаҳои соҳаи тандурустӣ мавриди омӯзиш қарор гирифтаанд.*

***Калидвожаҳо:*** *соҳаи тандурустӣ, солимии аҳолӣ, стратегия, нишондиҳандаҳои соҳаи тандурустӣ, муассисаҳои табобатӣ, шумораи катҳо, таваллуд, фавти аҳолӣ, сабабҳои фавт, беморӣ.*

Дар сиёсати иҷтимоии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон солимии аҳолӣ яке аз самтҳои афзалиятноки сиёсати иҷтимоии давлат ба ҳисоб рафта, аз ҷониби роҳбарияти кишвар ва муассисаҳои дахлдори соҳа амалӣ мегардад. Аз ин рӯ, Сарвари кишвар пайваста дар суханрониҳои худ вобаста ба рушди соҳаи тандурустӣ ва дар заминаи он нигоҳ доштани солимии аҳолӣ диққати махсус зоҳир намуда, аз ҷумла қайд менамоянд, ки саломатии миллат сарвати давлат мебошад.

Тибқи маълумоти муқарраргардидаи Созмони умумиҷаҳонии тандурустӣ, солимӣ ин беҳбудии пурраи ҷисмонӣ, равонӣ ва иҷтимоии аҳолӣ буда, танҳо шахсони солим ва боғайрату нерўманд метавонанд насли солим ба воя расонанд ва ба рушди сармояи инсонӣ замина гузоранд. Вобаста ба ин, Сарвари кишвар ҳанӯз 24 апрели соли 2010 дар Паёми навбатии худ ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон қайд намуда буданд,

ки «дар кишвари соҳибистиқлоли мо саломатии мардум сарвати давлат ва ҷузъи таркибии ҳадафҳои стратегии он дониста шудааст». [5]

Боиси тазаккур аст, ки дар байни масъалаҳои муҳимми глобалии замони муосир масъалаи ҳифзи солимии аҳолӣ ва беҳдошти солимии инсон, мубориза бар зидди ҳар гуна бемориҳо ва фавти бармаҳал ҷойи махсусро дорад. Аз ин рӯ, мақсади асосии сиёсати давлату ҳукумат низ дар соҳаи тандурустӣ беҳтар намудани солимии аҳолӣ дар асоси таъмини аҳолӣ бо расонидани кумаки босифати тиббӣ мебошад.

Тибқи “Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030” дар соҳаи тандурустӣ мушкилоти зерин ҷой доранд:

–нокифоя будани натиҷанокии фаъолияти низоми тандурустӣ, ки дар навбати худ азнавкунии доимии технологияҳо ва баланд бардоштани ихтисоси кормандони тиббиро талаб мекунад;

–суст будани рағбати кормандон ба фаъолияти касбӣ;

–нокифоя будани маблағгузориҳои давлатӣ барои нигоҳ доштани сатҳи баланди кафолатҳои давлатӣ, ҳиссаи маблағгузории хусусӣ назаррас мебошад;

–тафовут дар сатҳи дастрасӣ ва хизматрасонии тиббӣ аз рӯи намудҳои махсусгардонидашудаи кумак ба аҳолии деҳот ва шаҳр ҷой дорад;

–заифии низоми миллии назорати байторию санитарӣ ва фитосанитарии маҳсулоти хӯрокворӣ;

–сатҳи пасти фаъолияти ҳавасмандгардонии аҳолӣ оид ба пешбурди тарзи ҳаёти солим, пешгирии бемориҳо [7].

Воқеан, тибқи мушоҳидаҳо натиҷанокии фаъолият дар самтҳои гуногуни соҳаи тандурустӣ нокифоя буда, вобаста ба талаботи замони муосир ва технологияҳои муосири соҳа баланд бардоштани савияи дониши кормандони соҳаи тиб хеле зарур мебошад. Ин, албатта, дар навбати худ, метавонад ба таъмини аҳолӣ ба дастрасии кумаки босифати тиббӣ ва пешгирӣ кардани бемориҳое, ки паҳншавии он ба солимии шаҳрвандон ва амнияти миллӣ таҳдид мекунад, мусоидат намояд.

Аз тарафи дигар, суст будани ҳавасмандии кормандони соҳаи тиб ба фаъолияти касбӣ ва сатҳи маблағгузории он ба рушди соҳа монеъ гардида, дар сатҳи дастрасӣ ва хизматрасонии тиббӣ байни аҳолии шаҳру деҳот тафовут ба назар мерасад. Инчунин, масъалаи ташаккули тарзи ҳаёти солим дар байни аҳолӣ, бахусус, дар самти истеъмоли дурусти ғизо, мушкилот ҷой дошта, яке аз сабабҳои зиёд гардидани фарбеҳӣ дар байни аҳолӣ аз ин вобаста мебошад.

Бояд тазаккур дод, ки дар соҳаи тандурустӣ барои муайян кардан ва баҳо додани солимии аҳолӣ нишондаҳандаҳои гуногуни рушди соҳаи тандурустӣ истифода мегарданд, ки доираи васеи маълумотро дар бар

гирифта, барои арзёбии самаранок ва сифати низоми мазкур истифода мешаванд. Нишондиҳандаҳои соҳаи тандурустӣ ҷанбаҳое, аз қабили фавту бемории аҳолӣ, истифодаи захираҳои кадрӣ, дастрасӣ ба хизматрасонии тиббӣ ва ғайраро дар бар мегиранд. Аз ҷумла, нишондиҳандаҳои соҳаи тандурустиро ба гурӯҳҳои зерин ҷудо кардан мумкин аст:

–нишондиҳандаҳои тиббӣ – демографӣ (давомнокии дарназардошти умр, сатҳи фавти аҳолӣ, сатҳи фавти модару кӯдак, муҳоҷирати аҳолӣ ва ғайраҳо);

–нишондиҳандаҳои инкишофи ҷисмонии аҳолӣ (сатҳи рушди ҷисмонии аҳолӣ, паҳн гардидани омилҳои ба солимӣ зараррасон аз қабили тамокукашӣ, фарбеҳӣ ва ғайра);

–нишондиҳандаҳои беморӣ (паҳн гардидани бемориҳои гуногун, сохтори бемориҳо, пайдоиши бемориҳои нав ва ғайра);

–нишондиҳандаҳои маъюбӣ (сатҳи маъюбӣ дар аҳолии синну соли гуногун, сабабҳои маъюбӣ ва ғайра);

–нишондиҳандаҳои сифати хизматрасонии тиббӣ (сатҳи дастрасии аҳолӣ ба хизматрасонии тиббӣ, сатҳи эмгузаронӣ ва ғайра);

–нишондиҳандаҳои захираҳо ва инфрасохтори соҳаи тандурустӣ (шумораи табибон, кормандони миёнаи тиб, шумораи катҳо ва ғайра);

–хароҷоти соҳаи тандурустӣ ба ҳар сари аҳолӣ ва ғайра.

Дар соҳаи тандурустӣ омӯзиши муҳити беруна дар асоси таҳлили якҷояи соҳаҳои иҷтимоӣ, иқтисодӣ, сиёсӣ ва техникӣ муайян карда мешавад, ки онро омилҳои аввалиндараҷа гуфтан мумкин аст. Таҳлили муҳити дохилии соҳаи мазкур бошад, хусусияти гуногун дошта, таҳлил дар сатҳҳои гуногуни идоракунии он гузаронида мешавад. Мақсади таҳлили муҳити дохилӣ муайян кардани захираҳои стратегии соҳаи тандурустӣ мебошад.

Вобаста ба мавзуи таҳқиқшаванда қайд кардан зарур аст, ки новобаста аз тамоюлҳое, ки рушди соҳаи тандурустиро инъикос менамоянд, як қатор мушкилот, аз қабили норасоии маблағгузории соҳаи тандурустӣ, бахусус, дар шароити муосир, норасоии мутахассисони соҳаи тиб, махсусан, дар деҳоти дурдаст, гарон будани маводи доруворӣ, паст будани заминаи моддию техникӣ ва таъмини муассисаҳои гуногуни тиббӣ бо таҷҳизоти замонавӣ мавҷуданд. Мушкилоти мавҷуда, аслан, дар минтақаҳои дурдасти кишвар ба назар мерасанд, ки бевосита ба таъмини хизматрасониҳои босифати тиббӣ ба аҳолӣ таъсир мерасонанд. Мавриди қайд аст, ки ҳарчанд ҷиҳати бартараф намудани норасоии кадрии соҳаи мазкур масъулини соҳа кӯшишҳои зиёд анҷом дода истодаанд, вале тибқи таҳлилҳо дар аксари минтақаҳои кишвар ҳанӯз ҳам масъалаи норасоии мутахассисони гуногуни соҳаи тиб мавҷуданд, ки метавонанд ба рушди соҳа монеъ гарданд. Аслан, масъалаи норасоии кадрии соҳаи тиб хусусияти

чуғрофӣ дошта, аксари кормандони соҳаи тандурустӣ, ҳам аз ҳисоби табибон ва ҳам аз ҳисоби кормандони миёнаи тиббӣ, дар шаҳрҳо фаъолият менамоянд.

Нишондиҳандаи дигари соҳаи тандурустӣ, ки ҳолати рушди онро инъикос менамояд, шабакаҳо ва шароити моддию техникӣ, бахусус, шумораи муассисаҳои табобатӣ ва катҳо мебошад, ки вазъи нишондиҳандаҳои он дар расми зер оварда мешавад.

**Шумораи муассисаҳои табобатӣ дар минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон**

(*солҳои 2019-2023, воҳид*) Расми 1.




**Манбаъ: муаллифон диаграммаи мазкурро тибқи маълумоти омории Агентии омори назди Президенти ҶТ тахия намудаанд.**

Тибқи маълумоти омории расми мазкур шумораи муассисаҳои табобатӣ дар минтақаҳои кишвар сол то сол зиёд гардида, аз 494 адади соли 2019 ба 536 адад дар соли 2023 расидааст, ки 42 адад зиёд мебошад. Ин нишондиҳанда дар муқоиса бо соли 2010-ум 113 адад ва соли 2015-ум 62 адад зиёд мебошад.

Нишондиҳандаи дигар шумораи катҳои беморхонаҳо мебошад, ки ба сифати хизматрасониҳои тиббӣ таъсир мерасонад. Имрӯз дар кишвар тибқи маълумоти оморӣ ин нишондиҳанда низ тамоюли болоравӣ дошта, шумораи умумии катҳо дар соли 2023–42836 ададро ташкил медиҳад. Тамоюли зиёдшавии катҳои беморхонаҳо барои муқоиса солҳои 2019 – 2023 дар ҷадвали зерин нишон дода мешавад.

**Шумораи катҳои беморхонаҳо** Ҷадвали 1.

| | **2019** | **2020** | **2021** | **2022** | **2023** |
|---|---|---|---|---|---|
| **Ҷумҳурии Тоҷикистон** | **40698** | **41578** | **42092** | **42968** | **42836** |
| ВМКБ | 1964 | 1964 | 1974 | 2231 | 2019 |
| Вилояти Хатлон | 11306 | 11416 | 11416 | 11386 | 11507 |
| Вилояти Суғд | 15236 | 15450 | 15380 | 15411 | 15589 |
| Шаҳри Душанбе | 6241 | 6630 | 7332 | 7717 | 7688 |
| НТҶ | 5951 | 6118 | 6129 | 6223 | 6033 |
| | ба 10 000 аҳолӣ | | | | |
| **Ҷумҳурии Тоҷикистон** | **43,7** | **43,7** | **42,9** | **43,0** | **42,0** |
| ВМКБ | 85,8 | 84,9 | 86,1 | 96,6 | 86,7 |
| Вилояти Хатлон | 33,8 | 33,3 | 32,3 | 31,9 | 31,5 |
| Вилояти Суғд | 56,3 | 56,1 | 54,9 | 54,1 | 53,9 |
| Шаҳри Душанбе | 72,3 | 75,3 | 61,4 | 63,7 | 62,4 |
| НТҶ | 27,5 | 27,6 | 29,5 | 29,3 | 27,8 |

Тибқи маълумоти омории ҷадвали мазкур шумораи катҳои беморхонаҳо ҳамасола зиёд гардида истодааст, аммо, бо вуҷуди ин, дар соли 2023 ба 10000 нафар аҳолӣ 42,0 кат рост меояд, ки ин шумора дар соли 2019-ум 43,7 ададро ташкил медод. Агар нисбат ба солҳои 1995, 2000, 2005 ва 2010 муқоиса намоем, нишондиҳандаи мазкур тамоюли камшавиро нишон медиҳад, аз ҷумла, дар соли 1995 ба 10000 нафар аҳолӣ 80,2 кат, соли 2000-ум 65,8 кат, соли 2005-ум 58,6 кат ва соли 2010-ум 50,1 [9, 117] кат рост меомад. Яке аз сабабҳои кам гардидани катҳо, пеш аз ҳама, афзоиши босуръати аҳолӣ буда, бо зиёд шудани аҳолӣ нишондоди дастрасии катҳои беморхонаҳо низ паст мегардад.

Мавриди қайд аст, ки фавти аҳолӣ дар соҳаи тандурустӣ яке аз нишондиҳандаҳои калидӣ ба ҳисоб рафта, дар муқоиса бо солҳои пеш, новобаста аз рӯйи сабабҳои асосии вафот, хеле хуб арзёбӣ мегардад.

Тибқи маълумоти омории соҳаи тандурустӣ, нишондодҳои фавти аҳолӣ дар моҳҳои январ–декабри соли 2024-ум 33022 нафар буда, ин нишондиҳанда дар моҳҳои январ–декабри соли 2023-юм 32607 нафарро ташкил медод. Бақайдгирии шахсони фавтида дар соли 2024 нисбат ба соли 2023-юм 1,3 дарсад зиёд гардида, камшавии бақайдгирии шахсони фавтида, ғайр аз вилояти Суғд ва шаҳри Душанбе, дар ҳамаи минтақаҳои ҷумҳурӣ ба назар мерасад [2, 104]. Муқоисаи он дар ҷадвали зерин оварда мешавад.

**Шумораи фавтидагон дар солҳои 2023 – 2024 (нафар)** Ҷадвали 2.

| | моҳҳои январ – декабри соли 2023 | моҳҳои январ – декабри соли 2024 |
|---|---|---|
| ВМКБ | 970 | 910 |
| Вилояти Суғд | 10745 | 11033 |
| Вилояти Хатлон | 11423 | 11353 |
| Шаҳри Душанбе | 3039 | 3321 |
| НТҶ | 6430 | 6405 |
| **Ҳамагӣ дар ҷумҳурӣ** | **32607** | **33022** |

Бояд тазаккур дод, ки тибқи таҳлилҳо шумораи фавтидагон ба ҳисоби 1000 нафар аҳолӣ аз 6 нафар дар соли 1991 то 3 нафар дар соли 2023 кам гардидааст [6]. Дар соли 2024 шумораи фавтидагон тибқи баҳои пешакӣ мутаносибан ба 1000 нафар аҳолӣ 3,2 нафар рост меояд [2, 103].

Тибқи маълумоти оморӣ, дар ҷумҳурӣ фавт аз бемориҳои системаи гардиши хун дар соли 2023-юм 15029 нафар буда, ба 100000 нафар аҳолӣ 147,6 нафар [4, 136] рост меояд. Ин шумора дар соли 2020-ум 19371 нафар (ба 100000 нафар аҳолӣ 205,9 нафар) ва дар соли 2015-ум 16084 нафар (ба 100000 нафар аҳолӣ 190,3 нафар)-ро [9, 23] ташкил медод. Яке аз сабабҳои дар соли 2020 зиёд ба қайд гирифтани фавтидагон аз рӯйи бемориҳои системаи гардиши хун ва дигар кардани бемориҳо пандемияи “Ковид–19” мебошад, ки тамоми ҷаҳонро фаро гирифта буд. Фавти аҳолӣ аз рӯйи сабабҳои дигари беморӣ барои муқоисаи солҳои 2000–2023 дар расми зерин нишон дода мешавад.

**Фавти аҳолӣ аз рӯйи синфҳои асосии сабабҳои фавт**

*(солҳои 2000–2023, нафар).* Расми 2, таҳияи муаллифон.




Манбаъ: *диаграмма дар асоси маълумоти омории соҳаи тандурустӣ (Тандурустӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон. 30-соли Истиқлолияти давлатӣ.*

*Маҷмуаи оморӣ, 2021, солҳои 22-23, 147 с. Тандурустӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон. Маҷмуаи оморӣ, соли 2024.–С.9, –85 с.) аз тарафи муаллифон омода гардидааст.*

Тибқи таҳлили диаграмма фавти аҳолӣ аз бемориҳои системаи гардиши хун аз ҳама зиёд ба қайд гирифта шуда, аз шумораи умумии фавтидагон дар ҷойи аввал мебошад ва давоми солҳои 2020–2023 тағйироти назаррас дида намешавад. Шумораи умумии фавтидагон аз рӯйи ин намуди беморӣ ҳамасола беш аз 40 дарсад буда, дар соли 2023-ум 46,4 дарсадро ташкил медиҳад. Аз рӯйи бемориҳои гуногуни саратон бошад, 9,0 дарсад ва бемориҳои узвҳои нафаскашӣ 6,0 дарсадро ташкил медиҳад. Фоизнокии фавт аз рӯйи сабабҳои асосии дигари фавт дар расми зерин нишон дода шудааст.

**Фавти аҳолӣ аз рӯйи синфҳои асосии сабабҳои фавт**

*(дар соли 2023, бо %)* Расми 3.




Манбаъ: *диаграмма дар асоси маълумоти омории соҳаи тандурустӣ (Тандурустӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон. 30-соли Истиқлолияти давлатӣ. Маҷмуаи оморӣ. 2021, с.22-23, –147 с.; Тандурустӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон. Маҷмуаи оморӣ. 2024, с.9, – 85 с.) аз тарафи муаллифон омода гардидааст.*

Мувофиқи маълумоти оморӣ, фавти аҳолӣ асосан дар байни аҳолии қобили меҳнат ва калонтар ба мушоҳида расида, вафоти аҳолии қобили меҳнат дар соли 2023-юм 9019 нафар мебошад, ки он дар соли 2015-ум 10134 нафарро ташкил медод. Фавти аҳолии аз қобили меҳнат калонтар бошад, дар соли 2023-ум 20277 нафар ва дар соли 2015-ум 19408 [4, 147-148] нафарро ташкил медиҳад.

Яке аз сабабҳои болоравии фавти аҳолии қобили меҳнат ва аз қобили меҳнат калон гирифторшавӣ ба бемориҳои ҷудогона буда, аз ҳама бештар фавт аз бемориҳои системаи гардиши хун ба қайд гирифта шудааст, ки аксари онҳо аз сабаби инсулт ё сактаи мағзӣ гузаронидан фавтидаанд.

Қайд кардан бамаврид аст, ки тибқи нишондодҳои омории Ташкилоти ҷаҳонии тандурустӣ ҳамасола дар ҷаҳон зиёда аз 10 миллион

сактаҳои мағзӣ ба қайд гирифта мешаванд, ки 50%-и онҳо ба фавт оварда мерасонад. Аз 1/3 ҳиссаи гирифторони ин беморӣ дар муддати 30 рӯз мефавтанд. Инсулт ҳамчун сабаби маъюбӣ ҷойи аввалро ишғол намуда, зиёда аз 50 дарсади онро шахсони коршоям ташкил медиҳанд. Аз зиндамондагони сактаҳои мағзӣ 80%-и он маъюб мегарданд, 30%-и онҳо ба парастор ниёз доранд ва 20%-и дигар роҳ гашта наметавонанд. Яъне, инсулт ин проблемаи глобалии ҷаҳони муосир ба ҳисоб меравад.

Вобаста ба ин, мутахассисони Ташкилоти ҷаҳонии тандурустӣ таъкид менамоянд, ки зиёда аз 90 дарсади инсултҳоро метавон пешгирӣ кард. Маъмулан, инсулт дар натиҷаи болоравии фишори хун (гипертонияи артериалӣ), иллатҳои атеросклерозу диабети қанд ба амал меояд. Ҳамчунин, ихтилол дар хунравӣ, бемориҳои ирсӣ низ сабаби сакта мешаванд. Фарбеҳӣ, тамокукашӣ ва камҳаркатӣ чун омилҳои ин беморӣ дар тиб дер боз эътироф гардидаанд. Яъне, аз нигоҳи коршиносони Ташкилоти ҷаҳонии тандурустӣ, вақте маҷмуи нишонаи ин бемориҳо бармаҳалу босифат ташхис ва саривақт муолиҷа гардад, шахс аз хатари сактаи мағзӣ эмин мемонад [11].

Қайд кардан бамаврид аст, ки яке аз масъалаи дигари ташвишовар вобаста ба фавту гирифторшавии аҳолӣ ба бемориҳои гуногун ин бемории саратон буда, шумораи аҳолии ба ин навъи беморӣ гирифторшуда ҳамасола рӯ ба афзоиш дорад. Гирифторшавӣ ба ин навъи беморӣ сабабҳои гуногун дошта, истеъмоли ғизо, тамоку, машрубот, фарбеҳӣ ва ифлосшавии ҳаво омилҳои асосии афзоиши сатҳи бемориҳои гуногуни саратон мебошанд.

Тибқи таҳлили коршиносони Ташкилоти ҷаҳонии тандурустӣ, соли 2022 дар саросари ҷаҳон 20 миллион ҳолати нави бемории саратон ва 9,7 миллион фавт аз рӯйи ин беморӣ ба қайд гирифта шудааст. Тақрибан аз ҳар панҷ нафар як нафар давоми ҳаёташ ба ягон навъи бемории саратон гирифтор шуда, тақрибан аз нуҳ мард як нафар ва аз дувоздаҳ зан як нафар мефавтад [3].

Мутаассифона, дар кишвари мо низ гирифторшавии аҳолӣ ба навъҳои гуногуни ин беморӣ ҳамасола зиёд ба қайд гирифта мешавад. Барои мисол, агар соли 1995-ро назар кунем, ҳамагӣ 1511 нафар, аз ҷумла, мардҳо 678 нафар ва занҳо 824 нафар ба қайд гирифта шуда бошад, дар соли 2023 ин шумора ба 4496 нафар расид, ки аз онҳо 1680 нафарашон мардон ва 2816 нафарашонро занон ташкил медиҳанд. Дар умум, дар сатҳи ҷумҳурӣ шумораи беморони ба қайдгирифташуда 20675 нафарро ташкил медиҳанд, ки аз онҳо 7167 нафар мардҳо ва 13508 нафар занҳо мебошанд. [9, 38; 10, 17].

Динамикаи гирифторшавии аҳолӣ ба бемориҳои саратон дар солҳои 1995 – 2023 дар расми зер оварда мешавад.

**Гирифторшавии аҳолӣ ба беморихои саратон**

(*солҳои 1995 – 2023, нафар*) Расми 4.




Манбаъ: *диаграмма дар асоси маълумоти омории соҳаи тандурустӣ (Тандурустӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон. 30-соли Истиқлолияти давлатӣ. Маҷмуаи оморӣ, 2021, с.38, –147 с. Тандурустӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон. Маҷмуаи оморӣ. 2024, с.9, – 85 с.) аз тарафи муаллифон таҳия гардидааст.*

Мавриди зикр аст, ки аз навъҳои гуногуни саратоне, ки аҳолӣ ба он гирифтор шудаанд, дар ҷойи аввал саратони ғадуди ширӣ ва дар ҷойи дуюм саратони узвҳои ҳозима бештар ба қайд гирифта мешаванд.

Тибқи маълумоти соҳаи тандурустӣ дар соли 2024 дар ҷумҳурӣ аз рӯйи беморихои саратонӣ 679 нафар (аз ҷумла кӯдакон 67 нафар) маъюб бори нахуст расман ба қайд гирифта шудааст, ки нисбати соли 2023 (629 нафар) 50 нафар зиёд шудааст. Дар байни беморихои саратон дар ҷойи аввал саратони ғадуди ширӣ 191 нафар (31%) ва дар ҷойи дуюм саратони узвҳои ҳозима 127 нафар (20%) меистад. Дар байни кӯдакон бештар лимфомаи Хочкин 16 нафар, саратони системаи асаб 12 нафар ва системаи такягоҳ 13 нафар ба назар мерасад [11].

Масъалаи дигар ба бемории диабети қанд гирифтор шудани аҳолӣ мебошад, ки имрӯз мушкилоти сатҳи глобалии соҳаи тандурустӣ гардидааст. Тибқи маълумоти Созмони ҷаҳонии тандурустӣ, алҳол дар ҷаҳон зиёда аз 529 миллион нафар гирифторони диабети қанд сабт шудаанд. Аз рӯйи таҳлилҳову пешгӯйиҳои мутахассисон, соли 2050 ин шумора ба 1,5 миллиард нафар мерасад. Яъне, оянда эҳтимол дорад, ки тақрибан аз даҳ нафар сокинони сайёра як нафар гирифтори ин бемори гардад. Ин дар ҳоле аст, ки соли 1980 гирифторони ин беморӣ дар ҷаҳон ҳамагӣ 108 миллион нафарро ташкил медоданд [1].

Дар кишвари мо соли 2024 бо бемории диабети қанд 13649 нафар бори аввал ба қайд гирифта шудаанд, ки нисбати беморони дар соли 2023

бори аввал дарёфтгардида (10674) 2975 нафар зиёд буд. Ҳамин тариқ, дар умум, имрӯз дар ҷумҳурӣ шумораи беморони диабети қанд ба 79239 нафар расидааст. Фавт аз бемории диабети қанд дар соли 2026-юм 1024 нафар, ки нисбати ҳамин давраи соли 2023 (787)– 237 нафар зиёд мебошад [11].

Қайд кардан зарур аст, ки тибқи андешаи мутахассисони соҳаи тиб имрӯз сабабҳои асосии пайдоиши бемории диабети қанд бемориҳои гуногуни ғадуди зери меъда, омилҳои генетикӣ ё ирсият, фарбеҳӣ, асабоният, тарсу ҳаяҷон, бемории фишорбаландӣ, бемориҳои дилу рагҳо, бемориҳои ҷигар, гурда, синну сол, истеъмоли нодурусти ғизо, истифодаи зиёди тамоку ва ғайра мебошанд.

Тибқи маълумоти Вазорати тандурустӣ, дар ҷумҳурӣ дар байни беморони калонсолон, пеш аз ҳама, таъсири бемории диабети қанд нигаронкунанда буда, ба вайроншавии назарраси функсияҳои бадан аз сабаби мавҷудияти бемориҳои узвҳои асаб, чашм, дил, инчунин, ампутатсияи панҷаҳои дасту пой ва ғайра ба маъюбӣ оварда расонидааст.

Инчунин, мавриди зикр аст, ки дар муассисаҳои КАТС (кумаки аввалияи тиббию санитарӣ) нисбати ин бемории диққати аввалиндараҷа дода намешавад. Беморон аз назорати диспансерӣ дур монда, дар баъзе ҳолатҳо диабети қанд дар одамон дер ба қайд гирифта мешавад. Ҳамзамон, ҳолатҳое ҷой доранд, ки дар баъзе оилаҳо 2–3 нафар бемори диабети қанд зиндагӣ дошта, мутаассифона, онҳо дар қайди диспансерӣ гирифта нашудаанд [11].

Нишондиҳандаҳои дигар афзоиши табиии босуръати аҳолӣ буда, дар умум, таваллуд тамоюли болоравӣ дорад ва дар сатҳи минтақаҳои кишвар ҳамасола зиёд ба қайд гирифта мешавад. Аз ҷумла, тибқи маълумоти омории соҳаи тандурустӣ дар соли 2024 дар ҷумҳурӣ 263 417 нафар зиндатаваллуд ба қайд гирифта шудааст, ки нисбат ба соли 2023 (242 175 нафар) 21 242 нафар зиёд мебошад. [11]

Яке аз масъалаҳое, ки вобаста ба таваллуд мушкилот эҷод мекунад, зоишҳои хонагӣ буда, ҳарчанд бо кӯшишҳои мутахассисони соҳа сатҳи он паст гардида бошад ҳам, ҳанӯз дар сатҳи минтақаҳои кишвар ба мушоҳида мерасад. Мувофиқи маълумоти Муассисаи давлатии "Маркази ҷумҳуриявии омор ва иттилооти тиббӣ" дар ҷумҳурӣ аз шумораи умумии таваллуд, ки дар соли 2024 ба қайд гирифта шудааст, 2 370 таваллуд (0,9%) дар хона ба амал омадааст, ки нисбат ба соли 2023 (1,2%) 0,3% кам мебошад.

Маълумоти оморӣ аз он гувоҳӣ медиҳад, ки то ҳол дар баъзе ноҳияҳо нишондоди баланди таваллуд дар хона ҷой дорад. Аз ҷумла, дар ноҳияҳои Нуробод ба 6,4%, дар Сангвор ба 5,7%, дар Ванҷ ба 4,7%, дар Шамсиддин Шоҳин ба 4,9%, дар Рашт ба 4,5%, дар Кӯҳистони Мастчоҳ ба 3,9%, дар Ишкошим ба 3,6%, дар Варзоб ба 3,6%, дар Балҷувон ба 3,3% ва

дар шаҳри Роғун ба 3,1% баробар мебошанд, ки аз нишондоди миёнаи ҷумҳурӣ хеле баланд мебошад [11].

Сабабҳои зоишҳои хонагӣ гуногун буда, дар минтақаҳои дурдаст, пеш аз ҳама, набудани таваллудхонаҳо ва ё дар масофаи дур қарор доштани муассисаҳои тиббӣ мебошад. Аз сабаби марказҳои саломатии деҳот надоштани шуъбаҳои таваллудхона занҳо бояд ба таваллудхонаи ноҳия раванд. Аммо аз сабаби дур будани роҳ ва набудани нақлиёт, бахусус, дар фасли зимистон бо сабаби набудани барқ ва хунук будани таваллудхона занҳо дар хона таваллуд карданро ихтиёр мекунанд. Аз тарафи дигар, шароити молиявиашон намерасад, шавҳаронашон бекор ё дар муҳоҷират қарор доранд.

Шумораи кӯдаконе, ки дар хона таваллуд шудаанд, барои муқоиса солҳои 2019 – 2023 дар расми зерин нишон дода мешавад.

**Шумораи умумии таваллуд дар хона, солҳои 2019 – 2023**

*(нафар)* Расми 5.




Манбаъ: *диаграмма дар асоси маълумоти омории соҳаи тандурустӣ (Тандурустӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон. Маҷмуаи оморӣ. 2020, с.38, –86 с.; Тандурустӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон. Маҷмуаи оморӣ. 2024, с.38, –85с.) аз тарафи муаллифон таҳия гардидааст.*

Тибқи таҳлили расми мазкур, шумораи умумии зоишҳои хонагӣ дар сатҳи ҷумҳурӣ хеле кам гардида, аз 7475 нафари соли 2019 ба 2890 нафар дар соли 2023 баробар шудааст. Аз рӯйи минтақаҳои алоҳидаи кишвар муқоиса намоем, аз ҳама бештар зоишҳои хонагӣ дар ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ ба қайд гирифта шудааст, ки он дар соли 2019-ум 3982 нафар ва дар соли 2023-юм 1636 нафарро ташкил медиҳад. Баъдан, шумораи зиёди таваллуди хонагӣ ба вилояти Хатлон рост меояд, ки тибқи таҳлили диаграмма дар соли 2019-ум 2768 ва дар соли 2023-юм 925 нафар мебошад.

Дар умум, таносуби зоишҳои хонагӣ аз рӯйи муқоисаҳои маълумоти оморӣ сол то сол паст гардида истодааст. Барои муқоиса, агар солҳои 2000 – 2023-ро гирем аз 42,1 дарсади соли 2000 ба 1,1 дарсад дар соли 2023 паст гардидааст [9, 75; 10, 38], ки ин нишондиҳандаи хуб мебошад. Вобаста ба зоишҳои хонагӣ қайд кардан бамаврид аст, ки ба маъюбшавии аҳолӣ таъсир мерасонад.

Дар умум, вобаста ба иҷрои зербоби мавзуъ, ки дар он бештар таҳлили вазъи бемориҳои гуногун ва фавти аҳолӣ мавриди омӯзиш қарор гирифтааст, қайд кардан зарур аст, ки тибқи таҳлили коршиносони Ташкилоти ҷаҳонии тандурустӣ омилҳои гуногуне (аз қабили омилҳои генетикӣ, ки, аслан, бемориҳои ирсӣ мебошанд, аз муҳити зист, аз соҳаи тандурустӣ ва тарзи ҳаёти солим) мавҷуданд, ки бевосита ба солимии инсон, аз ҷумла, ба таваллуд ва фавт, давомнокии дарназардошти ҳаёт, гирифторшавӣ ба ҳар гуна беморӣ ва дигар нишондиҳандаҳои соҳаи тандурустӣ таъсир мерасонанд.

Вобаста ба таҳлили мавзуи баррасишаванда бояд тазаккур дод, ки тамоюлҳои зерин ба дурнамои рушди соҳаи тандурустӣ дар давраи то солҳои 2030 мусоидат менамоянд:

–пеш аз ҳама, баланд бардоштани сатҳи дастрасӣ ва хизматрасониҳои босифати тиббӣ ба ҳамаи қишрҳои алоҳида, бахусус, дар шароити деҳот;

–таъмини аҳолӣ бо мутахассисони баландихтисос, баланд бардоштани сатҳи касбияти табибон, кормандони миёнаи тиббӣ ва дигар кормандони соҳаи тандурустӣ, бахусус, дар самти технологияҳои муосири тиббӣ ва усулҳои нави табобат;

–мукаммалгардонии низоми маблағгузории соҳаи тандурустӣ бо дараназардошти зиёдшавии аҳолӣ;

–рушди соҳаи дорусозии ватанӣ, аз ҷумла, зиёд кардани шумораи дорухонаҳо дар минтақаҳои дурдаст ва назорати нархи маводи доруворӣ;

–беҳтар кардани шароити инфрасохтори соҳаи тандурустӣ, аз ҷумла, дар минтақаҳои дурдасти кишвар сохтани муассисаҳои гуногуни тиббӣ ва таъмини аҳолии дурдасти кишвар бо мошинҳои ёрии таъҷилӣ ва дигар лавозимоти зарурии тиббӣ;

–ворид намудани технологияҳои нави соҳаи тандурустӣ ва рушди рақамикунонии соҳа (рушди телемедитсина). Истифодаи технологияҳои муосир ва инноватсионии соҳа барои беҳтар кардани хизматрасониҳои тиббӣ нақши муҳим мебозад. Технологияҳои муосири тиббӣ имкон медиҳад, ки машваратҳои дурдаст, ташхис ва назорати беморон, бахусус, дар минтақаҳои дурдаст ва дастнорас анҷом дода шаванд. Инчунин, ба васеъ намудани фарогирии тиббӣ ва беҳтар намудани дастрасӣ ба ёрии тиббӣ мусоидат мекунанд;

–рушди тибби профилактикӣ, ки бевосита барои саривақт муайян кардани беморӣ, паст намудани сатҳи беморӣ, фавт ва баланд бардоштани давомнокии ҳаёт равона гардидааст. Пешгирӣ ва мубориза бо бемориҳои сироятӣ дар соҳаи тандурустӣ аҳаммияти аввалиндараҷа дошта, барномаҳои эмкунӣ, маъракаҳои иттилоотӣ, таҳияи усулҳои нави ташхис ва табобат ба коҳиш додани беморӣ ва фавт аз бемориҳои сироятӣ мусоидат мекунанд.

**Адабиёт**


1. Бемории диабети қанд ва роҳҳои пешгирии он. https://khovar.tj/2024/01/bemorii-diabeti-and-va-ro-oi-peshgirii-on-dar-donishgo-i-millii-to-ikiston-dar-in-mavzu-amoishi-ilm-nazariyav-doir-shud/ (санаи муроҷиат 29.07.2025)
2. Вазъи иҷтимоию иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон. Маҷмуаи оморӣ, январи соли 2025, с.104. – 286 с.
3. ВОЗ: число раковых больных в мире продолжит расти. https://news.un.org/ru/story/2024/02/1449057#: (Санаи муроҷиат: 08.07.2025).
4. Демографияи солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон. Маҷмуаи оморӣ, 2024, с.136. – 346 с.
5. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олӣ, 24.04.2010, (Захираи электронӣ) https://president.tj/event/'missives/14 (Санаи муроҷиат: 11.12.2025).
6. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ». 28.12.2023. (Захираи электронӣ) https://prezident.tj/event/'missives/36370 (Санаи муроҷиат: 01.07.2025).
7. “Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030”. Бо қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 1 декабри соли 2016, №636 тасдиқ шудааст.
8. Тандурустӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон. Маҷмуаи оморӣ. 2020, –86 с.
9. Тандурустӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон. 30-соли Истиқлолияти давлатӣ. Маҷмуаи оморӣ. 2021, – 147 с.
10. Тандурустӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон. Маҷмуаи оморӣ. 2024, –85 с.
11. Ҳисобот доир ба ҷамъбасти натиҷаҳои фаъолияти Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ дар соли 2024.

# АНАЛИЗ НЕКОТОРЫХ ПОКОЗАТЕЛЕЙ СФЕРЫ ЗДРАВООХРАНЕНИЯ И ЕГО ПЕРСПЕКТИВЫ

**НАЗИРОВА МАРХАМАТ НАЗАРОВНА,**
кандидат социологических наук, заместитель начальника Управления анализа социальных проблем Центра стратегических исследований при Президенте Республики Таджикистан
734025, Таджикистан, город Душанбе, улица Шотемур 27;
тел.: (+992) 918-42-91-84; e-mail: nmarxamat@mail.ru

**БОБОХОНОВА НИЛУФАР ЗИЁРАТШОЕВНА,**
кандидат социологических наук, старший преподаватель кафедры социологии философского факультета Таджикского национального университета
734025, Таджикистан, город Душанбе, пр. Рудаки 17;
тел.: (+992) 889-99-70-90

*В современных условиях сфера здравоохранения считается важнейшим социальным институтом, обеспечивающим здоровье населения. Эффективная система этого социального института способствует повышению репродуктивного потенциала населения, вносит существенный вклад в развитие социально-экономической жизни общества и обеспечивает качество жизни населения путем устранения проблем сферы. В статье рассматриваются проблемы и тенденции ряда показателей сферы здравоохранения в соответствии с Национальной стратегией развития Республики Таджикистан на период до 2030 года.*

***Ключевые слова:*** *сфера здравоохранения, здоровье населения, стратегия, показатели здравоохранения, медицинские учреждения, число коек, рождаемость, смертность, причины смерти, болезни.*

# ANALYSIS OF SOME INDICATORS OF THE HEALTHCARE SPHERE AND ITS PROSPECTS

**NAZIROVA MARHAMAT NAZAROVNA,**
Candidate of Sociological Sciences, Deputy Head of the Department Analysis of Social Problems of the Center for Strategic Research under the President of the Republic of Tajikistan
734025, Tajikistan, Dushanbe city, Shotemur str. 27;
phone.: (+992) 918-42-91-84; e-mail: nmarxamat@mail.ru

**BOBOKHONOVA NILUFAR ZIYORATSHOEVNA**

Candidate of Sociological Sciences, Senior Lecturer, Department of Sociology, Faculty of Philosophy, Tajik National University

734025, Tajikistan, Dushanbe city, Rudaki ave. 17;
phone: (+992) 889-99-70-90

*In today's world, healthcare is considered a vital social institution for ensuring public health. An effective healthcare system enhances the reproductive potential of the population, makes a significant contribution to the development of the socioeconomic life of society, and ensures the quality of life of the population by addressing sector challenges. This article examines the challenges and trends in several healthcare indicators in accordance with the National Development Strategy of the Republic of Tajikistan through 2030.*

***Keywords:*** *healthcare, public health, strategy, healthcare indicators, medical institutions, number of beds, birth rate, mortality, causes of death, diseases.*

УДК: 316.624

# СОЦИАЛЬНАЯ ДИАГНОСТИКА КАК МЕТОД ПРОФИЛАКТИКИ СОЦИАЛЬНОЙ ДЕВИАЦИИ

**КОМИЛЗОДА МАВДЖУДА ДАВЛАТДЖОН,**
кандидат философских наук, докторант кафедры социологии
Таджикского национального университета
734025, Таджикистан, город Душанбе, проспект Рудаки 17;
тел: (+992) 935-14-80-80; email: komilova.1976@gmail.com

